САИДҚУЛ МИРАЛИЗОДА

# ОЛАМИ МЕҲР

Душанбе
«Адиб»
2015

ТБК 84 Тоҷик 7-5
М-65

Муҳаррир *Зиё Абдулло*

М- 65 **Саидқул Миралізода (Сабзаев). Олами меҳр** *(шеърҳо ва драма)*. – Душанбе, «Адиб», 2015, 192 саҳ.

Шеърҳову драмаи солҳои гуногун эҷодкардаи Саидқул Миралізода, ки аз боби меҳру вафодорӣ ва садоқату нангу ори ватандорӣ ҳикоят мекунанд, дар тарбияи ахлоқиву эҳсоси ватандӯстии хонанда нақши созгоре мегузоранд.

ISBN 978-99947-2-398-0

© Нашриёти «Адиб», 2015

# В А Т А Н

## САРҚОНУНИ ВАТАН

Сад сураи ҳаёт.
Қуръони халқи ман.
Дастури сарнавишт,
Имони халқи ман,

Сарқонуни Ватан,
Пайванди ҷону тан.

Мифтоҳи мушкилот
Дар боби зиндагӣ,
Роҳи наҷот аз
Гирдоби зиндагӣ,

Сарқонуни Ватан,
Пайванди ҷону тан.

Ту нӯшдоруӣ
Бар дарди рӯзгор,
Аз туст кори мо
Боавҷу бобарор,

Сарқонуни Ватан,
Пайванди ҷону тан.

Ту пандномаӣ,
Савгандномаӣ,
Хонам ба васфи ту
Садҳо чакомае,

Сарқонуни Ватан,
Пайванди ҷону тан.

Созем мо туро
Сармашқи кори худ,
Ҳар сатру фасли ту
Неку шиори худ,

Сарқонуни Ватан,
Пайванди ҷону тан.

## СОЛИ ТОҶИК

Ҳумоюн бод Истиқлоли тоҷик,
Ҳаёти хурраму иқболи тоҷик.
Шуда аз ғайрати ҳар як ватандор
Зи хубӣ хубтар аҳволи тоҷик.
Ба ҷавлон дар самои зиндагонист,
Салоҳу сулҳ бошад боли тоҷик.
Надидам ҳеҷ қавмеро ба олам
Ба номусу шараф амсоли тоҷик.
Бувад бунёдмаҳкам давлати мо,
Зи Сомонист баски Оли тоҷик.
Ба ин некахтарию сарфарозӣ
Хушо, бошад ҳамеша соли тоҷик!

## ХУДШИНОСӢ

Худшиносӣ пешаи мардонагист,
Худшиносӣ оини фарзонагист.
Худшиносӣ худнамоӣ ҳеҷ нест,
Худшиносӣ душмани бегонагист.
Худшиносӣ ифтихор аз давлат аст,
Худшиносӣ эҳтироз аз ғафлат аст.
Худшиносӣ поси шири модар аст,
Ҷоннисорӣ баҳри шаъни миллат аст.
Худшиносӣ эҳтироми Рӯдакист,
Ёди ҷастухезҳои кӯдакист.
Ҳифзи ҳар як зарраи хоки Ватан,
Ҷаҳд баҳри иттиҳод асту якист.
Худшиносӣ ҷонфидоӣ кардан аст,
Пеши модар ҷабҳасоӣ кардан аст.
Дар мароми набзи халқу мамлакат
Ҳамнавоӣ, ҳамсадоӣ кардан аст.
Худшиносӣ мулки озоди ман аст,
Хонадони тинҷу ободи ман аст.
Бахту иқболи ҳама имрӯзиён,
Рӯҳи поку шоди аҷдоди ман аст.

## СОҲИБИХТИЁРӢ

Хушо, тоҷик, соҳибихтиёрӣ,
Сари сабзу нумӯи навбаҳорӣ.
Муборак баъди яъсу ноумедӣ
Расидан бар муроду комгорӣ.
Ҳазорон сол буд ақвоми тоҷик
Ба тахту тоҷи Сомонӣ хуморӣ.
Талошу азми ту неку самар дод,
Муборак тахту бахту тоҷдорӣ.
Набошад миллате амсоли тоҷик
Баномусу шараф, бонангу оре.

Ба ҳифзи зарраи хоки диёраш
Бувад омода баҳри ҷоннисорӣ.
Чу ҳастӣ қавми бофазлу хирадманд,
Набинӣ ҳеҷ гаҳ хорию зорӣ.

## ТОҶИКИСТОН

*(Суруд)*

Нусхае аз Оли Сомон,
Ёдгоре аз ниёгон,
Сарзамини фазлу ирфон,
Кишвари пуршуҳрату шон.

Дар нигини даҳр марҷон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Қалби ту – водии Шумон,
Ифтихори ту – Зарафшон,
Тоҷу тахти ту – Бадахшон,
Хони эҳсони ту – Хатлон.

Сарҳади ту –марзи имон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Гулшани доимбаҳорӣ,
Обшору гулузорӣ.
Рӯҳбахшу меҳрборӣ,
Ҳусни оламгир дорӣ.

Рашки дунё, лавҳи ризвон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

Бо назокат дил барӣ ту,
Дӯстро болу парӣ ту,
Халқҳоро ёварӣ ту,
Баҳри мо чун модарӣ ту.

Бар ҳама дардӣ ту дармон,
Тоҷикистон, Тоҷикистон!

## ТАРОНАИ ДУШАНБЕ

Меҳвари Ориё,
Кишвари кибриё,
Шаҳри нуру сафо,
Дар дилу дида ҷо,

Эй Душанбеи ман,
Эй Душанбеи ман,

Модари меҳрубон,
Ту бузургӣ чунон,
Ҷой дар мағзи ҷон!
Сарвари сулҳ ту,
Минбари сулҳ ту,
Ахтари сулҳ ту,
Довари сулҳ ту,

Эй Душанбеи ман,
Эй Душанбеи ман,

Гаштаӣ дилситон,
Ифтихори замон,
Муътабар дар ҷаҳон!
Шаҳри доимҷавон,
Ту умеди замон,
Номдори ҷаҳон,
Қиблаи тоҷикон,

Эй Душанбеи ман,
Эй Душанбеи ман,

Чун нишон аз каён,
Ориёни ҷаҳон,
Маъмани тоҷикон!
То абад бахтёр
Бош дар рӯзгор,
Давлатат пойдор,

Азми ту устувор,
Эй Душанбеи ман,
Эй Душанбеи ман,
Бош ту дар амон,
Баҳри оядагон
Зинда мон ҷовидон!

## ИЛОҶЕ НЕСТ

Мулки ғайре гашта бар ман сарпаноҳ,
Аз ғарибӣ, бекасӣ, бечорагӣ.
Турбати модар диҳад зӯру тавон,
Дар диёри ҳасрату оворагӣ.
Метавонам бурд молу ганҷ низ,
Хешу пайванду ҳазорон ҷону тан.
Нест имконе сари мӯе вале,
То намоям интиқолат, эй Ватан!

## БАҲРИ ВАТАН

Дил насӯзад гар барои зарраи хоки Ватан,
Чун нарезад дида хун бар хотири поки Ватан,
Дил бурун аз сина орам, дида аз сар барканам.
Сар набозад гар ба дори адлу инсофи Ватан,
По нагардад бар муроду майлу аҳдофи Ватан,
Сар зи тан созам ҷудову пойҳоям бишканам.
Тан нагардад сангаре дар роҳи ағёри Ватан,
Даст агар фориғ бувад як лаҳза аз кори Ватан,
Дастҳоямро бибуррам, хок барпӯшам ба тан.

## ХУҶАНД

Сарбаландиро зи кӯҳи Мевагул омӯхтам.
Аз фарози ӯ назар бар рӯи олам дӯхтам.
Бошад андар сабру тамкин устодам рӯди Сир,
Эй Хуҷандам, ҳар гаҳе бе ту будам ман, сӯхтам.

Бо туям гар, гӯиё андар канори модарам,
Дур аз ту лаҳзае бе тоҷу тахту минбарам.
Ҳар куҷое шуҳратат моро шафоат мекунад,
Эй Хуҷандам, муттакоям, дастгирам, сарварам.

Эй Хуҷандам, гӯшаи поки ниёгони азиз,
Ҳамчу нури дидагони Тоҷикистони азиз.
Ту сазоворӣ ба ҳар авсофу сад мадҳу сано,
То абад бар тоҷиконӣ беҳтар аз ҷони азиз.

## БО ВАТАН

Воизонро ҷилва дар минбар хуш аст,
Ошиқонро дилбари дар бар хуш аст.
Зиндагонӣ баҳри ҳар озодмард
Бар Ватан бо хандаи модар хуш аст.

## ВАРЗОБ

Рӯди ту шарёни ишқ аст,
Реги ту марҷони ишқ аст,
Марзи покат хони ишқ аст,
Рӯйи хонат нони ишқ аст.

Дар канорат бӯйи ишқ аст,
Баҳс дар мавзӯи ишқ аст,
Аз ту раҳ бар сӯйи ишқ аст,
Шуҳратат аз рӯйи ишқ аст.

Ишқро бунёд дар туст,
Мулки ишқ obод аз туст.
Ғуссаро барбод аз туст,
Рӯзгорам шод аз туст.

Дар сари ту тоҷи ишқ аст,
Дар дилат амвоҷи ишқ аст.
Дилрабо вартоҷи ишқ аст,
Зиндагӣ муҳтоҷи ишқ аст.

Ишқобод аст номат,
Оҳуи ишқ аст ромат.
Чун баланд аст эҳтиромат,
Оламе бошад ғуломат.

## АНҶОМ НАДОРЕМ

Дар мулки дигар ҳеҷ гаҳ икром надорем,
Як лаҳза ҷудо аз Ватан ором надорем.
То зодаи тоҷик ҷаҳонгир нагардад,
Чизе ба ҷуз аз заҳр дар ин ком надорем.
Дар ғурбату хорист агар зодаи тоҷик,
Имону итоат чӣ, ки ислом надорем.
Хомӯш шавад шуълаи дил дар ватани ғайр,
Ҷуз дар сари санги Ватан илҳом надорем.
Ҷоиз набувад тuҳфаи худ бар дигаре дод,
Беҳтар зи Ватан аз фалак инъом надорем.
Бар Қаъбаи ҷовид чу азми сафар афтод,
Аз хоки Ватан хубтар эҳром надорем.
Чун шеър бувад фотиҳа оғози ҷаҳонро,
Мо аҳли адаб ҳеҷ гаҳ анҷом надорем.

## ТАРОНАИ ВАХШОНЗАМИН

Хоки ту ҳосил кунад зар,
Оби Вахшат-шири модар.
Ҷойи ҷонӣ, ҷони кишвар,
Ахтари бахтат мунаввар,

Сарзамини Вахши зархез,
Нозаninию дилангез.

Кишвари доимбаҳорӣ,
Хони эҳсони диёрӣ.
То даме Вахш аст ҷорӣ,
Ту набинӣ ҳеҷ хорӣ.

Вахши ман, бахти дучандам,
Аз ту шоду сарбаландам.

Ҷаннати рӯи заминӣ.
Қитъаи нав-ҳафтуминӣ.
Устуворию матинӣ.
Бахти неки одаминӣ.

Нони ман, Вахшонзаминӣ,
Ҷони ман, Вахшонзаминӣ!

Фитратам аз панди Вахш аст,
Номвар фарзанди Вахш аст.
Субҳ як лабханди Вахш аст,
Оламе дилбанди Вахш аст.

Набзи қалбам мавҷи Вахш аст,
Авҷи ман аз авҷи Вахш аст!

## ВАҲДАТ

Бо холзанӣ навиштам андар дили худ
Ман номи хуши ту, ай Ватанҷони азиз.
Ҳаккок шудам барои тасвири рухат
Бар лавҳи ду дидаи дурахшони азиз.
Ду панҷа қаламча созам аз ғояти меҳр
Бар ҷойи ниҳоли хушк дар боғи Ватан,
Бар хеш раво диҳам ҳазорон ғаму дард,
То кош, набинаме ягон доғи Ватан.
Гарди қадамаш ба хасми малъун надиҳам,
Бошад чу амон сарам дар ин дайри куҳан.
Овораю дар ба дар дар ин даҳр наям,
То ҳаст Ватан чу ҷони ширин бари ман.
Яздону Ватан ягона бошад зи азал,
Яздону Ватан яканд бо модари ман.

## ҶАШНИ ИСТИҚЛОЛ

Ҷашни Истиқлол табрик, эй Ватан!
Нашъаи иқбол табрик, эй Ватан!
Кишвари фархундаи ободи ман,
Некуиаҳвол табрик, эй Ватан!
Сарвари ту-ақли оламгири халқ,
Пойдор амвол табрик, эй Ватан!

Шуҳратат ҷавлон занад рӯйи ҷаҳон,
Ин пару ин бол табрик, эй Ватан!
Соҳиби аврангу тоҷ астӣ зи нав,
Бахти беамсол табрик, эй Ватан!
Боз парчамдори олам мешавӣ,
Ин хуҷаста фол табрик, эй Ватан!

## ТОҶИКИСТОН

Қисмат аз хоки Ватан гар лаҳзае дурам кунад,
Ҷуз Ватан меҳре пазирам, эй Худо, кӯрам кунад,
Туъмаи хоки хунук гардад ду пои ман, агар
Марзи покат тарк созад, зинда дар гӯрам кунад.
Луқмаи ноне нахоҳам хӯрд аз хоне дигар,
Нафси саркаш гар зи рӯи ҳирс маҷбурам кунад.
Маҳв гардад дар ғарибӣ пайкар аз ҳаҷри Ватан,
Ёди ӯ чун нӯшдору ҷон диҳад, зӯрам кунад.
Модарӣ ту, эй Ватан, ин зиндагӣ мардуд бод,
Аз канори ту агар як лаҳза маҳҷурам кунад.
Ҳамчу Сомонӣ агар як сарсупори миллатам,
Номи ту, эй Тоҷикистон, боз машҳурам кунад.

## ТАРОНАИ КӮЛОБ

Чун пораи ҷон бар Тоҷикистон,
Покизадомон, ту марзи имон.
Пири хирадманд, сар то ба по панд,
Бар ман ту дилбанд ҳамчун Самарқанд.
Мулки далерон, бас родмардон,
Ту наҷми тобон, ҳамвора рахшон.
Ту модари ман, ҳам сарвари ман,
Ту минбари ман, ҷон дар бари ман.
Ҳақгӯю ҳақҷӯ, инсонпарастӣ,
Дилсофу якрӯ, дурӣ зи пастӣ.
Буду набудам, шеъру сурудам,
Ҳар ҷо ки будам, ёди ту будам.
Зебойшаҳрам, ту барру баҳрам,
Бо ту бифахрам, ту рашки даҳрам.

## ПАРЧАМИ ВАТАН

Ба партавфишонӣ
Чу рангинкамонӣ,
Ба болобаландӣ
Чу боми ҷаҳонӣ.

Ту беҳин нишонӣ
Зи фарри каёнӣ,
Вуҷуди Ватанро
Ту ҷонӣ, ту ҷонӣ.

Ту рӯсурхии мо,
Ту бахти сафедӣ,
Сари сабзи моӣ,
Навиди умедӣ.

Ҳар алвонҷат акнун
Бувад дасти даъват
Ба тавҳиди миллат,
Ба таҳкими давлат.

## ДЕҲА

Моҳичаҳои ҷӯяш
Зармоҳии дили ман,
Аз обу хоки ин ҷӯ
Ҷӯед ҳосили ман.

Бӯйи бушолу фаркаш
Атри Фаронса дорад,
Қолини сабзи пушта
Садранг қисса дорад.

Ҳар чак-чаки чаковак
Сад банди нота бошад,
Чун равзаи биҳиште
Гулбоғу ҳота бошад.

Дорую сӯзани мо
Янтоқу хори кӯҳаш,
Оҷиз бувад забонам
Дар гуфтани шукӯҳаш.

Ҳайфо, дигар наёбам,
Моҳичаҳои заррин,
Бигзашт навҷавонӣ,
Ҳамчун хаёли ширин.

## МАНЗУМАИ РОҒУН

Бунёди Роғун амри замон аст,
Бар миллати мо ин имтиҳон аст.
Сарҷӯи нури ваҳдат бувад он,
Майдони фатҳу нусрат бувад он.
Роғун, ки роғи дил мефурӯзад,
Бар ҷисми кишвар гил мефурӯзад.
Оби ҳаёту нури ҳаёт аст,
Ҳамхонаи нур, оби нишот аст.
Бунёди тоҷик бунёдкорист,
З-ин рӯ ба олам овозадорест.
Бунёди Роғун-армони тоҷик,
З-ин азм олам-ҳайрони тоҷик.
Рӯйи заминро ҳарчанд кобӣ,
Ҳамсанги Роғун ҷое наёбӣ.
Нерӯю ғайрат мо ғун бисозем,
Мо пиру барно Роғун бисозем.
Мо халқи тоҷик Фарҳодсонем,
Бунёди Роғун мо метавонем!
Обу гили мо-Роғун, ту Роғун!
Ҷону дили мо-Роғун, ту Роғун!

## МАҲБУБИ КИШВАР

Ба рӯ обича дорад мавҷи дарё аз сабуксорӣ,
Зи безобитагӣ амвоҷ аз соҳил кашад хорӣ.
Ба хок аз дидаи хуршед ашки нур мерезад,
Аз он ки теғи офоқаш кунад ҳар шом хуншоре.
Само бошад агар покиза, хандад чеҳрааш умре,
Чу тардоман шавад, ашкаш бувад ҳар лаҳзае ҷорӣ.
Ҳазорон ганҷро мебахшад ӯ бахри сиҳатмандӣ,
Агар бошад кашида лаҳзае ӯ ранҷи беморӣ.
Зи шарми бебарист ин хоксорӣ беди маҷнунро,
Вале бошад тавозуъ токро аз файзи пурборӣ.
Сайид, аҳбоби кишвар мешавад ҳар фард дар олам:
-Ба некукориву хидматгузориву фидокорӣ.

## МОМИ ВАТАН

Ҷон дамад андар бадан чун бишнавам номи Ватан,
Сарфарозӣ мекунам аз ҳарфу пайғоми Ватан.

Бо Ватан чун Хизр дарёбам ҳаёти ҷовидон,
Кош, мегаштам фано, нодида анҷоми Ватан.

Чун саги дайду диҳад ҷон дар ягон вайронае,
Он кӣ нашносад мақому қадру икроми Ватан

Ҳаҷҷи ту набвад қабули даргаҳи Парвардгор
Гар бурун созӣ зи тан як лаҳза эҳроми Ватан.

Талхкомам ман зи қорунии мулки дигаре,
Шодкомам аз гадоии таги боми Ватан.

Аз уқобии самои ғайр месозам ҳазар,
Шодам, арчи мурғи побанди дили доми Ватан.

Дар гулӯям заҳр гардад шаҳд аз хони дигар,
Шаҳд гардад дар даҳонам заҳр аз ҷоми Ватан

Мешавад фарзонафарзанду шарафманди диёр,
Он кӣ гирад як дуои хайр аз моми Ватан.

## МОНД...

Боди ёди деҳаро хотир чу бар тавсан нишонд,
Дидаам селоби ғам бар водиву барзан биронд.

...Духтари ҳамсоя Лайлӣ буду ман Маҷнуни ӯ,
Қайси ман аз боғи васле лолае ночида монд.

Дар алифбои нигоҳи мо ҷаҳони роз буд,
Ишқбозӣ чун муаммо то кунун печида монд.

Дар дилам аз марги модар талхии андӯҳу ғам,
Таъми тути тар ба лаб аз бӯсаи Хуршеда монд.

Кишта будам аз ҳавасҳо тухми садҳо орзу,
Ҳайф, к-аз кӯтоҳдастӣ ҳосилаш ночида монд.

Гар тавофи сад мазору гӯру турбат кардаам,
Деҳаву ҳар санги он чун беҳтарин маъбуда монд.

## НАБИДҲАМ ЯК САРИ ХОРИ ВАТАН

Ғанимат дон ту андар зиндагии хеш ҳар дамро,
Ки монад умри ту бар рӯйи гул афтода шабнамро.

Магӯ, бар хандаи рӯзона боис гашт кори шаб,
Самар аз кишти шабҳангом бошад тухми одамро.

Бувад чун ҳайкалистон ҷашни бе рақсу суруду базм,
Гули оҳу фиғон зебо кунад саҳрои мотамро.

Машав навмед аз беҳосилии қомати чун сарв,
Чу шасти моҳии тилло намоӣ қомати хамро.

Ҳама дарду аламҳои ҷаҳон пинҳон кунам дар дил,
Наёбад то ки мулки Тоҷикистон зарраи ғамро.

Сиришки оҳу афғоне кунам аз чашми худ ҷорӣ,
Нагирад то ки чашми Тоҷикистон қатраи намро.

Набидҳам як сари хори Ватанро бар ту, эй тоҷир,
Баробарқадр агар созӣ бар он ту ҳар ду оламро.

## МАН ҲАСАД МЕБАРАМ…

Ман ҳасад мебарам бар он санге,
Ки сутуни бинои Роғун аст.
Ман ҳасад мебарам бар он шоир,
Шеъри ӯ дар ҳавои Роғун аст.

Ман ҳасад мебарам бар он обе,
Мезанад мавҷ дар дили Роғун,
Ҷунбиши мавҷи дилкаши дарё
Шӯр бахшад ба маҳфили Роғун.

Ҷон фидо мекунам бар он дасте,
Дида обичаҳову шахшӯл аст.
Канда Фарҳодсон синаи кӯҳ,
Пайи ободкорӣ машғул аст.

Ман ҳасад мебарам ба коргаре,
Назди ҳампешаҳо сарафроз аст.
Бо дили шоду қудрати бозу
Дар пайи кашфиёту эъҷоз аст.

Ҷаҳд созам миёни кӯҳистон
Аз тани худ бисозамат сарбанд.
Нури ту сар шавад зи синаи ман,
Оламеро диҳад ба ҳам пайванд.

## НОМВАРТАР МЕШАВӢ

Ҳар ваҷаб сарбанди Роғун сарфарозам мекунад.
Нури барқаш ҷовидонӣ бениёзам мекунад.
Рақси обу савти кабку ҷилваи гулҳои ӯ.
Дар дами пирӣ, гумонам, ишқбозам мекунад.

Зар на, баҳри халқи ман номусу нангаш сарват аст,
Ҳар гиёҳи кӯҳу ҳар як пора сангаш сарват аст.
Сарвати мулке гар аз тороҷ бошад, баҳри мо
Обу чанги мавҷҳои шӯху шангаш сарват аст.

Роғун ойӣ, марди майдону диловар мешавӣ,
Дар набарди зиндагӣ умре музаффар мешавӣ.
Тоҷики бонанги ман, бо дасти худ Роғун бисоз,
Номдорӣ!
Дар ду олам номвартар мешавӣ!

## СОҲИБКАРОМАТ

*(Ба эҳтироми рӯҳи пурфутӯҳи орамидаи аллома
Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ)*

Кӯлоб гулафшон шуд,
Онро чу Ватан кардӣ.
То халқ раҳад аз ғам,
Чавшан ту зи тан кардӣ.

Як ҷилваи килки ту
Асрори ҷаҳон бикшод,
Сеҳри суханат умре
Раҳ бар дилу ҷон бикшод.

Маҳбуб ба Кӯлобӣ,
Аслат гар аз Эрон аст,
Лутфу карами тоҷик
Бар рӯйи ту борон аст.

Бо мақдами ту Кӯлоб
Гулгашту чаман гардид,
Маъвои бузургону
Фарҳангу сухан гардид.

Бар мардуми кӯлобӣ
Мирӣ туву ҳам ҷонӣ,
Сархайли бузургонӣ-
Пайғомбари сонӣ.

Рӯҳи ту ба ҳар ҳолат
Ҳомию мададгор аст,
З-ин рӯй ба халқи ман
Иқболу шараф ёр аст.

## ХОКИ ВАТАН

Чун Хизр манаш зинда бувам, то ки Ватан,
Дорам ба забон мудом тарёки Ватан.

Бо амри тасодуф ар хӯрам, дур кунам
Нони ватани дигар ба мисвоки Ватан.

Гар қасди фирори ӯ кунам, бор-Худо,
Муҳтоҷ намо ба соҳати хоки Ватан.

Сад ҷони бурунрафтаи дур аз Ватанам
Ояд ба бадан зи накҳати хоки Ватан.

З-оғӯши занони Мисру аз маснади Миср
Он беҳ, ки ту бошӣ сайди фитроки Ватан.

Ду чашм шавад ду ҷӯйи хун аз ғаму дард,
Бинам чу даме дидаи намноки Ватан.

Дар мактаби Лоҳутӣ сабақ омӯзам,
Аз тарзи ватандорию идроки Ватан.

Гарди қадамаш ба харҷи олам надиҳам,
Чун шуҳра шудам ба ҳифзу имсоки Ватан.

Ҳампояи Макка чун бувад кишвари мо,
Созем тавофи Каъбаи хоки Ватан.

## ҶОВИД БИМОНӢ

Будан бари ту соясифат бар ҳама ид аст,
Бар халқ сари сабзи ту аз бахт навид аст.
Гар шоҳи дусад Миср шавам, дил нигарон аст,
Бар ман сари ҳар санги ту Канъони умед аст.
Муштоқи тамошои биҳишт аст ҳар он кас,
К-ин равзаи ризвони туро ҳеҷ надидаст.
Осон набувад, хасм кафи хоки ту бинад,
Тоҷик зи тан гирди ту сангар бикашидаст.
Эъмори бинои шарафат қасду маромам,
З-ин рӯй ту осудаву бахти ту саид аст.
Ҳаргиз накунад хор туро мардуми тоҷик,
Аз хоки ту бас хадраи меҳраш, ки дамидаст.
Ҷовид бимонӣ ту ба ин давлату маснад,
Иқболи ту аз арш чу хуршед падид аст.

## САҶДАГОҲ

Ҳар санги роҳат Каъбаю ҳар пайраҳи ту-ҷонамоз,
Ҳар қатра обат Замзаму ҳар марзи покат-маҳди ноз.

Ғарқанд кулли мулки даҳр имрӯз андар мушкилот,
Ҳастӣ Худодод, эй Ватан, эй мулки доро, сарфароз.

Гаштам саропои ҷаҳон, дунёи паҳну бекарон,
Мулке надидам ҳамчу ту маъмуру шоду дилнавоз.

Аз гӯшаи имон бувад бар кас ватандорӣ агар,
Ҳастӣ шаҳодатномаам, мушкилкушоюю корсоз.

Оғӯши ту маъбад бувад бар ҷамъи фарзандони ту,
Бар ту суҷуд орем мо, эй қиблаи розу ниёз.

## ВАТАНДОРӢ

Бувад то з-одамизода нишоне, ман Ватан дорам,
Бувад то дар диле як ормоне, ман Ватан дорам.
Бувад то ин самову ин замину обу хоки он.
Бувад то дар вуҷудам гарди ҷоне, ман Ватан дорам.
Ватандорӣ нишони нангу номусу шараф бошад,
Ба ҳифзи ӯ ватандор истода ҷон ба каф бошад.
Ватандорию поси ҳурмати модар бувад яксон,
Ватан чун гавҳару соҳибватан ҳамчун садаф бошад.
Ватандорӣ сари болою шаъну шуҳрати мард аст.
Ватандорӣ таҳаммул бар ҳазорон кулфату дард аст
Ватангумкарда умре дар суроғи бахту иқбол аст.
Ватандорӣ сутуни давлату уммеди ҳар фард аст.
Ватан кардан диёри ғайрро, бешак, зи ночорист,
Ба ҳар як санги мулки худ суҷуд орӣ, ватандорист.
Ватангумкарда Қорун дар ғарибӣ бенаво мирад,
Кафи хоки Ватанро ганҷ бишморӣ, ватандорист.

## ТОҶИКАМ

Аз Рашту Зарафшону Бадахшону Ҳисорам.
Хатлону Самарқанду Бухоро ба канорам,
Аз Марву Сиистонаму Фарғона, Ҳиротам.
Тоҷикаму олинасабу сулҳшиорам.
Искандари бераҳм ба путкаш ба сарам кӯфт.
Бо сумби шутур ҳар араб андар камарам кӯфт.
Вайрона шуд аз ҷаври муғул хонаи обод,
Аврупо аз инҳо батару бештарам кӯфт.
Тоҷик чу Сино, ки даҳо дода тавонист.
Асрори ду гетӣ ҳама бикшода тавонист.
Аз авҷи Зуҳал ҷумлаи илм ӯ ба каф овард,
Бас наҷми тамаддун ба само дода тавонист.
Аз панҷаи наҳси ҳамаи қавм бираст ӯ,
Имрӯз пайи қудрату эъмори худ аст ӯ.
Монанди уқобе, ки бурун аз қафас ояд,
Озода Ватан пас надиҳад ҳеҷ зи даст ӯ.
Дигар раҳи бахтам на бубастан битавонанд,
Кадводаи мулкам на шикастан битавонанд,
Растан зи ниқорам на рақибон битавонанд.
Дар маснади шоҳим нишастан натавонанд.
Мо халқи бафарҳангу баномусу банангем,
Мо ҳомии сулҳи башару душмани ҷангем,
Кандан натавонанд дигар решаи моро,
Зеро ки чу Помир ба ваҳдат кӯҳи сангем.

## БА ЁДИ ВАТАН

Аз хуруфи абрҳои осмон
Гашт ҳосил вожае танҳо-Ватан,
Аз садои резиши борони ӯ,
Оядам бар гӯш як ово-Ватан.
Чашма чун аз қулла ҷорӣ гашт, зор
Дар ғами сарчашмааш нолад мудом,
Нолаи кабк аз қафас ояд ба гӯш
Дар фироқи кӯҳсорон субҳу шом.
Дар ғами модар чу резад ашки ман,
Мешавад ҳар қатрааш садпорае,
Дар фироқи чашмҳои пурнамам,
З-он ки шуд ӯ аз ватан оворае.
Офтоб ар дур гардад з-осмон,
Хун бигиряд дар шафақ то субҳдам,
Шуъла аз фонус чун гардад бурун,
Ҳеҷ асар аз худ намонад бешу кам.
Шаб зи ҳиҷрони само-маъвои хеш
Субҳгаҳ резад сиришки шашқатор,
Баҳра аз умраш набинад одаме,
Гар ҷудо гардид аз ёру диёр.
Об аз гармӣ чу мегардад бухор,
Аз само ӯ қасди ҳиҷрат мекунад,
То биояд бозпас бар зодбум,
Хешро ашки саховат мекунад.
Чун шавад маҳдуд маҳ аз сайри шаб,
Рафта-рафта оқибат кам мешавад,
Боз чун ҷавлон занад андар само,
Равшанӣ бар чеҳрааш зам мешавад.
Чун Ватан ҷон аст бар ҳар ҷисму тан,
Ҳар кирою ҳар чиро бошад Ватан.
Санг ҳам гар ҷойгардон мешавад,
Гум кунад тамкини бунёди куҳан.
Бе Ватан ҳамчун гадоям дарбадар.
Устухоне дар гулӯи рӯзгор.

Резасанги луқмаи нони даҳон,
Чун хазондида дарахте дар баҳор.
Гар аду нони даҳонамро барад,
Ганҷу моли шойгонамро барад.
Ҷон гарав созам, набигзорам вале,
То ки душман ошёнамро барад.
Тоҷикистон! Ман фидои номи ту,
Дар канорат не ғарибам, не гадо,
Сарвати ман хоки поки пои туст,
Турбатам ҳам нест з-оғӯшат ҷудо!

## ҒАМИ ВАТАН

Ватан қимат, ғамаш бо ӯ баробар,
Баҳои меҳри ӯ бошад ғами ӯ.
Ба нархи сад ҷаҳон надҳам Ватанро,
Намоям шукри ҳар бешу ками ӯ.
Ватанро гар дили ман ошён аст,
Бувад сарсабзиам аз шабнами ӯ,
Барояд ҷони ширин аз тани ман,
Набошам лаҳзае гар ҳамдами ӯ.
Бимон дар мотами ман навҳа созанд,
Набинам, кош, ҳаргиз мотами ӯ.

## ИСТИҚЛОЛИ МО

Тахту тоҷи мост Истиқлоли мо,
Аз Худо эҳдост Истиқлоли мо,
Тоҷиконро баъди чандин қарнҳо
Муждаи эҳёст Истиқлоли мо.
Мо кунун қавми парешон нестем,
Тору пуди мост Истиқлоли мо,
Дӯст дорад хубрӯёнро Худо,
Бин, чӣ сон зебост Истиқлоли мо.
Зиндагӣ бе он гумони ботил аст,
Шаҳраҳи фардост Истиқлоли мо.
Ҷон фидо созем андар ҳифзи ӯ,
Ганҷи ин дунёст Истиқлоли мо.
Нангу номусу шараф, иқболи мо,
Ифтихори мост Истиқлоли мо.

## АРЗИ МЕҲР

Ватан, ёди ту ҳар куҷо дар дилам,
Ватан, рӯи ту шамъи ҳар маҳфилам.
Ватан, хоки поки ту обу гилам,
Сари санги ту беҳтарин манзилам.
Ватан, хорбунат бароям гул аст,
Ба ҳар шохи ӯ чаҳ-чаҳи булбул аст.
Ватан, пешвоӣ туву сарварам,
Ватан, шавқи ту доимо бар сарам.
Ватан, ҳамрадифӣ ту бар модарам,
Ватан, заррахокат ба ҷон меҳарам,
Ватан, шири модар, Ватан, об ту,
Ватан, бебаҳо, ганҷи ноёб ту.
Ватан, ҳамчу фарзанди бонанги ту,
Ҳаме посбонам ба ҳар санги ту.
Ватан, лашкари бовафои туем,
Ба дарду гудозат давои туем.
Ба мо нангу номусу шаъну шараф,
Барои дифоят кашидем саф.
Газанде набинӣ ту, Модар-Ватан,
Ба ҳифзат сипар карда мо ҷону тан!

## ВАТАН

Ватан, монандаӣ бар модари ман,
Парастору шафиқу сарвари ман.
Каси бемодар ар танҳо сағир аст,
Ватангумкарда хор асту ҳақир аст.
Агар модар бирафтаст аз сари мо,
Ватан бошад ҳамеша ёвари мо.
Ҷудо гаштам агар з-оғӯши модар,
Ватан гирад маро як умр дар бар.
Чу модар рафт, монад насл аз он,
Ватан мирад, бимирад ҷумла инсон.
Чу бар ман модарӣ, бар модарам ҳам,
Ватан, воломақомӣ дар ду олам!

## БАЪДИ МАН

Ғами Ватан зи баъди ман кӣ мехӯрад?
Ками Ватан зи баъди ман кӣ мехӯрад?
Хазондилони беҳунар пуранд, ҳайф,
Ғами шукуфтани чаман кӣ мехӯрад?

# М О Д А Р Н О М А

## ШАБИ МОДАР

Исторае, ки канда шуд аз чодари само,
Чуғзе наво зи гӯшаи вайрона мекунад.
Дар панҷаи гулӯи дара боди раҳгузар
Чун шери шарза наърае аз лона мекунад.
Аз ранҷи рӯз обу арақ аз ҷабини шаб
Шорида рӯи чеҳраи гул, хона мекунад.
Корида бӯса бар рухи дилдори худ ҷавон,
Хуш пайравӣ ба шеваи парвона мекунад.
Овози булбуле ба гӯш аз дур мерасад,
Гесӯи рӯд мавҷҳо дар шона мекунад.
Пистон ба лаб гирифтаю осуда тифлаке,
Дар хоби ноз бошаду парво намекунад .
Бо шири субҳ шуста шаби тор рӯи хеш,
Аз покии вуҷуд гуҳар дона мекунад.
…Дар поси хеш – дар сари гаҳвора модаре
Бо хоби нози тифл чӣ субҳона мекунад.

## ЧИСТОНИ МОДАР

Бӯи нон меояд аз дастони модар,
Бӯи ҷон меояд аз пистони модар.
Бӯи нону бӯи ҷону бӯи имон
Накҳати ҷонпарвари домони модар.
Байни садҳо ояте ҳаргиз надидам,
Ҳамрадифи ояти Қурони модар.

Сар шавад роҳи ҳама бар сӯи ҷаннат,
Аз канори равзаи ризвони модар.
Чун баҳорон олами ҳастӣ шукуфад,
Чун бубинад чеҳраи хандони модар.
Гар яке фарзанди ӯ солеҳ наояд,
Дар ду олам нашканад армони модар.
Марди мардон бо тамоми зӯрмандӣ,
Бори дунё кай кашад бар сони модар.
Зоҳид аз зуҳдаш хиҷил гардид, чун дид
Иқтидору қудрати имони модар.
Ҷони ман, ҷони Ватан, ҷони ҷаҳон аст
Ҳиссае аз сарвати эҳсони модар.
Ҳар ду олам шуд фидои хоки пояш,
Чист дигар, то кунам қурбони модар?!
Худ ҷаҳоне, сад ҷаҳон дар ӯ муҷассам,
Рамзи ҳастӣ - зоҳиру пинҳони модар.
Метавон бикшуд қуфли сад муаммо,
Менаёбад лек кас чистони модар.

## ОТАШИ МЕҲР

Ту оташофару ту кадхудои кӯраи оташ,
Ба рӯйи ҷонамози оташу бо сураи оташ
Мададхоҳ аз Худовандӣ барои толеи фарзанд,
Ки ҷонат чун наво сар дода аз танбӯраи оташ.
Фидои оташи рӯят, ки ҳамчун оташи гардун
Навид аз файзи борони саодат медиҳад, модар!
Фидои оташинҷонии ту,к- аз ҳалқаи оташ
Зи сӯзу сози ту умре шаҳодат медиҳад, модар!
Танӯри хонаи олам зи дастони ту тафсон аст,
Аду аз рашк андар оташи қаҳри ту сӯзон аст.
Ба тасфи меҳри ту ҳар хомиеро пухтан осон аст,
Ҳаёт аз оташи меҳри ту хандону шукуфон аст.
Нигаҳбонӣ ту умре оташи Зардуштро, модар!
Гираҳ кардӣ ба хасми ӯ ҳамеша муштро, модар!
Ту ҷунбондӣ ба рӯи офтоб ангуштро, модар!
Ки чун ман дар заминам, нест даркор оташе дигар.

Ту он оташ, ки шамъи зиндагӣ афрӯхтан дорӣ,
Барои бахти фарзандон талоши сӯхтан дорӣ.
Зи оташ шуълаӣ, ки куртаи нуре ба тан дорӣ,
Ба сӯзу сохтанҳоят ба ҷони дил ватан дорӣ.

## ҲАСРАТИ МОДАР

Зи абри чашми худ бо ёди модар,
Ҳаме борони найсон мефишонам,
Ба дафтар аз раги ангушти хома
Сиришки қалби нолон мечаконам.

## ТАМАННО

Нагардӣ то ту модар, ранҷи модарро чӣ медонӣ,
Набошӣ то падар, қурбонии сарро чӣ медонӣ.
Ба ҳар духтар, Худоё, тахту бахти модарӣ бахшо,
Падар кун ҳар ҷавонеро, сариву сарварӣ бахшо!

## ҲАМ АВВАЛИН, ҲАМ ОХИРИН

Модар нахустин шоир аст,
Ҳар тифли ӯ як достон,
Ҳар як суруди аллааш
Девони ишқу ормон.
Ҳам ӯст меъмори нахуст,
Тарҳи ҳаёт ӯ мекашад.
Хиште агар беҷо шавад ,
Заҳри ҳалоҳил мечашад.
Модар нахустин вожа аст
Дар дафтари тифлии ман,
Ҳам охирин алфоз ӯст
Дар рафтани ҷон аз бадан.

Ҳам аввалин, ҳам охирин,
Бунёдбахши зиндагист.
Мақсуди ӯ андар ҳаёт
Бахтоварӣ, созандагист

## МОДАР ВА ҶАНГ

Оташи ҷанги ҷаҳонро модарам
Бо сиришки дидаҳо хомӯш кард.
Ҳурмати ҳар қатраи хуни шаҳид
Ҷуръае аз хуни дил ӯ нӯш кард.
Ҷангу модар - вожаҳои мухталиф,
Ҳар ду умре душмани ҳамдигаранд.
Модару оини ӯ созандагист,
Ҷангро ҳосил набошад ҷуз газанд.
Бо сиришту тинати сулҳоварӣ
Ҳаст модар аз пайи барбоди ҷанг,
Ҷанг натвонад миёнаш бишканад,
Қодир аст ӯ, барканад бунёди ҷанг.

## БӮИ ШИРИ МОДАР

Чун нишон аз модарам санги мазораш мондааст,
Сафҳае аз шаҳкитоби рӯзгораш мондааст.

Ҳар қадар созам тавофи санги ҳайкалвори ӯ,
Бештар гирад хумори ӯву гардам зори ӯ.

Меҳри ӯ ҳар лаҳзае мебурд сӯи деҳаам,
То бубинам сер рӯйи ӯву рӯйи деҳаам.

Бар ҳама фарзанди деҳа меҳр модарвор дошт,
Чун диле аз лутфу эҳсон доимо саршор дошт.

Рӯзи маргаш тира шуд гардун зи оҳи сарди деҳ,
Мезад об аз чашм мардум рӯйи чангу гарди деҳ.

Модарамро хоки деҳ дар бар чу он дам мегирифт,
Чашми ҳар як зарраи хок аз алам нам мегирифт.

Монд ӯ чун модари ғамхор андар ёди деҳ,
Нусхаи некӣ миёни дафтари эҷоди деҳ.

Рӯйи гӯраш ҳар баҳорон лола сар бар мекунад,
Лолаҳои деҳа бӯйи шири модар мекунад.

## ТОҶИ САР

Аз қудрати ту санги сияҳ дурри Адан шуд,
Дар пайравии ҳусни ту ҳар дашт чаман шуд.
Аз шири сафеди ту сафед аст раҳи мо,
Ҳар қатраи он қуввату неруи бадан шуд.
Аз пои муборакқадаму меҳри зиёдат
Ин хоки сияҳрӯй ба мо нек Ватан шуд.
«Аз рони чапи мард сириштанд занонро»,
-Эй бехирад , инсоф, ки афсона куҳан шуд.
Авроди забони ҳама гардид ҳар он сатр,
То номи ту андар сари он зеби сухан шуд.
Соҳибзафару комраво гашт ҳамон халқ,
Тоҷи сари ҷомеа агар модару зан шуд.

## ШИРИ МОДАР

Монда таъми шири рӯҳафзои ӯ дар коми ман,
Ё маро чун тифл ҳоло ҳам маконад моми ман?
Шири ӯ бошад гувоҳи сафвати имони ман,
Лаззати нони ману мағзу ғизои ҷони ман.
Шири испедаш раҳи умри маро испед кард,
Ҳамнишин бо ахтару бо моҳу бо хуршед кард.
Дар набарди зиндагӣ пирӯз кард, устод кард,
Қасди ҳар бадтинатеро маҳву бебунёд кард.

Мазраи умри маро борони найсон будааст,
Бо хазони зиндагӣ дасту гиребон будааст.
Оби зам-зам рашк аз покию таъмаш бурдааст,
Аз равонбахшии ӯ умре кунун озурдааст.
Шири модар қуввате бар хуни шарёни ман аст,
Боиси таҳрики умру файзу эҳсони ман аст.
Доруи садҳо маризиҳост ҳар як қатрааш,
Аз ҳама ганҷи ҷаҳон болост ҳар як қатрааш.
Гар ҳалол аст ӯ ба фарзанди вафодори Ватан,
Ғарқ созад носипосонро ба хуни хештан.
Нест чизе з – он муқаддастар ба ман дар баҳру бар,
Дар намозам зикри номи ӯ бувад шому саҳар.

## ГАҲВОРА

Қасру кӯшку қалъаи модар фақат гаҳвора аст,
Сарвату ганҷинаи ӯ тифли гавҳарпора аст.
Нохудои завраќи гаҳвора дар баҳри ҳаёт,
Нуҳ бо тӯфони худ ҳам назди ӯ бечора аст.
Набзи сайёраст баски ҷунбиши гаҳворааш,
Зиндагонӣ аз азал дар ҷунбиши ҳамвора аст.
Гар надонад ҳар кӣ қадри модару гаҳворааш,
Бенасиб аз умру дар рӯйи замин овора аст.
Он кӣ дорад пос шири поку меҳри модарон,
Дар самои беғубори зиндагӣ истора аст.
Гар ҳама дунё ватан гардад туро, бар ёд ор,
Ки сароғози ватандории ту гаҳвора аст.

## ҶАННАТИ ФАРЗАНД

Ҷаннати фарзанд хоки пои модар будааст,
Ҳар кӣ тоат орад ӯро, некахтар будааст.
Дар сафар рахтӯша сад хирвор дорӣ, бехабар,
Як дуои модар аз сад тӯша беҳтар будааст.
Гар бувад дар офариниш пайрави Парвардгор,
Тоати ӯ баҳри мо чун ҳаҷҷи акбар будааст.

Холаю хоҳар маро бар ҷои ҷон мепарваранд,
Эй азизон, меҳри модар лек дигар будааст.
То маро ӯ рафт аз сар, нест шомамро саҳар,
Ӯ самои зиндагиро шамси Ховар будааст.
Ҳар кӣ дорад пос меҳру шири поки модараш,
Дар ду олам сарбаланду тоҷ бар сар будааст.

## ИФТИХОРИ ЗАН

Аз само исторае орад агар,
Аз замин ҳосил намояд симу зар,

Шоире ё олиму хунёгарест,
Додхоҳу додварзу доварест,

Шоҳ аст ӯ ё вазиру заргарест,
Андар ин олам ягона сарварест ,

Ҳамчу Рустам ғолиби садҳо набард,
Ё шифобахши ҳазорон ранҷу дард,

Ин ҳама мардонагии ҳар зан аст,
Қадри ӯ чун зан зи модар будан аст.

## МЕҲРИ МОДАР

Дарди мо яктову аз модар ҳазорон будааст,
Дарди мо тире, ба модар тирборон будааст,
Оламеро дарди як модар миёнаш бишканад,
Дарди ӯю ҷаври ҳар ду даҳр яксон будааст .
Сулҳу амният надидам пойдор андар ҷаҳон,
Дар бари модар, вале ҳоле ба сомон будааст.
Аз Худо имон агар дорӣ талаб, эй бехабар,
Ҳар кӣ ҳурмат кард модарро, баимон будааст.
Умри худ зоеъ намудӣ дар пайи номусу нанг,
Поси шираш беҳтарин номусу виҷдон будааст.

Рӯзии худ ёфт умре оламе аз хони ӯ,
Модар аз рӯзи азал худ кони эҳсон будааст.
Бо суруди аллааш ӯ пандборонам намуд,
Ҳосили он аллаҳо ин шеърборон будааст.
Дар ду олам нест чун модар табиби ҳозиқе,
Як дуояш баҳри кулли дард дармон будааст.
Ҳар дам ӯ меофарад дар зиндагӣ муъҷизае,
Назди эъҷозаш паямбар низ ҳайрон будааст.
То камар бастам барои хидмати ӯ , ғафлато,
Умри ӯ кӯтаҳ чу ашки нӯги мижгон будааст.
Модари тоҷик нахли бодрезакмева нест,
Зодаи ӯ қаҳрамони давру даврон будааст.
Гар бувад фарзандҳояш некхоҳу некбин,
Чораи дарду азоби модар осон будааст.
Бӯйи меҳри модар асло аз димоғи дил нарафт,
Гӯиё обу ҳавои ҷон аз он ҷон будааст .

## ДУ ОҒӮШ

Ватан сар мешавад з-оғӯши модар,
Зи маъвои муқаддас, маҳди акбар.

Ҳам ин ҷо парру болам сахт гардид,
Маро парвозгоҳи бахт гардид.

Ба сад болини нарму гарм хуфтам,
Санову мадҳ баҳраш низ гуфтам,

Куҷо аммо тавонад шуд баробар
Ба оғӯши равонбахшои модар.

Зи оғӯши ту буд оғози умрам,
Дар оғӯши Ватан пас ҷойгирам.

Миёни ину он фарқе надидам,
Ба маъние фақат ин ҷо расидам:

Ватан – Модар ҳамоғӯшанд умре,
Миёни ҳар ду ман пайванд умре.

## ДАСТИ ДУО

Аз чеҳраи зебои ту нури илоҳӣ ҷилвагар,
Хуршедро аз хоб ту бедор кардӣ ҳар саҳар.
Гармии қалби офтоб, нуру сахои моҳтоб,
Аз зарраи меҳри ту буд, ин пеши ҳуснат як саҳоб.
Ҳар боздиде меҳри ту будӣ нисори мақдамам,
Ҳоло насибам аз чӣ шуд ин нолаву андӯҳу ғам.
Бар пешвозам омадӣ бикшода ту оғӯши гарм,
Бо чеҳраи бишкуфтаю лаҳни маҳин, овози нарм.
Аз бӯсаат то зиндаам, гулгун бувад рухсораам,
Бо аллаат додӣ дуо андар сари гаҳвораам.
...Пӯшида бо ҳам дидаат ин бор бо андӯҳу дард,
Орому беҷону хамӯш, мисли хазоне гашта зард.
Раҳтӯша медодӣ ба ман ҳангоми рафтан аз танӯр,
Чун қурси моҳе кулчаҳо пухтӣ ту зебо чун булӯр.
Тафсону сӯзону ба ранг амсоли алвон арғувон,
Як панҷае аз оби сард он гаҳ задӣ бар рӯяшон.
...Бар кулчаи рӯят,ки он сарду заҳир аст ин замон,
Ман ашки сӯзон, ашки ғам созам нисор аз дидагон.
Дар кӯдакӣ думболарав будам туро, эй модарам,
Имрӯз ҳам ман бо туам, хоки мазорат бар сарам.
Гар бурдаӣ гаҳвораам аз ҷо ба ҷое, модарам,
Гаҳвораат бар манзили ҷовид акнун мебарам.
Гар алла мегуфтӣ маро андар сари гаҳвораам,
Ман дар бари гаҳвораат дар навҳаю дар зораам.
Возеҳ будӣ аз чархаю аз гардиши он доимо
Фармонравоӣ инчунин бар гардиши арзу само.
Тоқии гулдӯзит буд андар сарам тоҷи заре,
Кардам ба сар онро чу рамз имрӯз аз бемодарӣ.
Мушти ғам аст он турбатат аз умри бесомони ту,
Аз умр ҳушдорам диҳад он панҷаи армони ту.
Будӣ чу наҷми раҳнамо, шамъу чароғи хонаам,
Бе ту чу гӯрат ин замон торик шуд кошонаам.
Чун ғуссаи бемодарӣ дарде намебошад гарон,
Эҳсос бинмудам кунун сӯзи дили бемодарон.

«Марги падар, модар бувад мерос бар фарзанд...»,
- Дод!
Баҳри мани хунинҷигар ин гуна меросе мабод!
Пои равонам шуд фигор аз ғусса, аз рафтор монд,
Ширин забон аз ғояти андӯҳ аз гуфтор монд.
Ҳоло куҷоӣ,модаро, раҳ рафтан омӯзӣ зи сар,
Андар забони лоли ман алфоз бинҳӣ аз дигар.
Хоҳам чу даври кӯдакӣ бошам канорат, модаро,
То рафтаӣ монда маро танҳо дар ин мотамсаро.
Андар сурогат бо умед рӯи ҷаҳон гардидаам,
Аммо нишонатро куҷо! Не дида, не бишнидаам.
Модар, кунун донистаам, ноёб гавҳар будааст,
Дунёи ҳастию вафо дунёи модар будааст.
Мехостӣ бар ман панаҳ умре гар аз Яздони пок,
Акнун кӣ мехоҳад панаҳ бар ман, чу ҳастӣ зери хок?
Бо ман бувад меҳри туву ёди ту, з – ин рӯ боварам
Н - ояд, ки рафтӣ аз ману дигар каси бемодарам .
...Дар гӯр ҳам бо ёди ман ҳастӣ, гумоне мебарам,
Аз гӯр ҳам бардошта дасти дуоят, модарам!

## ШОҲИ МОДАРОН

Чашмаи меҳр аст ҷорӣ аз нигоҳи модарон,
Нур меборад ба дунё рӯйи моҳи модарон.
Бемуҷозо дида бархе нохалаф фарзандҳо,
Сар фуруд орам ба қалби хайрхоҳи модарон.
Сад ҳазор асноди аҳду созиши ашрофро
Эътиборе нест чун сулҳу салоҳи модарон.
Дар шигифтам аз раҳу рафтори ашрофи замон,
Аз чӣ н – омӯзанд сабки кору роҳи модарон.
Осмон аз зулми арбоби замон афтоданист,
Боз медорад варо устуни оҳи модарон.
Чун Сикандар гар ҷаҳонгирӣ, чу Рустам паҳлавон,
Маъмане набвад туро ҷуз дар паноҳи модарон.
Гар Худо сад ҷон диҳад, созӣ фидояш, бок нест,
Ҷон диҳад бар ту дуои субҳгоҳи модарон.
Дар матонат, покдомонию дар ҳусну ҷамол
Модари тоҷик, алҳақ, ҳаст шоҳи модарон.

## ОСУДА БОШ, МОДАР

Бо донаҳои субҳаи ашки ду чашми хеш
Бишмурдаӣ ту ҳар дами умри гузаштаат.
Аз сатрҳои чини ҷабини ту хондаам
Таърихи умри бо қалами ғам навиштаат.
Дунёи дун намонд, ки то ҷамъ оварӣ
Дони умеди мазраи бо ранҷ киштаат.
Бошӣ агар ҳаёт дар ин даври рӯзгор,
Нафрат кунӣ ба зумрае аз худ сириштаат.
Чун гашта синачок ватан, модари азиз,
Охир, куҷост сӯзану дастону риштаат.
Дар гӯр ҳам намедиҳад осоише туро
Тақдири халқу кишвари афгор гаштаат.
Осуда бош, модаро, дар кӯйи охират,
Ҳомӣ манам ба меҳану рӯҳи фариштаат.

## ЧАРОҒИ ХОНАИ МОДАР

Ҳаҷи акбар бувад бар мо тавофи хонаи модар,
Зи қасри зарнигор афзал бувад кошонаи модар.
Гузашти умр сабт андар хати пешонаи модар,
Сабақ аз зиндагонӣ медиҳад афсонаи модар.
Насозад гар касе боре суроғи лонаи модар,
Ба ду олам шавад мардуд чун бегонаи модар.
Шуд он фарзанд маҳбубу дури якдонаи модар,
Ки субҳу шом бошад мунису парвонаи модар .
Асо гардӣ чу бар хамгашта қадду шонаи модар,
Ҳамегирӣ дуои неки чун дурдонаи модар.
Дурахшон аст роҳи умри он фарзонаи модар,
Ки рахшон дорад ӯ умре чароғи хонаи модар.

## ИСЁНИ МОДАРИ МАНСУРИ ҲАЛЛОҶ

Баҳоро[1], ранг кардӣ пираҳан аз хуни Мансурам,
Намудӣ аз ҷилои тобноки хуни ӯ кӯрам.

Наёбам ҳеҷ ҷо хокистаре ё хоки Мансурам,
Куҷо ҷӯям нишони рӯю рӯҳи поки Мансурам.

Чу бандӣ буд ӯ,ҷои шариат маҳбаси заҳ шуд,
Чу бубриданд дастонаш , тариқат дасткӯтаҳ шуд.

Ба дасти поку чашми покбин,қалби худоҷӯяш
Чӣ сон ҷуръат намудӣ, то кашӣ теғи ҷафо сӯяш?!

Ҷудо карданд по аз тан,ҳақиқат [2] ҳам зи по афтод,
Сукут овард ҳастӣ, зиндагонӣ гашт бебунёд.

Набошад кофаре бераҳм мисли ин мусалмонон,
Набошад инчунин бераҳм дигар қотили инсон.

Сараш аз тан ҷудо карданд, дунё бе саробон шуд,
Чу сӯзонданд[3] ҷисмашро ,ҷаҳон беҷисму беҷон шуд.

Наёбӣ ҳамчунин Мансур дар олам мусалмоне ,
Куҷо фарде ба ин сидқу вафову сахтимонӣ?!

Худоҷӯӣ магар ҷурм аст андар оини инсон ,
Худогӯӣ магар манъ аст бар мардони боимон

Муяссар гашт дар ҳоли фано дидори Аллоҳаш,
Бақои зиндагонӣ ёфт дар мавҷуди дилхоҳаш.

---

[1] Марги фоҷиаангези мутафаккир ба фасли баҳор рост омада буд.
[2] Шариат, тариқат,ҳақиқат-зинаҳои маърифати ирфонӣ.
[3] Иртиҷоиён аввал мутафаккирро 8 моҳ дар зиндон азобу шиканҷа доданд, пас дасту пояшро канданд, сарашро аз тан ҷудо карданд ва баъд ҷасадашро сӯзонданд.

Чу Эзид пок омад, зист пок, аз даҳр ӯ шуд пок,
Ба гоҳи рафтанаш мотам гирифт аз хок то афлок .

Ҷаҳони сифла, домангирамат, оре, тамоми умр,
Чу бечора раҳо аз даст бинмудӣ зимоми умр.

Бувад андар ду олам то ба рӯзи ҳашр манзурам,
Аё дунёи дун, аз ту ситонам хуни Мансурам!

## ХОЛИСТ ҶОИ МОДАР[1]

Дар саҳни хонадонам,
Дар тоқи дидагонам,
Дар қалби хунчаконам,
Дар мағз-мағзи ҷонам
Холист ҷои модар.
Дар домани гулистон,
Дар ҳайли арчмандон,
Дар шоҳбайти девон,
Дар ояҳои Қуръон
Холист ҷои модар.
Дар сархати баёзам
- Оғози савту созам,
Дар хутбаи намозам,
Дар мулки сарфарозам
Холист ҷои модар.
Чун садри ҷашнвора,
Дар поси гоҳвора,
Дар паҳлуи ситора,
Дар даҳри беканора
Холист ҷои модар,
Холист ҷои модар.

[1] Таъбири Лоиқ.

## ФОТИҲАИ МОДАР

Ҳар ҷо қадам гузорӣ, орӣ баҳор, модар,
Зебандаи ҳаёту зеби диёр, модар.
Аз моли даҳр танҳо кардӣ талаб зи Аллоҳ
Фарзанди порсою бонангу ор, модар.
То тахту бахт ёбад фарзанди ту, ба умед
Дасти дуо кушодӣ дар ҳар мазор, модар.
Бори ғами ду олам бар дӯши туст умре,
Ку родмард дигар бо ин мадор, модар?!
Дар шуғли офариниш танҳо туро пазируфт
Ҳамроҳу ҳамсафи худ Парвардгор, модар.
Аз ту дуо гирифта оғози зиндагонӣ,
Қалби ҳаёт бе ту монад зи кор, модар!

## ХОКИ ПОИ МОДАР

Ҷӯяҳои замини кишти деҳ
Ёд з - ожанги рӯйи ӯ орад.
Қуллаи нуқрасони кӯҳсораш
Ҳам дурахше зи мӯйи ӯ дорад.
Резиши оби чашмаҳои деҳ
Савти мавзуни пандҳои ӯст.
Резареги канори дарёяш
Мисли барчоши қандҳои ӯст.
Ҳар саҳаргаҳ насими шӯхи деҳ
Атри шабнам ба рӯйи ман пошад.
Бӯйи нони чапотии модар
Баҳри ман нӯшдоруе бошад.
Кишту боғоту неъмату нӯшаш
Домани пурсахои модар буд,
Бо канори кушода деҳи ман
Модари интизор бар дар буд.
Баъди модар ба деҳа меоям,
То бибӯсам кунун ба ҷои ӯ
Ҳар ваҷаб хоки деҳа, то ёбад
Бӯсаам ҷои хоки пои ӯ.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Забони модарӣ, ҳамқисматӣ бо модари тоҷик,
Ба ҳар пасту баландие туӣ андар бари тоҷик.
Фано шуд тахту тоҷу ганҷу шаъну шуҳрати шоҳон,
Дурахшӣ лек доим ҳамчу ахтар бар сари тоҷик .
Парешон кард қисмат мардуми моро ба рӯйи даҳр,
Хушо, дар ҳар куҷо чун ҷон туӣ дар пайкари тоҷик.
Сари душман кашидан теғ расми миллати мо нест,
Чу дорад аз каломи ту силоҳе лашкари тоҷик .
Бувад подор тоҷику диёри Тоҷикистонам ,
Каломи модарӣ, ҳастӣ чу садри минбари тоҷик.
Ливои давлати мо то парафшон аст дар дунё,
Туӣ маснаднишини зиндагию меҳвари тоҷик.

## РӮҲИ МОДАР

Ҳар гаҳе рафтаам зи деҳам дур,
Ёди ӯ буд тӯшаи роҳам,
Боди ӯ буд нусхаи оҳам.
Ҳар гаҳе рафтаам зи деҳам дур,
Санги ӯ буд болиши нармам,
Меҳри ӯ буд бистари гармам.
Ҳар гаҳе меравам зи деҳам дур,
Беш гардад хумори дидораш,
Гул намояд ба дидаам хораш.
Ҳар гаҳе меравам зи деҳам дур,
Гум занад дил ба ёди чоловаш,
Шулха, чукриву қоқую роваш.
Ҳар гаҳе меравам зи деҳам дур,
Бар забон не ба ғайри Лархобӣ[1],
Ҳамчу моҳӣ тапам зи беобӣ.
Ҳар куҷо меравам зи деҳам дур,
Рӯҳи модар ба пеши рӯ ояд,
Ӯ маро боз ҷустуҷӯ ояд...

---

[1] Зодгоҳи шоир.

## НОЗАНИН

Ҳар тораи мӯйи барфгунат
Як мисраи достони умр аст,
Рухсораи поку нурборат
Маҳтоб ба осмони умр аст.
Амвоҷи мусалсали ҷабинат
Тасвири ҳаёти рафтаи туст,
Сад қиссаю достони шоир
Як қисса зи панди гуфтаи туст.
Бори хираду бузургворӣ
Хам кард қади чу нурат акнун,
Омӯхта расми хоксорӣ
Аз доли қади ту беди маҷнун.
То арш расида шуҳрати ту,
Ҳарчанд назираи заминӣ.
Бо мӯйи сафеду қомати хам
Модар, ту зиёда нозанинӣ.

## МАСНАДИ МОДАРӢ

*(Ба модарони ҷавон)*

Аз рашк ба рӯйи ӯ ҳамесӯхт
Хуршед ба рӯзу моҳ дар шаб,
Аз бозии чашмҳои шаҳлош
Наргис ҳама шаб будаст дар таб.
Бо ёди қади санавбари ӯ
Аз рашк миёни сарв бишкаст,
Аз ҷилваи кокулони ӯ гашт
Сунбул ба чаман хазону сарпаст.
Мешуд ҳама гӯшу ҳуш булбул
Бишнида каломи шаккаринаш,
Гулҳо ҳама монда дар ҳиҷолат
Аз накҳати атри ёсаминаш.
Чун дид лабони ғунчасонаш

Ҳайратзада писта шуд даҳанво,
Аз тобиши шаддаҳои дандон
Гавҳар бигирифт дар садаф ҷо.
Аз ҷилваю аз хироми ӯ кабк
Гум карда раҳу усули рафтор,
Аз печу хами ду зулфи мушкин
Печида ба худ ба гӯшае мор.
Аз панҷаи ӯ ҳунар ҳамерехт
- Кадбоную чевари пурэъҷоз ,
Дармону давои дардмандон,
Ҳар ғамзадаро анису ҳамроз.
...Имрӯз, вале ба доми пирӣ
Афсурда ҳама, яке намонда,
Гӯё ки фасонае набуд беш,
Як сафҳа аз он касе нахонда.
Чӣ ҷои таҳайюру гумон аст,
Чун гашта шумо ба ӯ муодил,
Гар зиндагӣ ҳаст косаи давр,
Ин аст сипардани мароҳил.
Бар зан буда аз азал чу мерос,
Ин маснади модарӣ муборак!
Дар равнақи суннати ҳамида
Оини ту- сарварӣ муборак!

**ИМЗОИ ЗАН**

Ба даврон баҳо деҳ зи дунёи зан,
Ба гулшан зи ҳусни гулафзои зан.
Бувад боварибахш қонуни мулк,
Чу тасвиб гардад ба имзои зан.

## БА ЁДИ МОДАР

Дилам гум мезанад бар ёди ӯ, идрок мерезад,
Зи роҳи дида хун аз ин дили садчок мерезад.
Ба ёд орам варо, олам зи дуди ғам сияҳ гардад,
Чу ашкам шаддаи истора аз афлок мерезад.
Шудам пазмони бӯйи нони гарми ширмоли ӯ,
Ба ҷоми шарбатам аз ноумедӣ хок мерезад.
Ба ёди ӯ адо шуд тири ғам дар таркаши сайёд,
Ҳама аъзои сайди ҷисмам аз фитрок мерезад .
Бубинам чун занеро, меҳри модар мешавад афзун,
Ба пеши пои ӯ барчош – ҷони пок мерезад.

## ПОСБОНИ МОДАРОН

Кашфи асрори ду олам саҳлу осон аст, лек
Саҳл набвад кашфи сирри як ҷаҳони модарон.
Аз чӣ ту умре биҷӯӣ ганҷ аз қаъри замин,
Ганҷ хоҳӣ, ёб қалби меҳрубони модарон.
Кам нагардад хайру эҳсон дар замину дар замон,
То кушодаст остину остони модарон.
Ҷамъи нӯшу неъмати дунё надорад лаззате
Дар радифи порае аз нони хони модарон.
Ҳеҷ кас аз дори дунё ормонӣ нагзарад,
Бишканад аз ӯ агар як ормони модарон.
Зиндагӣ беохир асту одамӣ ҳам ҷовидон,
То ки бошад дар рамақ як зарра ҷони модарон.
Бо ҳама паҳноварӣ аз нотавонӣ ин ҷаҳон
Менағунҷонад ҷаҳони бекарони модарон.
Нест гардад сулҳу амният зи олам то абад,
Гар бувад н-осуда як дам хонадони модарон.
Аз Худо чизе талаб дигар надорам то абад,
Гар намояд посбони остони модарон.

# НУСХАИ МОДАР

Бичӯям нусхаат аз манзари деҳ,
Чу деҳ орад маро ёди ту, модар.
Бувад ҳамранги мӯйи нуқрафомат
Сари кӯҳи баланди барфбарсар.

Қади мавзуну зебою дилорот
Ба сарви рӯйи ҳавлӣ буд ҳамсон.
Кунун ҳам бӯйи нон дорад танӯрат
Чу домонат, ки буд пурфайзу эҳсон.

Хиромидан зи ту омӯхт оҳу,
Навои туст савти андалебон.
Занад гум аз суруди рӯди деҳ дил
Ба ёди аллаҳоят, модари ҷон.

Зи ту аз накҳату бӯ вом доранд
Гули ёсу гули садбаргу райҳон .
Шабеҳи туст деҳ, з-ин рӯй чун ту
Бувад маҳбубу зебою шукуфон.

## МОДАРАМ ТОҶИКИСТОН

Ҳар каломи модарам як хатми Қуръон будааст,
Бар замини хушки донафтода борон будааст.

Ҳамрадифӣ кай тавонад кард атри сад чаман,
Гулшани оғӯши ӯро накҳати ҷон будааст.

Нест осон кашфи эъҷозаш ба рӯи зиндагӣ,
Осмон ҳам бар сари ин нукта ҳайрон будааст.

Кист ҳамтояш ба дунё дар мақоми ҳотамӣ,
Остинаш хони ҷуду хайру эҳсон будааст.

Номи неку тинати поку садоқат бар Ватан
Бо мароми қалби модар рафтан ин сон будааст.

Дар Ватан бошам, яқин, андар канори модарам,
Беватан монанди тифли бесаробон будааст.

Садқаи ҳар зарра хоки поки домонаш манам,
Исми поки модари ман Тоҷикистон будааст.

## БЕҲТАРИН

Пеш аз ҳар ид модар бо ҳавас
Куртаам медӯхт аз сони сафед.
Аз матои тик шалворею низ
Нақшдӯзӣ карда тоқӣ бо умед.
Куртаи зебандаи қадду барам,
Кай бидӯзад чеваре чун модарам.
Лахчаҳо чун дони нор андар танӯр
Нарм-нармак шуълапошӣ менамуд,
Дар бари рухсораи гарми танӯр
Ҳар зувола ҳақталошӣ менамуд.
Нест дигар кас дар ин баҳру барам,
То нугулобе кунад чун модарам.
Мижа таҳ нокарда шабҳо то ба рӯз,
Кайфи хоби кӯдакӣ орам ба ёд.
Бишнавам гоҳе навое ё суруд,
Хонам ашъоре, дилам ояд ба дод
Дар хумори аллаҳои модарам,
Нест чун ӯ шоиру хунёгарам.
Аз ҳазор устод бигрифтам сабақ,
Сирри ҳар ду даҳр кардам ошкор,
Номаҳои баркамолӣ ёфтам,
Гаштам андар зиндагонӣ комгор.
Нест дарси сад дабистон, бингарам,
Ҳамрадифи як сабақ аз модарам.

## РУБОИЁТ

Дар хайли муқаддасот токӣ, модар,
Бемислию беназиру покӣ, модар.
Маъвои ту дар само муқаррар карданд,
Охир, ту чаро ба зери хокӣ, модар?

Гар якка фақат Худои акбар бошад,
Бар ҳар ду ҷаҳон ягона сарвар бошад,
Аз баъди мақому шони Аллоҳи карим
Дуюм ба ҷаҳон мақоми модар бошад.

Модар, ки танӯри умри ту сард шуда,
Айшу тарабат бадал ба сад дард шуда.
Як умр ту мард офаридӣ, афсӯс,
Муҳтоҷ ба рӯзгори номард шуда.

Бо мӯйи сафеду қомати хам, модар,
Бо чини ҷабину чашми пурнам, модар.
Бо раъшаи пою дастҳо ҳоло ҳам
Бошӣ ту чу шаҳсутунӣ олам, модар.

Модар, ки сароғози суботам бошад,
Устоди нахустини ҳаётам бошад.
Ҳар гаҳ ки фитам ба вартаи навмедӣ,
Бо меҳр пайи роҳи наҷотам бошад.

Ту қуввати дил, рӯҳу равонам, модар,
Дар сурату симои ту ҷонам, модар.
Аз рӯзи азал ба раҳгузори умрам
Ҷуз хостаи ту по намонам, модар.

Модар, ту сутуни хонадонам бошӣ,
Фархундагии рӯҳу равонам бошӣ.
Азбаски нишонаӣ туам дар олам,
Як олами поку ҷовидонам бошӣ.

Дил гум бизанад ба ёди рӯят, модар,
Чун риштаи ҷони мост мӯят, модар.
Не накҳати мушку не гулистону чаман
Асло набувад шабеҳи бӯят, модар.

Бар хоҳиши қалби модарат кор кунӣ,
Дунёи муроди хеш гулзор кунӣ.
Бикшояд агар баҳри ту ӯ дасти дуо,
Гӯё ки тавофи Каъба сад бор кунӣ.

Қарзи ҳамагон ҳамеша битвонӣ дод,
То ин ки равӣ зи даҳр фархундаву шод.
Аммо натавон адо намудан умре
Қарзи падару модару қарзи устод.

Ҳар гаҳ ки тавофи марқадат месозам,
Дар ҳалқ гираҳ ҳамезанад овозам.
Хоҳам, ки Худо зи нав диҳад эъҷозам,
Бар ёди ту афғону ғирев андозам.

Як умр ту дар сӯзу гудозӣ, модар,
Зебандаи ҳар байту баёзӣ, модар.
Мардум ҳама гар бар ту ниёзе доранд,
Дар даҳр фақат ту бениёзӣ, модар.

Ҳар кас ки туро хор кунад, хор шавад,
Рӯзаш ба сиёҳии шаби тор шавад.
Дар зиндагӣ осуда нагардад ҳаргиз,
Бар нохуни пои модарон зор шавад.

Тобути ту, модаро, чу як меҳроб аст,
Дар мотами ту дилу ҷигар зардоб аст.
Хушкида лабу дилу тану дидаи ту,
Чашми ҳама аз ашк вале гирдоб аст.

Ин даҳр సарои шӯришу ҷанг шудаст,
Олам пури бадгавҳару бенанг шудаст.
Чун тифл дигарбора ба оғӯшам гир,
Дунё чу қафас барои ман танг шудаст.

Дар боғу чаман чу накҳату бӯйи ту нест,
Андар маҳу шамс талъати рӯйи ту нест.
Дар ҳар қадаме ҳазору як маъбудест,
Ҷое ба мисоли Каъбаи кӯйи ту нест.

Рафтию баҳори зиндагонӣ бигузашт,
Осоиши умри навҷавонӣ бигузашт.
Истораи паррони самои умрам,
Рафтию дурахши меҳрубонӣ бигузашт.

Рухсораи лоларанги ту занг гирифт,
Ин хок туро ба қалби худ танг гирифт.
З-он рӯз, ки марги беамон бурд туро,
Аз сина аҷал дилам зада чанг гирифт.

Гулҳои шукуфта рӯйи гӯрат чаман аст,
Сероб чаман зи Даҷлаи чашми ман аст.
Ту дур наӣ зи ман дар он дунё ҳам,
Чун рӯҳи туро биҳишти қалбам ватан аст.

Дилбаста будам ба кӯдакӣ бар кӯча,
Овора ҳамеша аз пайи ман оча.
Ҳоло ки шудам зи кӯчагардӣ хаста,
Талбанда варо нишастаам дар кӯча.

Азми ту бувад, ки тифлакат мард шавад,
Ҳам рӯҳкавию дур аз дард шавад.
Худ барги хазон шавӣ, нахоҳӣ, модар,
То барги дарахти умри ӯ зард шавад.

Он давра, ки кӯдакею кӯчак будам,
Андар сари дасти ту чу лухтак будам.
Имрӯз, ки модаро, чу лухтак шудаӣ,
Гаҳвораи дил барои ту бикшудам.

Модар, зи дуои ту ҷаҳон ором аст,
Бе сарварии ту кори олам хом аст.
Азбаски сароғози ҳаётӣ, модар,
Анҷоми ту бар ҳар ду ҷаҳон анҷом аст.

Ҳар гаҳ ба зиёрати мазорат оям,
Бар санги мазори ту сари худ соям.
Монад зи равиш ду пой, модар, бархез,
Чун давраи кӯдакӣ намо тай- тойам.

То он ки қаду қомати ту рост кунад,
Чандон зи қади сарви худ ӯ кост кунад.
Ҳамвора вале вай аз Худованди карим
Иқболу камолоти ту дархост кунад.

Бо шабнами ашк гули ёдат шӯям,
Гулҳои баҳори рӯйи гӯрат бӯям.
Ҳамрози ягонаам ту будӣ, акнун
Рози дили худ ба хоки гӯрат гӯям.

Шинам ба сари гӯри ту, фарёд кунам,
Манзилгаҳи ту ба гиря обод кунам.
Чун пештара ту пешвозам н-оӣ,
Хоки сари гӯрат ба сарам бод кунам.

Аз решаи ҷони ту, ки ман ҳаст шудам,
Аз домани ту ба даҳр пайваст шудам.
Чандон ки нагун шудам ба побӯсии ту,
Садчанд зиёдтар забардаст шудам.

То хоб хаме сураи модар хонед,
Дар субҳдамӣ сураи модар хонед.
То роҳи шумо ҳамеша рахшон бошад,
Дар ҳар қадаме сураи модар хонед.

Ҳар ҷой, ки модар аст, тоат оред,
Бар офияташ ҳазор оят оред.
Хоки қадамаш ба дида гар бардоред,
Як умр музаффару саодатёред.

Ҷустам ҳама ҷо, ки модари зор куҷост?
Он мулки биҳиштро ватандор куҷост?
Дар ҳар ду ҷаҳон намонд ҷо, ғофил аз он-к
Дар чархи барину ҳамҷаворе ба Худост.

«Модар!» гӯям, ҷавоб аз ҷон ояд,
Аз боди баҳору аз гулистон ояд.
Аз кулбаи деҳу нони оташдонаш,
Аз ҳар сари санги Тоҷикистон ояд.

Чун зиндагиофару фузунидрокӣ,
Пурқудрату боматонату бебокӣ.
Дар рӯйи заминиву ду дастат ба дуо
Пайвандгари заминию афлокӣ.

Ҳар кас ки ба нафси хештан сарвар нест,
Ӯро ғами поктинатӣ бар сар нест,
Сад бор агар ки Ҳаҷҷи акбар созад,
Як ҳукм бар ӯст: Зодаи модар нест!

Гар бо ту дуои модарат ҳамсафар аст,
Ҳамвора чу панди ӯ туро болу пар аст,
Рахшон раҳи умри ту бувад шому саҳар,
Чун ҳамқадами умри ту шамсу қамар аст.

Эй кош, қади зане дигар хам назанад,
То умр бувад, дили варо ғам назанад.
Ҳар лаҳзаи умри ӯ ба шодӣ гузарад,
Аз ашк даме ба дидааш нам назанад.

Бо ҷисми заиф ӯ шаҳу сарвар зояд,
Мавлою суханвару паямбар зояд.
Чун оини ӯст зиндагӣ бахшидан,
Худ модару тоза боз модар зояд.

# Д У Н Ё И  Ҷ А В О Н Ӣ

## ТАЗОД

Тешаро Фарҳод бар Маҷнун гузошт,
Рафт худ бар маснади Маҷнун ба дашт,
Хушк гардид об андар ҳалқи кӯҳ,
Дашт бе Маҷнуни худ девона гашт.

## ФИДО СОЗАМ

Макун уммеди дарбикшодани кас,
Ба рӯйи кас агар накшодаӣ дар,

Зи раҳму шафқат ар холист қалбат,
Чӣ хоҳӣ чашми шафқат аз ситамгар.

Якеро дар ҷавонӣ даст гирӣ,
Шавад сад кас ба пирӣ бар ту ёвар,

Касеро дил надодию набурдӣ,
Чӣ донӣ қадри дилдорию дилбар?

Тавофи Қаъба бар ту нест воҷиб,
Накардӣ саҷда гар маъвои модар.

Худо сад бор гар умрам диҳад боз,
Фидо созам ба хоки пои модар.

## ОН ДАМ БАҲОР БУД

Он шаб шаби гирифтани маҳ буд дар фалак,
Он дам ки бар канори ман аз ҳушам омадӣ.
Шуд пур зи нури ҳусни дил ногаҳ ҳузури ту,
Гӯё ки аз фалак ту ба оғӯшам омадӣ,

Он шаб барор буд,
Маҳ дар канор буд.

Нашкаста бо шикастани шаб ҳам хумори мо,
Чашми ҳасуди субҳро равзан кушода шуд.
Гуфтӣ, ки субҳ хандаи мо мезанад, бубин,
Шӯридагӣ зи васли ту он гаҳ зиёда шуд.

Он шаб нигор буд,
Ғам хору зор буд.

Болои бом аз ҳасад ашки само бирехт
Бо ғуссаву фиғону ғаму дарду созу сӯз.
Пӯшид рӯи ҳамчу гулатро ҳиҷоби шарм,
Будӣ зи баски навгулу навбовае ҳанӯз.

Он дам баҳор буд,
Фасли барор буд.

Он шаб ту шом хӯрда, вале дар канори ман,
Он шаб асар намонд зи бахти сиёҳи ман.
Бодо сиёҳ бахти саҳар то ба рӯзи ҳашр!
Зеро рабуд моҳи маро аз нигоҳи ман!

Ҳайфо, нигор рафт,
Аз дил қарор рафт.

## ТАҚДИР

Парвона гӯш бар сухани ман надод, лек
Рӯ то қиёмат аз мани бечора шамъ тофт.
Ҷустам чу ташна шаршараи мӯйи ӯ, вале
Сарбандро бубаст, ки он мӯйи хеш бофт.
Гуфтам канам ба кӯи висолаш пагоҳ нақб,
Имрӯз лек қалби маро ҳамчу нақб кофт.
Қадре надорад оби дари хона бар шумо,
Маҷнуни ошиқ аз дили Лайлӣ касе накофт.
Дар роҳи ишқ сӯзаму худро адо кунам
Чун шамъ, к-обрӯи худ аз сӯхтан биёфт.
Чун гушна қурси нони маҳаш кардам орзу,
Маҳ шом хӯрд имшабу андар само натофт.
Ҳар кӣ ба кӯи васли ту раҳ гирад аз ҳавас,
Гӯё, Сайид, ҳамчу ту сӯйи аҷал шитофт.

## ИРШОДӢ МАКУН

Дод додан гар натонӣ, қасди бедодӣ макун,
Гар наӣ созанда, қасди кори ободӣ макун.

Чун зи ночорӣ нагардӣ марҳами дарди касе,
Шодие касро набахшӣ, азми ношодӣ макун.

Худ ки раҳгум мезанӣ дар роҳи ҳамвору васеъ,
Бар касе дар печутоби умр иршодӣ макун.

Гар ҳубобӣ рӯйи наҳри зиндагӣ, ҳушёр бош,
Баҳри миллат иддаои поябунёдӣ макун.

Гар ғуломи зиндагӣ бошӣ, мутеи дигарон,
Эй Сайидаддин, абад уммеди озодӣ макун.

## МЕРАВАМ...

З-ин бодия ба таъҷиле чун бод меравам,
Дар дида обу дар гулӯ фарёд меравам.

Он қадр ашки ҳасрате бар по фишондаам,
Бо дарди гурдаю ба по тарбод меравам.

Осудагию хуррамӣ нодида аз ҳаёт
Зору низору хастаю ношод меравам.

Маъзурам аз ту хомаю дафтар, ки бе шумо
Он хокдон ба хотири эҷод меравам.

Он ҷой нест кишвари ғурбатфитодагон,
Шодам кунун, ки паҳлуи аҷдод меравам.

Номаъмурии он ҷаҳон ботил бувад, рафиқ,
Ман з-ин хароба олами обод меравам.

Чун устод, эй мурид, бе ёди ту наям,
Бар ту навишта ман хати иршод меравам.

Ширин накарда коми худ, Ширин, зи васли ту,
Нохӯрда оби тешаи Фарҳод меравам.

Бе ному бе нишонае з-ин даҳр кай равам,
Кохе намуда аз сухан бунёд, меравам.

Чун сарфи хидмати Ватан гардид умри ман,
Бар боғи ҷаннат, эй Сайид, озод меравам.

## САРҲАДШИКАН

Аз дидгоҳи чашми ту
Берун натонам по ниҳод,
Зеро ки чун сарҳадшикан
Бар даст ман хоҳам фитод.

Гардам гирифтори ҷазо
Баҳри таманнои висол,
Ҳамчун фирорӣ аз ғамат,
Аз ҳаҷру дарди бемисол,

Бо ин ҳама ҷурму гунаҳ
Аз он ки ранҷурам кунанд,
Дар хонаи чашмони ту
Бигзор ки гӯрам кунанд.

## ХОМА

Будам чун хомаи эҷоду мизи кориям тахтам,
Чакидан дошт хуни дил ба рӯйи сафҳаи бахтам.
Шикастиям, ки то бори дигар ҳам озмоиям,
Будӣ ҷавлони теғи обдорат бар сари сахтам.

## ФОЛИ БАД

Ба вақти хайрухуш аз чашмҳоям
Набистонӣ мабодо бӯса, - гуфтӣ.
Мани масти висолат аз чӣ донам,
Ки ин рамзе зи ҳаҷру ғусса, - гуфтӣ.
Кунун дар хобҳои хеш бинам
Туро зору ҳазину ашкборон,
Яқинам гашт фоли бӯсаи чашм:
Ҷудоиву ғаму андӯҳи ҳиҷрон.

## АЗ ВИСОЛ БА ҲИҶРОН

Субҳ пас аз хоб хамёза мекашад,
Гунҷишкаке бо нӯлаш парҳояшро шона мекунад.
Насим бо гулу гиёҳ гӯшона мекунад,
Ману ту масту махмур ҷоми висолро вожун мекунем.

Рӯз торҳои сустшудаи сози худро ҷӯр мекунад,
Осмон хаймаҳои шабонаи худро меғундорад.
Хуршед аз болини шаб сар мебардорад,
Ману ту ноилоҷ рахти висолро ғун мекунем.

Аз садои гиряи тифле шишаи фазо
ҷағида шӯша мебандад,
Хуршед ҷоҳои ҷағидаи шишаро бо нурҳои зарҳалии
худ кафшер мекунад,
Вақту фазо филми рӯзро дар навори худ
ҷогир мекунад.
Ману ту дили висолро бо теғи ҷудоӣ пурхун мекунем.

## ИШҚИ МАН

Хандаҳои тифли ҳар гаҳвора бошад ишқи ман,
Чораю дармони ҳар бечора бошад ишқи ман.
Осмони софу пуристора бошад ишқи ман,
Ҷонфидоӣ бар Ватан ҳамвора бошад ишқи ман.
Ишқ бӯи сабзаю бӯи баҳорон мекунад,
Ишқ бӯи лолаю садбаргу райҳон мекунад.
Ишқ бӯи ёру бӯи модари ҷон мекунад,
Ишқ бӯи хоки поки Тоҷикистон мекунад.
Аз ҳамин рӯ дӯст дорам сабзаю хоки Ватан,
Аз ҳамин рӯ сар ниҳам бар мазраи поки Ватан.
Бе Ватан дар ҳар ду олам бекасу овораам,
Шукр гӯям аз сафою ҳусни афлоки Ватан.

## ҚАТРАИ САБР

Худ зи ҳар як лаҳзаи умр,
Дар нишебу дар фарозаш
Ком ёбад, ком гирад.
Гарчи як ҷав ӯ наарзад,
Манзалат, ҳам ном гирад.
Ӯ мани нокомро лек
Медиҳад як қатраи сабр.
Худ зи шаҳди зиндагонӣ,
Сад ҳазорон ҷом гирад.

## ҒОРАТГАРИ ДИЛ

Маҳбубаи бешафқату бераҳм диламро,
Чандест, ки аз хонаи тан бурда ба яғмо.
Бе гармии дил колбади ман аҷабе нест,
Бар бод равад бар асари шиддати сармо…
Бар маҳкама оранд касеро, ки рабояд,
Сӯзан зи дуконе… Диҳед инсоф, ки шояд.
Қимат набувад қалби маро як сари сӯзан,
Озод ба ғорат нигаҳаш сайр намояд?
Эй додситон, кори ту гар додситонист,
Ҳукме бинамо аз сари инсофу адолат.
Онро, ки рабудаст дили бегунаҳи ман,
Афған ту паси панҷараи ишқу муҳаббат.

## МУРОДИ МАН

Канори ту маро гоҳе ки ҷои орамидан буд,
Ба дил аз хотири ишқи ту завқе дар тапидан буд.
Ту мерафтӣ зи оғӯши ману парво намекардӣ,
Гиребони дили ман лек дар дасти даридан буд.

Надонӣ ҳеҷ фарҷоми фироқу ҳаҷри худ бар ман,
Ки дар ҳар лаҳзааш соле зи умри ман буридан буд.
Гаҳи рафтан зи ман овози пои ту ҳамоҳанг аст
Ба садҳо қатра хуне, к-аз дили ман дар чакидан буд.
Аз ин дунё ман он дам лаззатеву баҳра бигрифтам,
Ки аз бӯят шамидан буду аз лаълат макидан буд.
Зи бими ту, рақиби шум, ёрам чун биҳиште буд.
Ки он ҷо нест хӯрдан, шукри беҳад лек дидан буд.
Сари кӯяш будам аз теғи ҳаҷр афтода андар хун,
Накард ӯ як нигоҳе сӯи ман, чун дар чамидан буд.
Ба оғӯши мани бебахт он гаҳ омадӣ, афсӯс,
Ки вақти кор рафтан буду субҳ андар дамидан буд.
Сари ҷаҳл он саҳар гуфтӣ: - Сайид, аз ман чӣ мехоҳӣ,
Муроди ман гуле аз боғи васлат, ёр, чидан буд.

## ХОШОКИ ҒАМ

Абр бо ҷорӯби боронии хеш,
Рӯфт саҳни гулшану кӯҳу даман.
Шуълаҷорӯби фараҳ ку, то ки пок
Рӯбад ин хошоки ғам аз қалби ман?

## ЯК ЛАҲЗАИ БАҲОР

Чун бонуи ҳавлирӯб ин абри баҳор
Чилчилла ба борон бикунад рӯйи замин.
Гардида фалак муанбару атромез
Аз накҳати тасфи бадану бӯйи замин.

Хуршед бароял аз паси чодари абр,
Бар сӯйи ҳабиби худ-замин ханда кунад.
Бо ҳусни расову накҳату бӯй замин
Хуршеди ҳабиби хешро банда кунад.

Аз шавқ кушояд оғӯши гарм замин,
Бар сӯйи ҳабиби хеш-хуршеди сипеҳр.
Хуршед ба панҷаҳои зарринаи худ
Хуш масҳ кунад тани замин аз сари меҳр.

## ГАНҶ БУД

Сарфарозиям зи ҳиҷронат нишони ранҷ буд,
Имтиҳон аз ишқ мекардӣ, баҳоям панҷ буд.

Гарчи буд заҳри ҳалоҳил лаҳзаҳои дурият,
Лаззати ҳар бӯсаат ширин зи тути Ванҷ буд.

Чун туро таб мегирифт аз хиҷлату дарди висол,
Ин тани ман баҳри ту неку ҳароратсанҷ буд.

Васлгоҳи мо миёни майсазорони базеб,
Синаи мо маскани кашфи ҳазорон ганҷ буд.

Гар набудӣ ҳаҷру дарду нозу истиғнои ёр,
Ин Сайидаддин ба роҳи зиндагонӣ ланҷ буд.

## ҶАВОНӢ

Ҷавонӣ ку, ки қадрашро бидонам?
Варо рафтан намонам з-остонам,
Чаро баъди заволи умр акнун,
Кушоям баҳри васфи ӯ забонам.
Кунун ангушти ҳайрат мегазам ман
Аз он умре, ки рафта ройгонам.
Намеёбам дигар он лаҳзаи хуш,
Ки сар андар сари сангаш бимонам.
Қасоси умри зоеърафтаи хеш,
Чӣ сон, эй зиндагӣ, аз ту ситонам.

Надидам сер ҳусни матлаи ту,
Саромад мақтаи ин достонам.
Замоне сорбони умр будам,
Кунун маҳмилкаши бе корвонам.
Куҷо маҳбубаҳои шӯху саркаш,
Чаманҳо зери пошон то фишонам.
Замоне нахли хуш пурбор будам,
Бубин алҳол шохи урёнам.
Бубин, эй дилбари сангиндили ман,
Баҳорам рафт, дар айни хазонам.
Канори ҷаннатосои ту будам,
Сари санг аст акнун ошёнам.
Биё, як бори дигар, эй ҷавонӣ,
Биё, қадри туро садчанд донам.

## БО МАН БОШ УМРЕ

Нахоҳам як нафас бошӣ зи ман дур,
Чаро, ҷоно, маро созӣ ту маҳҷур.
Тӯӣ аз ман, ту бо ман бош умре,
Шаби тори маро, охир, туӣ нур.

Чу аз чашмам замоне дур бошӣ,
Хаёлам, сайд бар бегона гардӣ.
Мабодо ки рақибе макр созад,
Ту шамъи маҳфили ҳар хона гардӣ.

## МАНУ ДИЛБАР

Рақиби беҳаё, манъам макун аз дидани рӯяш,
Кунам то гул ба домони димоғ аз атри гесӯяш.
Маро ҳаҷри ғаюри ӯ ба пирӣ раҳнамун гардид,
Ҷавон гардам, агар хонад маро як лаҳза бар сӯяш.
Муроди ман зи завқи сайри чашмаш чист, медонӣ?
Зи хуни дил диҳам то об шамшери ду абрӯяш.

Дили садчоки ман чун хонаи занбӯр гардидаст,
Басо нӯшинаҳо дорам зи неши нози дилҷӯяш.
Туро бахшам, рақибо, ҷаннатулхулди баринашро,
Биҳиштам бас бувад як дам ниҳодан сар ба зонуяш.
Баланд аст ахтари иқболу то он норасо дастам,
Зи бахти ман гувоҳӣ медиҳад шабгунаи мӯяш.
Рақибо, кӯр будӣ, кӯртар гардӣ дар ин олам,
Ки то маҳрум бошӣ аз нигоҳи чашми ҷодуяш.
Сайид, афгор гаштӣ аз фиғону нолаву шеван,
Шавӣ хомӯш, чун гардӣ ту ҳамдам бо саги кӯяш.

## ЧАШМИ ЧОР

Сутуни зиндагониро дили ман пойдевор аст,
Ба дӯши ман ҳама буду набуди зиндагӣ бор аст.
Агар дар рӯи олам то даме як аблаҳе бошад,
Маро осудаву беғам нишастан сахт душвор аст.
Ту бархурдор шав аз кулли лаззоти ҷаҳон, эй дӯст,
Ки омад-шуд бар ин дунёи фонӣ маҳз як бор аст.
Ҳамеша арҷманду сарфарозу боҳамият зӣ,
Сари таслим чун овезаи банди сари дор аст.
Агар хайрӣ в-агар шар, зиндагӣ кӯбад туро бо мушт,
Надонам, ин ҳама аздодҳоро худ чӣ асрор аст.
Ба гирдам сад ҳазорон дӯстон парвонасон гарданд,
Валекин содиқу ҷонияшон ангуштбишмор аст.
Ба ранги заъфарони ман тааҷҷуб аз чӣ месозӣ,
Рухи оинасонамро хазони умр зангор аст.
Зи баъди чанд соли ҳаҷр вақте рӯ ба рӯ гаштем,
Муаззин дод мужда, к-имшаб андар ҳаҷр ифтор аст.
Рақибам гуфт: - хар будам, ки бо ту душманӣ кардам,
Зиҳӣ марде, ба номардии худ низ иқрор аст.
Ҳама лаззоти олам аблаҳонро муфту арзон аст,
Вале кулли хирадманд аз чӣ доим ин қадар хор аст?

## НЕСТ

Рустами бе Рахш Рустам нест, нест,
Гиря ҷуз бар мурда мотам нест, нест.

Аз чӣ нозӣ бар қади сарви баланд,
Рамзи пирӣ қомати хам нест, нест.

Парчами мо рамзи Истиқлоли мост,
Ҳар матои мулк парчам нест, нест.

То ба садрӣ, ҳаст сад ёру рафиқ,
Чун биафтӣ, ҳеҷ ҳамдам нест, нест.

Аз барои ошиқи зору низор
Ҷуз висоли ёр марҳам нест, нест.

Рӯйи оламро чӣ меҷӯйи абас,
Як каси бедарду беғам нест, нест.

Мефиребад сабзгун сунъидарахт,
Дар раги ӯ қатрае нам нест, нест.

Чеҳрахандон мешуморӣ хешро,
Хандаи ноҷой форам нест, нест.

Гар ба ҳикмат хонӣ ашъори Сайид,
Аз ягон шеъри дигар кам нест, нест.

## САЗОВОР

Падар – бунёди коху даргаҳи ман,
Падар чун ҷон ҳамеша ҳамраҳи ман.

Дуои ӯ дари бахтам кушояд,
Муроди ман ба осонӣ барояд.

Барору фатҳи корамро дуогӯст,
Ба дардам лутфи ӯ беҳтар зи доруст.

Маро парвард чун дар бениёзӣ,
Зи ман бояд ки ёбад сарфарозӣ.

Ҷадал созам чу фарзанди вафодор,
Ба номи неки ӯ бошам сазовор.

## МЕБАХШАМ

Кӣ бошад дар муҳаббат бовафову номвар чун ман?
Кӣ бикшояд ба авҷи ишқи покат болу пар чун ман?

Кӣ дар подоши ранҷу шикваи ту кӯру кар чун ман?
Кӣ бошад ошиқи зори туву беруни дар чун ман?

Зи авҷи орзу кӣ бар сарат истора мерезад?
Кӣ зери мақдамат чашму дили овора мерезад?

Чӣ бошад дурру марҷон дар қадамҳоят кунам барчош,
Чу пеши пои ту дилпораҳо ҳамвора мерезад.

Мани шайдо ба роҳи ошиқӣ меҳру вафо дорам,
Яқинан ҳамчу ту дар зиндагонӣ ҳамнаво дорам.

Надорам бок аз рӯзи сияҳабру шабони тор,
Чу аз хуршеди рахшони вафо нуру сафо дорам.

Ҳама ҷабру ҷафоят, эй гули якдона, мебахшам,
Фироқу дарди ҳиҷрони туро мардона мебахшам.

Агарчи бо ҳама нозу адоят мекунӣ доғам,
Туро чун Шаҳрзоди қиссаву афсона мебахшам.

## НӮШИ МО

Он чӣ неше сар занад дар зиндагонӣ, нӯши мост,
Луқмаи мо ҳосили аҷзу лаби хомӯши мост.

Ҳамчу Юсуфем зиндонии чоҳи орзу,
Дил гирифтори ғаму санги алам сарпӯши мост.

Аз чӣ меҷӯшӣ зи рашки қалби нопокат, аду,
Шукр, мавҷи зиндагонӣ дар дили пурҷӯши мост.

Савлатеву сарвате дорӣ ту дар рӯйи замин,
Маснади меҳру вафо, сад шукр, андар дӯши мост.

«Дар сари обичаи мавҷ аст бунёди ситам», -
Аз бузургон ин сухан ҳамвора андар гӯши мост.

## МАРГИ МАРГ

Эй марг, ду додари маро бурдӣ ту,
Ин қалби маро ба ғусса озурдӣ ту.
Ду додари ман-ду шаҳсутуни дари дил,
Эй кош, ба ҷои он ду мемурдӣ ту.

## ҶӮШИ САФО

Хокистари шаб гирифта аз хирмани моҳ
Хуршед ниқоб кард то вақти сабоҳ.
Чун шуст ба шабнами саҳар чеҳраи худ,
Гардид пур аз ҷилову пур ҷӯши сафо.

## УСТО

Падар мехост, ки усто шавам ман,
Дару дарвозаву устун тарошам,
Зи по афтам агар, аммо тавонам
Ба пушти дастгоҳи кор бошам.

Вале устодии дарсам сар афтод,
Чу устое сари фарҳангу ирфон,
Тарошам устуни илму фазилат
Ман андар тинати донишпажӯҳон.

## ГУЛ ВА НАСИМ

Вақте насим масти гулу шаҳди бӯса рафт,
Гул ғамзаву карашмаву нозеву ишва кард.
Гардонда аз насим рӯ гул сӯйи дигаре
Бо чеҳраи шукуфта ба худ хос ҷилва кард.
Он сӯй рӯ ба рӯйи гул омад насим боз
Густох бӯса зад ба пою баргу рӯйи гул.
Аз васли гул насим ба ваҷд омаду ҷаҳон
Зебо шуд аз рухи гулу хушбӯ зи бӯйи гул.

## ҚАЛБАМРО БИГДОЗӢ

*(Ба коргардухтари заводи алюмини Тоҷикистон)*

Зи тафти печ рухсорат ақиқосо дурахшон аст,
Миёни оташу миксеру ту разме ба майдон аст.
Ба бахти халқ ҷорӣ алюмини Тоҷикистон аст.
Аз он рӯсурхию бахти накуи ҷумла инсон аст.
Ба поят саҷда орам, эй Худои оташу оҳан!

На хишти алюминро, балки қалбамро ту бигдозӣ,
Надорӣ ҳеҷ парвоеву балки ту сарафрозӣ.
Дилам бар панҷаи оташ чу симобе кунад бозӣ,
Ба сӯзаш карда наззора ту меболию менозӣ.
Гудозаш ҳар қадар хоҳӣ, ки хоҳони гудозат ман!

Диламро нест андар кӯраи ишқи ту ороме,
Варо резӣ сипас, эй ёр, андар оҳанин ҷоме.
Зи нав дар қолаби сидқу вафо бидҳиш андоме,
Намонад дар замири қалби ман як заррае хомӣ,
Ҳаёти ман бувад кӯтоҳ, охир, бе чунин як зан!

Чун андар сехи дигар кӯҳи алюмин бидидам ман,
Гумон кардам, туро ҷамъ аст ахтарпора дар доман.
Ба ҳусни хеш оламро намуда чун шафақ равшан,
Ба ин зӯру ба ин пурқудратии ту ҳазор аҳсан,
Зиҳӣ, эй офаридгори дили пуроташи меҳан!

## ОСОН НЕСТ

Азизи кишвару маҳбуби мардум гаштан осон аст?
Ғубори хокро биншонд танҳо. Ин чӣ борон аст?
Агар кас парварад якто дарахте, боғбон набвад,
Агар пурбор бошад уштуре ҳам, корвон набвад.
Бубинад умри тӯлониву фарзанде наёбад гар,
Ягон соҳибхирад ӯро нагӯяд ҳеҷ гаҳ модар.
Надонӣ ту агар қадри падар, модар, яқин медон,
Туро ҳаргиз нагӯянд одамизода, бани инсон.
Фақат як ояте аз бар намудӣ, нестӣ олим,
Надорӣ гар хирад, пилзӯр бошӣ ҳам, наӣ солим.
Чароғеро набошад хамрадифӣ бо маҳи анвар,
Ба хона обрӯят не, ба давлат чун шавӣ сарвар?

## ҲАМРАНГ БОШ

Ин оламе, ки моем, ҷуз шӯру шар набошад,
Гӯё ки одамиро ақле ба сар набошад.
Ғайри шароби фикру андешаҳои ботил,
Дар косаи сари мо чизе дигар набошад.
Андар шикоргаҳ, ки сайде ҳазор дорад,
Он мурғакам, ки ӯро як болу пар набошад.
Мурданд орзуҳо, сард аст зиндагонӣ,
Гӯӣ пайи шаби мо дигар саҳар набошад.
Чандон вафо бикардам, бар ман ҷафо намуданд,
Беқадрие бароям аз ин батар набошад.
То чанд ҷон фишонӣ, то чанд ҳарза ҷӯӣ,
Гандидакӯлҳоро ҳаргиз гуҳар набошад.
Эй, навҷавон, ту бишнав пайваста панди пирон,
К-ин ғусли бардавом аст, аз он зарар набошад.
Фарҳанг орӣ аз ҳанг, аҳли сахост дилтанг,
Ҳеҷ аст ҳангро, гар аз пеш фар набошад.
Беҳуда ранҷа гардӣ, беҳуда сайъ варзӣ,
Дар ҳифзи он ниҳоле, к-ӯро самар набошад.

Одам ба илм зиндаст, олам ба кулли одам,
Шаб фоҳиш асту зулмат, гар боқамар набошад.
Як хона пур зи фарзанд, аммо мабош ғофил,
К-аз ин ҳама яке ҳам лахти ҷигар набошад.
Савдоиёни ин шаҳр савдогаранд яксар,
Гӯё ки андар ин мулк шуғле дигар набошад.
Чандон намуда хизмат бар халқу кишвари худ,
Эй, бас аҷаб, маро пас тоҷе ба сар набошад.
Бе пир, эй ҷавоно, азми куҷой дорӣ,
Ҳатто ки бар Сикандар раҳ бехатар набошад.
Аз ишқу ошиқиҳо ин қадр чанд лофӣ,
Донам, ки бар дили ту з-онҳо шарар набошад.
Рӯзи нахуст азми ӯро бисанҷ, варна
Бигзар аз он муриде, к-ӯро ҳунар набошад.
Хилъат зи тан бурун кун, бар пушт зан ту полон,
Ин ҷо намепазиранд онро, ки хар набошад.

## МЕПАРАСТАМ

Мисли рӯдат ман ба саҳрои ҳаёт,
Дар талошам сӯи фардо доимо.
Баҳра ёбад то зи ман лабташнае,
Ё гиёҳе з-оби ман нашъунамо.
Ман ҳамеша ҷӯшу туғён мекунам,
То нагардад паст тӯфони дилам.
Мавҷи маҷроям намеғунҷад ба ман,
Доимо лаб мезанам аз соҳилам.
Дӯст медорам ба роҳи худ талош,
Мепарастам мавҷи бeоромро.
Роҳи ман сарбастароҳе нест, нест,
Роҳпӯям роҳи хушфарҷомро.

## НАВМЕДӢ

Аз умедам ноумедам,
Чунки ҷои ҳифз кардан,
Ин гиребон худ фишорад
Ҳар замоне сахт гардан.

## СОЯ

Дар равшаниё ба ту ҳамеша,
Ҳамрозу шарики роҳ бошад.
Дар тирашабони номуродӣ,
Чун об ба зери коҳ бошад.
...Парҳез зи ёри соямонанд!

## ТАН БА ТӮФОН ДОДААМ

Донае дар шӯразори зиндагӣ афтодаам,
Боз уммеди самар дорам, аҷаб як содаам.
Эй рақиб, асрор андар рӯзгори ман маҷӯй,
Дар китоби зиндагӣ як сафҳаи бикшодаам.
Соқии ноогаҳ асло пай набурдӣ, ҳайфи ту,
Ки ба ёди лаъли нӯшини кӣ масти бодаам.
Сарфарозу арҷмандам то абад дар рӯзгор,
Чунки умре сар ба пои модарон бинҳодаам.
Гар Ватан Модар бувад, Модар-Ватан, фарзандвор
Дар баҳои ҷон ба ҳифзи ҳар ду ман омодаам.
Сар фурӯ н-орам ба ҳасми миллатам, зеро ки ман,
Тоҷикам, з-авлоди Деваштичу Хатлонзодаам.
Нуҳ тӯфоне кунад аз нав, намеёбам газанд,
Кӯҳсорони Бадахшон аст то кадводаам.
Ҳифзи ному нанги миллатро кафолат саҳл нест,
Сахтпаймонам чу, Дарё, тан ба тӯфон додам.

## ВАСЛИ ЁР

Май аз ҷоми лабони арғувонии ту менӯшам,
Зи сеҳри наргиси афсунгари ту масту мадҳушам.
Чу рухсори накутар аз маҳатро дид, шуд мафтун,
Хиҷил аз ҳамдамии моҳ гардид осмон акнун,
Нигоҳамро қади сарви ту дарси ишвахонӣ дод,
Ба ҳар як мисраи ашъорам оҳанги равонӣ дод.
Зи ҷон гар сер гардам, чун ба қатли хеш бархезам,
Қасам, ки бар каманди мӯи ту худро биёвезам,
Дили саркаш агар боре дигар сӯ майл бинмояд,
Ба абрӯи чу теғат синааш бишкофтан бояд.
Худоё, гар насибам ҳаст аз ҷаннат ягон ҷояш,
Фикан ҳоло маро андар канори ҷаннатосояш.
Чу Дарё, аз ҳама лаззоти олам сер гардидам,
Вале аз васли ту серии худро, ёр, кай дидам?

## ДАРДИ ШИРИН

Ишқ дарди бедавову лек ширин будааст,
Шарбату шаҳдест, аммо заҳрогин будааст.
Ту чӣ донӣ қадри ишқу ошиқиро, эй рақиб,
Булҳавасро қимати он кам зи як тин будааст.
То наафтӣ ту ба доми дилбари номеҳрубон,
Аз куҷо донӣ, қиёматро чӣ оин будааст.
Аз фишори панҷаи бераҳми ҳиҷрони нигор,
Оҳу вовайлову сели ашк таскин будааст.
Чун даме бар ёди зулфаш печу тобе мехӯрам,
Фаҳм созам аз чӣ зулфи ёр пурчин будааст.
Хуб санҷидам ду оламро ба мизони хирад,
Ишқро ҳар кӣ насозад саҷда, бедин будааст.
Аз табиби ҳозиқе дарёфтам: дармони ман,
Бӯсаи ҷонпарваре аз лаъли нӯшин будааст.
Э дареғо, абрӯи ӯро ҳилол ангоштам,
Ман чӣ донам баҳри қатли ман чу зӯбин будааст.
Эй Сайид, охир чӣ нолӣ аз фироқи ёри худ,
Толеи шӯридаи ту аз азал ин будааст.

## ХАНДАИ ҚИСМАТ

Ман на ман будаам аҷаб, он гаҳ,
Ҳолати ваҷди сӯфиёнам буд,
Ки шикастам зи бехудӣ марзе-
Он чӣ, к-аз ту иҷоза онам буд.
Сайргоҳи ман аст якчанде,
Бӯсазорони ҳар ду рухсорат.
Хостам чошнӣ шавад имрӯз,
Он ақиқин лаби шакарборат…
«Тавба хоҳӣ агар, кунам тавба,
Узр орам, ки дориям маъзур»,-
Аз хиҷолат дар ин хаёл будам,
Рост гӯянд:-Чашми ошиқ кӯр.
Як шакархандаи лаби лаълат,
Дур кард аз сари ман ин заҳмат.
Эй зиҳӣ, ин адолат, ин ҳиммат-
Хандаи туст хандаи қисмат!

## АЙБИ МОСТ

Бо ғиромӣ карда дунёро ҳаром,
Боз айби зиндагонӣ мекунем,
Хор дар чашми Ватан гардида, боз
Иддаои қаҳрамонӣ мекунем.

## БЕНАЗИРАМ

Зулф ҷоду,
Чашм ҷоду,
Ишва ҷоду,
Хашм ҷоду.

Ғамза ҷоду,
Ноз ҷоду,
Ханда ҷоду,
Роз ҷоду.

Ин қадар ҳам,
Сеҳргар ту,
Саҳв кардам,
Пурҳунар ту.

Ман фидои
Розҳоят,
Ҷилваҳоят,
Нозҳоят.

Бе ҳама ин
Ман ҳақирам,
Бо ҳама ин
Беназирам.

## БАРОР

Гӯянд, нахуст дар саҳаргоҳ
Гар рӯйи касе бубинад одам,
З-он аст барору нобарорӣ,
Онрӯза нишоту ғуссаву ғам.

Бинам ҳама субҳ рӯйи тифлам,
Рашки гулу ғунчаи баҳор аст,
Пок асту фариштахӯю маъсум,
З-ин рӯй маро барори кор аст.

## ЧАШМИ БЕДОР

Нест бар ман ҷуз матои ишқ абзоре дигар,
Нест ҳамчун чашми ман лабрез анҳоре дигар.
Бош дар оинаи чашмам навори мустақим.
Чунки андар бойгонӣ нест пиндоре дигар.
Баски андар кохи қалби ман ту соҳибхонаӣ,
Баста бодо дар ба рӯйи ёру дилдоре дигар.
Васфи ишқат чун маро бинмуд устоди сухан,
Пешаи ман то абад ин аст, не коре дигар.
Чун Сайид охир кӣ бошад дар ғами халқу Ватан.
Ҷонфидову бовафою чашмбедоре дигар?

## СУРУДИ САРБОЗОН

Моем ҷоннисор бар ҳифзи ин диёр,
Ҳамвора комгор, фотеҳу бобарор.

Сарбози кишварем, мо сулҳпарварем,
Баски диловарем, умре музаффарем.

Мо босаодатем, соҳибиродатем,
Фарзанди давлатем, ҳомии миллатем.

Панди ту, модаро, аз ту, падар, дуо
Ҳамвора баҳри мо бошанд раҳнамо.

Моем сафшикан ҳамсони Таҳмтан
-Дар ҳифзат, эй Ватан, бидҳем ҷону тан.

## НАДИДА ВАСЛ

Бар домани васли орзу ҳеҷ,
Дастам нарасад зи умри кӯтаҳ.
Тарсам, ки арӯси зиндагонӣ,
Нодида равад аз ин ҷаҳон шаҳ.

## ИХЛОС

Чун ҷеғ назад мурғе, фарёд кунад чуғзе,
Чун саг назанад аккас, гургон бизананд уллос.
Аз ноз нарӯяд гул, ҷавлон кунад он ҷо хор,
Гар дӯст кунад ғайбат, душман накунад ихлос.

## МЕРОСИ ПАДАР

Тақсим бишуд гаҳе ки мероси падар,
Бар ман бирасид аз он яке доси падар,
Хор аз чамани адлу амон то даравам,
То он ки нагардад аз ман ихлоси падар.

## БЕҲТАРИН ГАНҶ

Қасру авранг намонд аз падарам,
Рамаву галлаву ҳамёни зарам.
Беҳтарин ганҷи ҷаҳон монд аз ӯ:
Нангу номусу накуиву карам.

## ШАБ

Рӯйи сапеди рӯзро шаб чун сияҳ кунад,
Хаффошҳои орзу пар боз мекунанд,
Гӯйӣ, ки хайли каргасон болои ҷисми ман
Дар ҷустуҷӯи луқмае парвоз мекунанд.

## МАНСАБИ ИШҚ

Зи бар кардам саводи мактаби ишқ,
Бидонам, то саросар матлаби ишқ.

Худоё, гар диҳӣ ранҷу азобам,
Бидеҳ, он чӣ ту дорӣ аз таби ишқ.

Гирифторам ба садҳо дарду андуҳ,
Давоям нест чизе ҷуз ҳаби ишқ.

Сияҳрӯзам агар хоҳӣ намудан,
Гирифторам макун ҷуз аз шаби ишқ.

Бидодӣ хоки ман бар бод, лекин
Шудам дар каҳкашонҳо кавкаби ишқ.

Рабудӣ гар лаби нон аз даҳонам,
Макун дурам, Худоё, аз лаби ишқ.

Мудом андар муҳаббат устуворам,
Маро рехтанд андар қолаби ишқ.

Фано гардад ҷамеи тоҷу тахтам,
Маро кофист умре мансаби ишқ.

## ҲОЛИ МАН

Фаромӯшам зи худ, ҳар гаҳ
Ки ой бар хаёли ман.
Пас аз дидорбиниҳо
Тасаввур кун ту ҳоли ман.

## ЭЙ ИШҚ…

Эй ишқ, аз даричаи бозат бурун макун,
Дилро ту аз сарои ниёзат бурун макун.
Бар даргаҳи ту гарчи гуноҳе накардаам,
Розӣ манам, зи маҳбаси розат бурун макун.

Хоки дарат ба новаки мижгон чу рӯфтаам,
Васфи туро сурудаму мадҳи ту гуфтаам,
Сарро ба санги Каъбаи меҳри ту кӯфтаам,
Ҷоно, маро зи ҷойнамозат бурун макун.

Ҳамвора гар зи косаи ту заҳр хӯрдаам,
Аз даргаҳи висоли ту ман ҳаҷр бурдаам,
Сад бор зинда гаштаву сад бор мурдаам,
Асло зи боғи ҷаннати бозат бурун макун.

## ТАЪМИРГАРДИ ДАҲР

Аз хок то само
Дарвозаҳои бахт
Қисмат ба рӯи ман
Маҳкам бубастааст.
Рафтам ба сад чаман,
Дидам, ки дар миёни ҳама гулситонҳо
Бар майлу бар муроди ман
Ҳатто гуле дар он
Нашкуфта то ба ҳол куҷо, бал нарустааст.

Аз бебарориҳо, аз ноумедиҳо
Дар кӯраи ҳаёт
Афшурдаву фасурдаам он қадр,
Эй аҷаб!

Чун нек бингарам,
Бадтар зи ман, вале
Ин даҳри пурҷафо
Афгору хаста аст.

Ҳар лаҳза, ҳар нафас,
Андеша мекунам:
Яздон маро ба даҳр
Баҳри чӣ офарид?
Оё на баҳри бурдани вайрона, к-ин замон
Дунёст номи он,
Нопухта хоми он,
Инсони сода лек,
Андар канори он
Бо сад умеду орзу ҳайрон нишастааст?!

## ПЕШАИ ОШИҚ

Набошад ҷунбише аз боду бӯрон решаи моро,
Куҷо оташ саре дорад, ки сӯзад бешаи моро.
Зи ноҳамворҳои хеш ин раҳ аз чӣ мағрур аст?
Надида дар камар омода оё тешаи моро?
Надорад ҳеҷ санги қисмат имкони шикасти мо,
Чаро ки табъи санги хора бошад шишаи моро.
Нигори ман, Сайид, он дам ҷафоандеша шуд бар ман,
Чу донист ӯ, вафодорист бар худ пешаи моро.

## МАҲВИ НИГОҲ

Бувад маҳви нигоҳи ту ғубор оинаи дилро,
Аз ин рӯ мекашӣ ҳар сӯй андар ишқ маҳмилро.
Маро ҳаҷри ту андар ҳар замоне мекашад сад бор,
Вале беҳуда ёрон ҳар тараф ҷӯянд қотилро.
Сипар бошад ҳубоби мавҷи дарё бар мани мискин.
Вале афсӯс, он ҳам бишканад нодида соҳилро.
Дар ин ваҳшатсарои бемурувват борҳо дидам,
Фалак ҳаргиз нагирад дасти фарди пойдаргилро.
Хаданги мижаи худро ба сӯи маҳшаре андоз,
Зи байни сад ҳазор аблаҳ кушад он лек оқилро
Саидо, шукр аз пасту баланди зиндагӣ мекун,
Бадар кун аз сари хеш ин замон ҳар фикри ботилро.

## ОБРӮИ ОШИҚ

Чунон дар ишқи ту гум кардаам ман сарҳисобамро,
Ки додам аз каф охир ақлу ҳушу хӯрду хобамро.
Чунон афшурдаам дар панҷаи дарду фироқи ту,
Худо ҳам шоҳиду ҳар банда ҳам донад азобамро.
Ҳамеша косаи холии сабр андар диҳӣ бар ман,
Чӣ созам? Шукр, бо ин роҳ мегирӣ савобамро.
Маро гӯӣ, сабақ омӯз аз сабру таҳаммул ту,
Бубин, ҳаҷри ту оташ зад, шикебоӣ китобамро.
Биё боре ту бар кошонаи пири ғуломи худ,
Ки то боз оварад ташрифи ту фасли шубобамро.
Ту гуфтӣ: - Нест парвое туро аз дарди ҳиҷронам,
Нигар, чун мӯи оташдида инак печу тобамро.
Ба паҳлӯи саги даргоҳи ту пушти дарат хобам,
Қабулам кун ту боре, ё бирону деҳ ҷавобамро.
Сайид, - охир, надорӣ зррае ҳам обрӯ дигар,
Бале, ишқи ғаюри ту ба яғмо дод обамро.

## МАҶМАИ МУҲАББАТ

Ту беҳтар аз таронаӣ,
Ширинтар аз фасонаӣ.
Ту маҷмаи муҳаббатӣ,
Ҷаҳони бекаронаӣ.

Ба худ биё, ба худ мапеч,
Машав ту ноумед ҳеҷ.
Ба кӯи зиндагӣ дигар
Махӯр ту пешпо, нағеҷ.

Дили ту маҳзани умед,
Раҳи ҳаёти ту сафед.
Дар осмони ошиқӣ,
Дурахшӣ ту ба мисли шед.

Ту бӯи ишқ мекунӣ,
Зи сӯи ишқ мекунӣ.
Чу қу шиноварӣ мудом
Ба ҷӯи ишқ мекунӣ.

## ҶАВРИ НИГОР

Сад бор тавба кардам, то ишқи ту наварзам,
Нашнид қалби саркаш як раҳ валек арзам.
Сарҳад кашида будам дар роҳи хонаи ту,
Ин пои хӯгирифта вайрон намуд марзам.
Бар ту, рақиб, бахшам саҷҷодаву масоҷид,
Чун ишқи ёри дилкаш ҳам суннат асту фарзам.
Дар даҳр он чӣ дорам, Қорун надошт он қадр,
Умре натонам, аммо баркандан аз ту қарзам.
Олам фуруд ояд гар бар сарам, натарсам,
Дур аз сарам ки гардӣ, чун барги бед ларзам.
Дар обрӯву иззат ҳамто надорам асло,
Дар назди ҳиммати ту барги каҳе наарзам.
Кам кун, Сайид, нола ӯро бихон ба сӯят,
Бигзор худ бубинад, к-аз ҷаври ӯ чӣ тарзам?

## ҒАМИ ДУНЁ БА МО БИГЗОШТӢ….

*(Ба ёди ҳофизи хушадои ҷавонмарг Авази Ҳалим)*

Чу аз маргат хабар омад, ҳама тори рубобат канд,
Нафас андар гулӯи хоҳари бечораат шуд банд.
Баромад оҳу афғони зани берӯзию фарзанд,
Аҷал омад, бибурдат бегумон, бе ҳилаву бе фанд.

Ҷаҳон падруд кардӣ, эй Аваз, сӯи бақо рафтӣ,
Ғами дунё ба мо бигзоштӣ, танҳо чаро рафтӣ?

Чаро парсинг бастанд ин саҳар лабҳои хандонат,
Шикаст ин дам ба соҳил мавҷи овози хурӯшонат,
Хазон шуд бемаҳал он қомати сарви хиромонат,
Зи ҷунбиш боз монд он қалби бекину пурармонат.

Ҷаҳон падруд кардӣ, эй Аваз, сӯи бақо рафтӣ,
Ғами дунё ба мо бигзоштӣ, танҳо чаро рафтӣ?

Бишуд торик олам, он даме ки чашм пӯшидӣ,
Замин ларзид, ҳангоме ки ҷон додӣ, хурӯшидӣ,
Сияҳпӯшем бар рағми кафан, к-онро ту пӯшидӣ,
Ба айни навҷавонӣ шаҳди марги хеш нӯшидӣ,

Ҷаҳон падруд кардӣ, эй Аваз, сӯи бақо рафтӣ,
Ғами дунё ба мо бигзоштӣ, танҳо чаро рафтӣ?

Ту рафтиву сутуни қалби ёру дӯстон бишкаст,
Бубин, оинаи қалби тамоми хонадон бишкаст,
Зи ғам афтода хуршеди дурахшон з-осмон бишкаст,
Ки ҳайфо, аз дарахти борвар шохи ҷавон бишкаст,

Ҷаҳон падруд кардӣ, эй Аваз, сӯи бақо рафтӣ,
Ғами дунё ба мо бигзоштӣ, танҳо чаро рафтӣ.

Хаёлам, мисли ту дигар ба олам булбулово нест.
Мисоли ту ҷавони сарбаланду шӯху зебо нест,
Ба ғайр аз дидани дидори ту моро таманно нест,
Чӣ созам, хеҷ дармоне ба дарди ту мудово нест,

Ҷаҳон падруд кардӣ, эй Аваз, сӯи бақо рафтӣ,
Ғами дунё ба мо бигзоштӣ, танҳо чаро рафтӣ?

## ПОЯ ДИГАР НЕСТ

Вайрона шуда манзилу кошонаю боғот,
Як соя дигар нест.
Устуни фалак гашта сарозер зи доғат,
Як поя дигар нест.
Аз даҳр ҳама кӯч бубастанду барафтанд,
Ҳамсоя дигар нест.
Ман чун бинигорам ба ту дастури фароғат,
Чун ғоя дигар нест.
Ман хом будам, хом равам ташнаи дидор,
Чун доя дигар нест.
Гуфтам, ки нависам сухан аз меҳру садоқат,
Ҳеҷ оя дигар нест.
Саргашта дили хастаи ман баҳри суроғат,
Харҷоя дигар нест.
Дилро набувад як сари мӯйе ба ман одат,
Сармоя дигар нест.
Охир, чӣ кунам дар талаби бахту саодат,
Ки моя дигар нест.
Эй, кош, биёбам раҳу даргоҳи муродам,
Э, вой-а, дигар нест!

## ВАСЛИ НОТАМОМ

Ба кунҷи хилвати андешаҳои хештан ҳайрон
Сафедори танатро ёд меорам ба сад армон.

Шароби ёди васлат мефузуд сармастиям ҳар дам,
Зи тасфи бӯсаҳоям кулчаи рухсораат алвон.

Ту будиву куҷо парвои даҳри беканорам буд,
Шаби маҳтобии зебо ҳаловат менамуд эҳсон.

Танам дар оташи оғӯши ту мисли самандар буд,
Дилам аз шодии васли ту буд он лаҳза дар ҷавлон.

Шаби ялдо нашуд, афсӯс, он як лаҳза беёдӣ,
Ки оҳуи висол аз чанги шери субҳ шуд қурбон.

## НАВРӮЗГОҲ

Дар канори мазраи дил лолаҳо,
Ҳар яке зеботалошӣ мекунад.
Машъали фаввораи хуни дилам
Бар раҳи ту нурпошӣ мекунад.

Дар танӯри синаи сӯзони ман
Дилкабоби навбаҳорӣ мепазад,
Худ баҳорӣ, ҳамраҳи Наврӯз о,
Дар қудумат ҷон фишонам, месазад.

Роҳ бар наврӯзгоҳи қалби ман
Гулфишону сабзу поку тоза аст.
Аз каманди новаки мижгони ту.
Орзуям ҷунбиши хамёза аст.

## КИФОЯ

Қисмат чу таноби умри ман хост канад,
Гар ғундаи марг даври ман тор танад,
Як бӯса кифоя аз лаби лаъли нигор,
То марг сараш ба ҳалқаи дор занад.

## ПОДОШИ УМР

Подоши гузашти умр дидам
Симинкулаҳеву қомати чанг,
Бас ҷӯяву чин ба сафҳаи рӯй
Барканда гузашти умр ожанг.

Қалбе, ки фарох оламе буд,
Имрӯз фишурдаю ғамин аст,
Ду дидаи меҳрборам акнун
Аз сӯзи ниҳони дил ҳазин аст.

Бар чеҳраи поку беғуборам
Овард ғубори зиндагӣ занг,
Шуд қалби ҳазину хастаҷонам
Садпора зи тири макру найранг.

Дардо, ки намекунад мадоро
Ин гардиши осиёи ҳастӣ,
Садпора шавам чу дони гандум,
Аммо накунам ҳавои пастӣ.

## ДАРДИ БЕДАВО

Чил сол шуда, рафта падар аз сари мо,
Носеҳу мураббию сару сарвари мо.
Ҷӯям раҳиислоҳи ғами бепадарӣ,
Дардо, ки надорад ин алам ҳеҷ даво.

## ОТАШИ ИШҚ

Биё, эй дилбари дерина, омӯз,
Маро дарси вафодорӣ шабу рӯз.
Шудам дар мазҳаби ишқи ту осӣ,
Бубар дар оташи ишқат маро сӯз.

Агарчанде чу Маҷнунам дар ишқат,
Диҳӣ дар дӯзахи ишқат ту ҷоям,
Дар ин дунё дили гармат надидам,
Аз он ҷо оташи ишқат рабоям.

## СИТЕЗАИ ДИЛ

Гар хирадро соҳати ҷавлон бад-ин сон танг буд,
Пои ҳар соҳибхирад дар сайри ҳастӣ ланг буд.

Рӯзи васли ту нагунҷам дар худу дар оламе,
Шаш ҷиҳат ҳам дар ҳамоғӯшӣ бароям танг буд.

Ҷоннисориҳо барои ҳифзи миллат кардаам,
Ҳамсафам андар набарди зиндагонӣ нанг буд,

Эй ки ҳаргиз менадонӣ буду нобуди маро,
Номаи умри ман андар сабти ҳар ожанг буд.

Сӯхт кохи илму фарҳангу касе парво надошт,
Лек дар тақсими коҳе аблаҳонро ҷанг буд.

Хоб бинӣ, харсаворӣ, фол соҳибдавлатист,
Лек чун шуд рӯз, бинам, хар на, як харсанг буд,

Эй Сайид, -ошӯб, -гуфтӣ, чист андар синаат,
-Шишаи қалби маро истезае бо санг буд.

## БОШӢ ТУ УМРБОД

Набошад хаёли ту гар бар сарам,
Куҷо бори беҳуда бо худ барам?
Ду дида бароям атои Худост,
Ки умре ҷамоли туро бингарам.
Расад бар машомам чу атри нигор,
Шамидан бидодӣ маро Кирдгор.

Ба гӯшам расад то навиди висол,
Шудам қобили самъ дар рӯзгор.
Пайи васфи меҳрат набошад забон,
Чӣ кор ояд ӯ пас маро ин замон?!
Лабонат зи нав ҷон бубахшад маро,
Расад чун ба онҳо маро ҳам лабон.
Ту андар амонӣ дар оғӯши ман,
Чу печида гирдат маро бозувон.
Худо ҳар чӣ додам, туфайли ту дод.
Ҳама узвҳоро ба майли ту дод.
Ту бошӣ чун андар ҷаҳон ҷовидон,
Ба аъзои ман ҳам газанде мабод!
Ба бадбахтии ман набошӣ агар,
Бувад ҳар яке узви ман дарди сар.
Дуоят кунам, ҷовидонӣ бимон,
Ки бошем ҳар ду зи ҳам баҳравар!

## РАШК

Пушт рӯи қолии сабзи замин,
Дида сӯи ахтаристони фалак,
Ҳар ситора бо ҳарисӣ мекашид
Домани васли туро, ту бедарак.
Бораҳои синаат пасту баланд
Мешуданд аз авҷи эҳсосу ҳавас,
Чашмакӣ мекард ҳар ахтар ба ту,
Гӯӣ ин писханд бар ман буду бас,
Мефишурд аъзои ман рашку ҳасад,
Чашмҳоям як замоне зад шабаҳ.
Кӯрпаи танро кашидам рӯи ту,
То зи чашми ахтарон бошӣ панаҳ.

# ТИФЛИЮ ДОМОНИ МОДАР

## ҶОН ТОҶИКИСТОН

*(Суруд)*

Буду набудам,
Ҳар тору пудам,
Шеъру сурудам,
Ҷои суҷудам,

Ҷон Тоҷикистон,
Ҷон Тоҷикистон!

Кони зарӣ ту,
Дил мебарӣ ту,
Бахтоварӣ ту,
Чун модарӣ ту,

Ҷон Тоҷикистон,
Ҷон Тоҷикистон!

Ҷаннатмаконӣ,
Бас дилситонӣ,
Моро чу ҷонӣ,
Ҷовид монӣ,

Ҷон Тоҷикистон,
Ҷон Тоҷикистон!

## МОДАРИ ҶОНАМ
*(Суруд)*

Шуҳрату шонам,
Пораи ҷонам,
Набзи замонам,
Фахри ҷаҳонам,

Модари ҷонам,
Модари ҷонам.

Ахтари моӣ,
Гавҳари моӣ,
Сарвари моӣ.
Ёвари моӣ,

Модари ҷонам,
Модари ҷонам.

Рамзи баҳорӣ,
Зеби диёрӣ,
Сулҳшиорӣ,
Муъҷизакорӣ,

Модари ҷонам,
Модари ҷонам.

## МОДАРИ МЕҲРУБОНИ МАН
*(Суруд)*

Ҳамдаму ғамгусори ман,
Боиси ифтихори ман,
Авҷи ману барори ман,

Модари дӯстдори ман,
Модари дӯстдори ман.

Домани ту-чаҳони ман,
Роҳати чисму чони ман,
Ҳарфи ману забони ман,

Модари дӯстдори ман,
Модари дӯстдори ман.

Тӯшаи ман-дуои ту,
Набзи дилам-садои ту,
Қалби ман аст чои ту,

Ҷону дилам фидои ту,
Чону дилам фидои ту.

## ПАДАР

Падар – устодам, падар – сарварам,
Падар – дастгирам, ҳидоятгарам.
Зафармандам аз раҳнамоии ту,
Бувад ибратам чонфидоии ту.
Биёмӯхтам аз ту панди ҳаёт,
Ки ҳаргиз наафтам ба фанди ҳаёт.
Ба майдони меҳнат шудам қаҳрамон,
Бикун ифтихору шикан ормон.
Намудӣ маро соҳибиқбол ту,
Бибахшидаиям пару бол ту.
Ҳама зӯри бозуву ақли расо.
Маро аз ту бошад, аё қиблагоҳ.
Чу фарзанд бошам туро ёрманд,
Ҳаме шуҳрати ту намоям баланд.
Ба ҳангоми пирӣ асоят манам,
Чу ғамхор обу адоят манам
Ки то зиндаам ман, бикун боварам,
Зи чон хизмататро ба чо оварам.
Дуо аз ту хоҳам фақат, эй падар,
Ки бошам ҳама умр соҳибзафар.

## БА МУАЛЛИМ

Туӣ мушкилкушо андар ҳаётам,
Туӣ сардафтари азму суботам,
Туӣ ҳодӣ ба фатҳи коинотам,
Муаллим, эй муаллим, эй муаллим!

Ту кардӣ қобили парвозам имрӯз,
Нигар, машғули сад эъҷозам имрӯз!
Зи ту-устоди худ менозам имрӯз,
Муаллим, эй муаллим, эй муаллим!

Зи ту омӯхтам дарси садоқат,
Дилерию вафодорию шафқат,
Намоям бар Ватан арзанда хизмат,
Муаллим, эй муаллим, эй муаллим!

Туро ҳамчун падар ман мепарастам,
Саногӯи туву кори ту ҳастам,
Ба ту ман аҳди фарзандӣ бубастам,
Муаллим, эй муаллим, эй муаллим!

## МОДАРАМ СИҲАТ ШАВАД

Дар шасти ман биафтод
Моҳичаи тилоӣ,
Пурсид аз ман он гаҳ:
-Ошуфта ту чароӣ?
Озод кун маро ту,
Гӯ:-Чист бар ту даркор:
Як хона ё видео,
Телевизори бисёр?
Хоҳӣ, ки аз ту бошад
Дар шаҳр чанд бозор,
Фармо, ки чанд халта
Тиллову танга даркор?

-Даркор нест инҳо,
Моҳичаи тилоӣ,
Як хоҳише намоям,
Иҷро ту менамоӣ?
Бемор-модари ман
Даҳ рӯз то ба ин дам,
Қимат зи модарам нест
Чизе ба рӯи олам.
Боигарии ман ӯст,
Хоҳам сиҳат шавад зуд.
Моҳича, -хуб, -гӯён
Зад ғӯта боз бар рӯд.

## МОДАРҶОНАМ, ДАМ БИГИР!

Модарҷонам, ягона,
Ҳастӣ бар ман дугона,
Бошӣ чу шамъи хона,
Ман дар гирдат парвона.

Гарчи ҳастам даҳсола,
Ман нозук не чун лола,
Оше пухтам чун хола,
Ноне мисли Ҳилола.

Баъд аз кори имрӯза
Дам гир акнун ин лаҳза,
Хӯр ин нони боҷазза,
Ҳам ин оши бомазза.

## МОДАР

Умрест қарздорем,
Хизмат ба ӯ гузорем,
Беҳтар зи ҷон шуморем,
Бе ӯ чӣ хору зорем,
Ӯ кист?
-Модар аст ӯ!

Қадраш чу мағзи нон аст,
Аз зиндагӣ нишон аст,
Дар даҳр ҷовидон аст,
Бе ӯ ҷаҳон хазон аст,
Ӯ кист?
-Модар аст ӯ!

Некуйахтар аст ӯ,
Ҳам бахтовар аст ӯ,
Бар ҳар кӣ сарвар аст ӯ,
Бар сулҳ раҳбар аст ӯ,
Ӯ кист?
-Модар аст ӯ!

## НОНИ МОДАР

Бегоҳ баъди бозӣ,
Аз тоз-тоз розӣ.
Бар хона омадам ман,
Шодона омадам ман.

Модар чу нур мепухт,
Нон дар танӯр мепухт.
Ҷонбахшу гарм ноне,
Чун фалла нарм ноне.

Аз нони гарм хурсанд,
Хӯрдам наволае чанд.
Аз нав гирифта қувват,
Рафтам ба хоби роҳат.

## БАЧАҶОН

Отам бачаҷон гӯяд,
Очам бачаҷон гӯяд.
Бобом бачаҷон гӯяд,
Момом бачаҷон гӯяд.
Амма бачаҷон гӯяд,
Ҳама бачаҷон гӯяд.
Ҳайрон шуда нишастам,
Ман бачаи кӣ ҳастам?

## ЧАШМА

Аз қаъри кӯҳ чашма
Ҷӯшида мебарояд,
Бо савти дилнавозаш
Тарона месарояд.

Чун қалби мо – бачагон
Ин чашма беғубор аст,
Зеро ки чашма чун мо
Фарзанди кӯҳсор аст,

Ширин чу шири модар
Оби зулоли нобаш,
Роҳат кунад тану ҷон.
Нӯшӣ агар зи обаш.

Ин чашмаро чу модар
Мо муътабар шуморем,
Аз чашмаву зи модар
Мо ифтихор дорем.

## ОМӮЗГОР

Мардум диҳад саломаш,
Доранд эҳтиромаш.
Бо ҳар кӣ ӯ шинос аст,
Шахсе наҷибу хос аст.
Ӯ меҳрубони мо аст,
Шаъни замони мо аст.
Дар ҷустуҷӯст умре,
Фарде накӯст умре,
Ӯ ҳамдами китоб аст,
Аз илм баҳраёб аст.
Сар то ба пой панд аст,
Гуфтори ӯ чу қанд аст.
Фахри диёри мо ӯст,
Омӯзгори мо ӯст.

## КИТОБ

Маҳзаре дар зиндагониям – китоб!
Қосиди сулҳу амониям-китоб!
Ҳамдаму ҳамрози ҷониям-китоб!
Раҳнамо бар қаҳрамониям-китоб!

Чашми бинои бани одам туӣ,
Баҳри инсон беҳтарин ҳамдам туӣ,
Дастгири мо ба ҳар як дам туӣ,
Назди мо бартар зи Ҷоми Ҷам туӣ.

Ҳамнишини туст умре сарбаланд,
Дӯстдори туст умре арҷманд,
Махзани ақлу заковат, кони панд,
Бо ту бошад рӯзгорам бегазанд.

**ЛУХТАКИ МАН**

Эй лухтаки ман,
Хушбахтаки ман.
Маҳбубакӣ ту,
Ҳай хубакӣ ту
Ё гушна монӣ,
Ё ташна монӣ,
Хоҳӣ ту бодом,
Аз боғи бобом,
Ё кулчаи гарм,
Ё себаки Ғарм,
Шафтолу, хурмо
Овардан аз мо,
Аз чӣ ҳазинӣ,
Пешам нашинӣ?
Хости дилат чист?
Ҳамроҳи ту кист ?
Ҳамроҳи ту-ман,
Огоҳи ту-ман.
Туро бубинам,
Бо ту нишинам.
Аз хӯрдани ту,
Нӯшидани ту,
Завқи ман омад,
Шавқи ман омад.
Худ гушна мондам,
Худ ташна мондам,
Бояд хӯран низ
Аз ҳар чӣ кам-кам.

## БАҲОР

Дар баҳор
Кӯҳсор –
Сабзпӯш,
Лолазор.
Мурғакон –
Нағмахон,
Чун биҳишт
Бӯстон.
Барзгар
Бо ҳунар
Кишт кард
Пур гуҳар.

## МУАЛЛИМА

Дугонаҳои худро
Намуда ҷамъ Соро
Муаллима бишуд ӯ
Чу холаи Дилоро.
Накарда хеҷ тайёр
Вазифаро Фазилат.
Пас рӯзномаашро
Ду дод «зебу зиннат».
Намуд Лола гиря:
Вазифаро надонам.
Худат будӣ хабардор.
Касал буд очаҷонам.
Гирифт панҷ Гулбарг.
Сафинаву Садаф чор.
Гузашта дарсро низ
Намуда пурра такрор.
Намуд ҷамъбаст ӯ
Чу дарс, кард хоҳиш,

Ки танбалон чу Гулбарг
Бояд кунанд кӯшиш.
Чу дид дарси Соро,
Азиза кард изҳор:
-Шавад, ба фикри ман, ӯ
Муаллими сазовор.

## МУАЛЛИМ

Самои маърифатро офтобӣ,
Диҳӣ моро ба дониш обутобе.
Хирадмандию умре комёбӣ,
Ту фарди комилӣ, оличанобӣ.

Раҳи фардои мо равшан шуд аз ту.
Дили мо маҳви илму фан шуд аз ту.
Тани мо бар Ватан ҷавшан шуд аз ту.
Диёри мо чунин гулшан шуд аз ту.

Шукӯҳу шаъну шуҳрат аз ту дорем.
Зи таълими ту ин сон пойдорем.
Ба қавли худ чу фарзанд устуворем.
Сари таъзим пешат мегузорем.

## ЗАБОНИ МОДАРӢ

Таъми шири поки модар мекунӣ.
Бӯи мушки нобу анбар мекунӣ,
Шаддаи маънӣ зи гавҳар мекунӣ,
Ҳамсафӣ бо моҳу ахтар мекунӣ.

Чун садои аллаҳои модарам
Ҳар каломат медиҳад болу парам,
Созмони Миллал инак минбарам,
То ба гардун мерасад акнун сарам.

Беҳтарин алфоз ин лафзи дарист.
Лафзи ишқу мардию одамгарист,
Лафзи аҳли ҷаннату ҳуру парист,
Шуҳрату шонам забони иодарист.

## ВОРИСОНИ ОЛИ СОМОНЕМ МО

*(Суруди наврасони Тоҷикистон)*

Гар зи Рашту аз Зарафшонем мо,
Аз Ҳисору аз Бадахшонем мо,
Ё зи хоки поки Хатлонем мо,
Ворисони Оли Сомонем мо,
Ҷонфидои Тоҷикистонем мо.

Мо ҳаёти нек барпо мекунем,
Зиндагиро рӯҳафзо мекунем,
Меҳри ин кишвар ба дил ҷо мекунем,
Ҳар чӣ гӯяд ин Ватан, мо мекунем.
Тоҷикистонро дилоро мекунем.

Чашми моро Тоҷикистон гавҳар аст,
Гарм оғӯшаш басо ҷонпарвар аст,
Ҷаннати рӯи замин ин кишвар аст,
Ҳар касеро Тоҷикистон модар аст,
Қувва бар тан, тоҷ ӯро бар сар аст.

## СУРУДИ СУЛҲ

Нусрату авҷу барорам – сулҳ, сулҳ!
Муждаи фасли баҳорам – сулҳ, сулҳ!
Рӯзгори файзборам – сулҳ, сулҳ!

Аз саодат нек пайғом оварӣ,
Аз тифоқӣ, меҳрубонӣ, ёварӣ,
Иттиҳоду дӯстиро сарварӣ.

Бахту шодиро кафолат медиҳӣ,
Хуш навиде аз садоқат медиҳӣ,
Бар дили одам шуҷоат медиҳӣ.

Сулҳ – пайванди дили халқи ҷаҳон,
Сулҳ – уммеди ҳама пиру ҷавон,
Сулҳ бахт орад ба ҳар як хонадон.

Сулҳ созад кишварамро пойдор,
Маҳв созад ҷангро дар рӯзгор,
Сулҳҷӯ ғолиб бувад дар корзор!

## МАКТАБ

*(Суруд)*

Чун канорат бӯи модар мекунад,
Меҳри ту олам мунаввар мекунад,
Фазли ту моро диловар мекунад,
Ҳамнишини моҳу ахтар мекунад.

Меҳрубониро зи ту омӯхтем,
Қаҳрамониро зи ту омӯхтам,
Комрониро зи ту омӯхтем,
Зиндагониро зи ту омӯхтем.

Тарбият кардӣ ҳазорон родмард,
Ғолибони корзорону набард,
Фотиҳони меҳнату кайҳоннавард,
Саҷда орад бар ту ҳар фарзона фард.

Модарӣ ту, модари ҷони ҳама,
Раҳнамою нури чашмони ҳама,
Файзи хону хайру эҳсони ҳама,
Обрӯю шуҳрату шони ҳама.

## ХУРӮСИ МАН

Хурӯси тоҷдорам,
Ту зеби кӯҳсорам.
Туӣ басо бароғбат,
Туӣ ба ҷои соат.
Аз баҳри дона дигар
Куҷо равӣ ба ҳар дар,
Катакчаи калоне
Фузун зи обу доне
Барои ту муҳайё,
Намо ту хизмати мо:
Ту ҷеғ ҳар саҳар кун,
Аз субҳ бохабар кун.

## ДУХТАРБАЧА

-Очаҷон!
-Ҷони оча!
Ман духтарам ё бача!
-Мӯи сарат кӯтоҳ аст,
Чашму абрӯ сиёҳ аст.
Ҳам духтарӣ, ҳам бача:
Яъне ки духтарбача.

## МОДАРАМ

Аз асал ҳам ширинӣ,
-Модарам.
Аз ҳама беҳтаринӣ,
-Модарам.
Хушрӯю нозанинӣ,
-Модарам.
Гарди ғаме набинӣ,
-Модарам!

## УМЕДҶОН

Додаракам Умедҷон,
Булбулаки хушбаён.
Гӯям:-Дорӣ маро дӯст?
Гӯяд:-Бале, апаҷон.
-Чӣ қалар дӯстам дорӣ?
-Баробари ин осмон.
-Кам аст,-гӯям ӯро гар,
Аз ин гап шавад ҳайрон,
Чунки дигар надонад,
Чизе аз осмон калон.

## ОЧАҶОН

Очаҷонам, очаҷон,
Дилу ҷонам, очаҷон.
Аз кор омадӣ, акнун
Бишин сари дастархон.
Қанду чоят меорам,
Мураббоят меорам.
Ширинӣ, шириниҳо
Ман бароят меорам.

## ХУДАШ БОБИ МАЗОҲ АСТ

Ҳар дам кунад Ҷаҳонгир
Моро ҳазор таҳқир:
Бинмо назар ба Акмал
Бемӯ бувад, сараш кал.
Раҳ меравад Мукаррам
Чун мӯсафед сархам.
Баднафс-Абдураҳмон,
Ҳам ғафс-Абдураҳмон.

Чашмони Лола танг аст,
Бадхашм чун паланг аст.
Аммо худи Ҷаҳонгир,
Сар то ба пост таҳқир:
Рӯзномааш пури ду,
Нодони синфи мо ӯ.
Дастону рӯ пур аз ранг,
Бо ҳар кӣ мекунад ҷанг.
Попӯши ӯ пур аз лой,
Ӯро бигӯй: - Э вой!
Сар то ба по гуноҳӣ,
Худ боб бар мазоҳӣ!

## ОҒӮШИ МОДАР

Акбарчаи яксола,
Рухсорааш чу лола

Омад бар оғӯши ман,
Ҳам бар канори Равшан.

Майле ба Нозӣ кард ӯ,
Бо Наср бозӣ кард ӯ,

Бо апааш Хиромон,
Ҳам бо акааш Афғон.

Кардаш лӯлаки боқӣ,
Дашти кулаки соқӣ.

Тай –тайи по-пояш кард –
Ин ҳама бобояш кард.

Гаҳе доду фиғон кард,
Кар гӯши ину он кард.

Гаҳ хандаю шодӣ кард,
Бо амаки Ҳодӣ кард.

Ҳарчанд мо дар хона
Гирдаш будем парвона,

Чун модараш шуд падид,
Чун модарашро ӯ дид.

Ҳама зи ёди ӯ рафт,
Фарёду доди ӯ рафт.

Гӯё ки ҷуз модараш
Касе набошад бараш.

Худро ҳаво дод Акбар
Сӯи канори модар.

## ПАДАР

Устоди ибратомӯзам, падар,
Пуштибону бахтафрӯзам, падар.
Қудрати сарпанҷаи мардонагӣ,
Ахтари шаб, чеҳраи рӯзам падар.

Машъали умрам насиҳатҳои туст,
Раҳнамоям ҳиммати волои туст,
Хатти умрам сабт бо имлои туст,
Хонаи дил маскану маъвои туст.

Бо дуои ту ватанпарвар шудам,
Як адабпарвар дар ин кишвар шудам.
Шоире навҷӯву навовар шудам,
Ҳар куҷо будам, сари минбар шудам.

Оядам илҳом аз гуфтори ту,
Гашта меросе маро пайкори ту.
Панд мегирам ман аз ҳар кори ту,
Саҷда орам бар дили бедори ту.

## ФАРХУНДА НАВРӮЗ ОМАД

Ях об гашту ҷорӣ
Чун файзи кӯҳсорон,
Дашту даман занад мавҷ
Дар баҳри сабзазорон.
Фархунда Наврӯз омад,
Бар мулки фирӯз омад!
Бо ноз ғунча во шуд,
Булбул ғазалсаро шуд,
Атроф дилрабо шуд,
Зебо диёри мо шуд.
Бархез Наврӯз омад,
Ин меҳрафрӯз омад!
Деҳқон зи нав ҷавон шуд,
Дар кор паҳлавон шуд,
Дони умед корид,
Неруи ҷисму ҷон шуд.
Наврӯзатон муборак,
Хуш рӯзатон муборак!

## ҲАРФИ «РЕ»-РО МЕДОНАМ

Мегуфтандам, нагӯ «ле!»
Ба ҷои «ле» бигӯ «ре!»

Акнун «ре»-ро медонам,
«Ре» гуфта метавонам.

«Ғулғул»-ро гуфтам «ғурғур,»
«Дул» бояд, ки бошад»дур.»

«Тал» бояд, ки «тар» бошад,
«Пал» бояд, ки «пар» бошад.

«Ғалла» не, «ғарра» гӯям,
«Палла» не «парра» гӯям.

«Шӯла»-ро «шӯра» гуфтам,
«Ғӯла»-ро «ғӯра» гуфтам.

Чаро акоям Маҷид
Ба ин гапи ман хандид?

**ЖОЛА**

Хуш набудӣ, ай, жола,
Задӣ ба дашту ёла.

Лолаю райҳон шикаст,
Сабзаро миён шикаст.

Себу шафтолу бирехт,
Ангуру олу бирехт.

Пистаю бодом рехт,
Анҷири бобом рехт.

Хӯшаи гандум бирехт,
Рӯзии мардум бирехт.

Раҳм бикун, шарм дор,
Дигар макун чунин кор!

## ДУГОНА

Овозаву дарвоза,
Ҳавливу хона тоза.

Пур шуд аз одам хона,
Аз хешу аз бегона.

Ду мошин оро доданд,
Орою торо доданд.

Бо базму бозӣ рафтанд,
Хурсанду розӣ рафтанд.

Пас ба зудӣ баргаштанд,
Бо хушнудӣ баргаштанд.

Бо як арӯси хушрӯ,
Янгаи мо будаст ӯ

Гуфт очам ӯро фарзанд,
Фарзанди ба ҷон пайванд.

Шудем акнун дар хона
Ману янга дугона.

## МЕҲМОН

Маро парак-парак кард,
Монанди шапарак кард.

Гаштам ба пушташ савор,
Аспи дигар чӣ даркор?

Чун мо табиби дардем,
Чи духтурбозӣ кардем.

Хонача соз кардем,
Ҳай тоз-тоз кардем.

Бачҷошавакон кардем,
Мо бо амакҷон кардем.

Эй амаки ҷон, Амон,
Боз мешавӣ кай меҳмон?

## ЧАРО НАМЕХӮРАНД ОБ?

Бобо ҷавона хӯрд об,
Харгӯши хона хӯрд об.

Мурғи сафед хурсанд,
Нӯшид қатрае чанд.

Хару хингала нӯшид.
Бузи ҷингила нӯшид…

Инро, вале надонам:
Ҳарчанд об монам,

Намешавад тамом об,
Равад ба як маром об.

Нахӯрд об олу,
На себу на шафтолу.

Ҳарчанд ки задам зӯр,
Об нахӯрд ангур.

Бинам, даҳан надоранд,
Аҷаб хӯрда будам фанд!

## ҲАМА РОЗӢ

Ҳаррӯза дарсҳоям
Тайёр менамоям.

Хонам китоб бисёр,
Ман огаҳи ҳар асрор.

Машғули варзиш астам,
Бошам ҳамеша бардам.

Баҳои ман ҳамаш панҷ,
Рӯзномаам кони ганҷ.

Ҳар рӯз баъди мактаб,
То дамгаҳи хоби шаб,

Дар хона бахри модар
Ман дастиёру ёвар.

Гӯяд ҳама: - Ташаккур,
Аҳсан ба ту, эй Мансур!

## ЗАРРОФА

Боғи ҳайвонот имрӯз
Бобоям бурд манро.
Дидам он ҷо гургу шер,
Ҳам филу каркаданро.
Маъқулам шуд заррофа,
Бо гардани дарозаш,
Чун бинокор аст аком,
Бошад крани созаш.

## ПАГОҲ РАВАМ БА МАКТАБ

Шашсолаам, калонам,
Навишта метавонам:

«Модар» навиштам дирӯз,
«Падар» навиштам имрӯз.

Акои ман Умедҷон,
Хонад дар шаҳри калон.

Гӯяд маро ҳар замон:
- Макун шитоб, Амонҷон!

То ту ба мактаб равӣ,
Аз пайи матлаб равӣ.

Монда як соли дигар.
- Як сол бошад чӣ қадар?

Бо панҷаҳои дастам.
Шумурда ман нишастам.

Гар ҳаст даҳ рӯзу шаб,
Пагоҳ равам ба мактаб!

## ПОСБОН

- Очаҷон, оё осмон
Магар надорад посбон!

- Рӯзона посбонаш
Офтобаки рахшонаш,

Шабона моҳтоб аст,
Посбонаки бехоб аст.

## БОБОИ БАРФӢ

Бо Андалебу Фирӯз,
Дар пеши хона имрӯз,

Беҳуда мо натохтем,
Бобои барфӣ сохтем.

Хунук хӯрдан намондем,
Гармакакаш пӯшондем:

Ҷомаву дастпӯшак,
Телпакаи багӯшак,

Пӯшид мӯза дар по,
Шуд мӯсафеди зебо.

Чизе накардемаш сарф,
Ин ҳама будаш аз барф.

Дар дасти ӯ асо буд,
Аз шохи беди мо буд.

…Пас дав-давак намудем,
Хелеякак намудем.

Бар дав-даваки моён,
Офтобаки дурахшон,

Нигаҳкунон аз боло,
Ханда мезад чӣ зебо.

Мо ҳама гашта розӣ,
Кардем тоз-тозӣ.

Пеш аз ба хона рафтан
Гуфтам ба бачаҳо ман:

- Аз рӯйи ҳурматаш мо
Гӯем: - Хайри шаб бобо!

Ҳар қадаре ки кофтем,
Лекин варо наёфтем.

Бобоҷон куҷо рафтаст?
Чӣ сон бе асо рафтаст?

## ХАЙР, БОҒЧА!

Эй хирсаки сафедак,
Эй лухтаки сияҳмӯ,
Ғамгин чаро шумоед,
Дарҳам кашида абрӯ?

Гаштам калон ман акнун,
Мактаб равам аз ин ҷо.
Ба ҷои ман биояд
Хоҳаракам Гулафзо.

## МОШИН МЕРОНАМ

Мошинамро меронам,
Қоидаро медонам:
Чароғак сурх аст, Аброр,
Мошинатро нигаҳ дор.
Зардаш, ки ғофил намон,
Сабзаш гӯяд, ба пеш рон.
Бингар пешу қафоро,
Раҳ деҳ пиёдаҳоро.
Оҳиста ронӣ, беҳтар,
Аз тезронӣ ҳазар!
Раҳам тахту ҳамвор аст,
Мошинам ҳам тайёр аст.
Калидашро додам тоб,
Гӯё ки хест аз хоб.

Бе ман ҳам шуд равона
Дар рӯйи фарши хона.

## КАЛОН ШУДАМ

Акнун ман калон шудам,
Бубин раҳгардон шудам.
Гап зада метавонам,
Ҳама чиро медонам.
Худ хӯрам хӯрокамро,
Худ пӯшам пӯшокамро.
Мекунам ҳама корам,
Ташвиши кас наорам.
Рӯйи сина гирам даст,
Қади худро каме паст,
Ба ҳар кӣ гӯям:-Салом,
Ба мисли аком Ислом.
Дина гуфт Акрам-бобо
Карда сила сарамро,
Бачаи хубӣ, Аёз,
Умракат бодо дароз.

## ОРУ

Ору, ба лола шинӣ,
Аз лола шира чинӣ.

Гардад асал фаровон,
Мо созем нӯшаки ҷон.

Ман ҳам, ки Лола ҳастам,
Мисли ту гулпарастам.

Бинмоям аз ту хоҳиш:
-Маро макун навозиш.

Ба рӯйи ман нашин ту,
Шаҳди лабам начин ту!

## РОҲГАРДОНАК

Падар хурсанду хандон,
Модар ҳам монанди он.

Бобо ғарқи тамошо,
Беқарор, аммо момо.

Холаи мо, Гуландом,
Чормағзу қанду бодом

Бар пеши пои Аброр,
Барчош кард бисёр.

Тай-таю по-по, тай-тай,
Чак-чаку ҳо-ҳо, ҳай-ҳай.

Акнун ба бозӣ тайёр,
Раҳгардонак шуд Аброр!

## ОБ КУҶО МЕРАВАД?

Оча, чаро давад об,
Ҳамеша дорад шитоб

Ҷуз давутози бисёр
Магар надорад ӯ кор?

- Очаат садқа, ин об
Рӯзу шаб надорад хоб.

Он чӣ ки мекунад об,
Ҳама барои савоб.

## СУОЛ

Магар нинимон Амир
Мисли бобо шуда пир?
Ки ӯ ҳамчун species бобоҷон
Надорад ягон дандон?!

## МОН, КИ ХОБАШ НАБАРАД

Эй оча, хоҳарамро
Бинмуда меҳрубонӣ:
Гуфтӣ , ки хобат барад,
Гаҳвора меҷунбонӣ.

Бошад чу об агар хоб,
Яке ғарқад хоҳарам,
Мон, набарад ӯро хоб,
Ман тамошояш барам.

# Д Р А М А

## ФАРМОНИ НАХУСТИН
### (драмаи манзум)

Амал мекунанд:

Асроров Баҳром – раиси агентӣ, 48 – сола
Гуландом – завҷаи ӯ, хонанишин, 43 – сола
Беҳрӯз – писари онҳо, бекорхӯҷа, 23 – сола
Санавбар – духтари онҳо, 17 – сола
Сайёра – зани Беҳрӯз, хонанишин, 25 – сола
Зарнисор – котибаи Асроров, 21 – сола
Ҳамроза – зани дуюми Асроров, 28 – сола
Фозил – хушдори Санавбар, 21 – сола
Ирина – духтари рус, 21 – сола
Славник – руcписар, шавҳари Ирина, 23 – сола
Шарифӣ – раиси суд, 42 – сола
Маҳмад – хушдори Ҳамроза, 23 – сола
Ҳодизода – намояндаи дастгоҳ, 45 – сола
Насимӣ – мутасаддии танзими расму оинҳои шаҳр, 40 – сола
Мӯйсафеди корафтода – 75 – сола
Зафар Нуров – дӯсти Асроров, 48 – сола
Муфаттиш – 45 – сола
Милиса – 35 – сола
Котибаи суд – 26 – сола
Фарзандони дигари Асроров:
Мавлуда – 5 – сола
Акрам – 7 – сола
Паригул – 10 – сола
Аъзам - 12 – сола
Воқеаи рӯзҳои мо.

## НАМОИШИ ЯКУМ

**Хонаи Асроров. Дар ҳуҷра Асроров ва Гуландом. Аз берун садои баланди мусиқӣ ба гӯш мерасад. Ғалоғула, қарсакзанию рақсу бозӣ. Беҳрӯз ба ҳуҷра медарояд.**

**Асроров**
**Ба Беҳрӯз**

Бубин дар чанд миз биншаста одам.

**Беҳрӯз**

Шумурдам шашкасӣ дар шаст миз,

**Асроров**

Кам!
Зи Хатлону Бадахшон камтар омад,
Зи Рашт Одинаю Мирҳайдар омад.
Зи Маскав, Порижу Шанхай, Вашингтон,
Зи Киев, Дубаю Бишкеку Олмон.
Ду ё ки секасӣ меҳмон биомад,
Касе аммо зи Покистон наомад.

**Ба Беҳрӯз**

Ба рӯи мизҳо камбудие нест?

**Беҳрӯз**

Ба фикрам, камбудии ҷиддие нест.
Арақ гӯянд…

**Асроров**

Ҳар кӣ ҳар чӣ гӯяд
Бибар.
Бошад гурӯҳе айб ҷӯяд.

**Беҳрӯз**

Ба мизи мири шаҳру Суди олӣ
Бидидам шиша даҳто гашт холӣ.
Фақат коняк.

**Асроров**

Ба меҳмонҳои Маскав
Арақ бар бештар аз маркаи нав.

**Беҳрӯз меравад. Асроров ба Гуландом рӯ оварда**
Шавад бедардаку беғам набера,
Бидод ӯро Худо умри дубора.
**Гуландом**
Сари сесолагӣ аз ҷой хест ӯ,
Ба тӯйи хатнааш бар пой хест ӯ.
Касал бисёр шуд, шаш-ҳафт маҳ шуд.
**Асроров**
Дар ин айём рӯзи мо сияҳ шуд.
Кунун хурсандию шодӣ намоем,
Бинӯшему бирақсему сароем.
**Беҳрӯз медарояд**
**Беҳрӯз**
**Даст паронда**
Зи меҳмонҳо гурӯҳе гушначашманд,
Хӯрокхӯриашон чун саг бувад…
**Асроров**
Чанд
Бигӯям, ки на бар ҳар хонавода
Худо ин давлату савлат бидода,
Намеёбанд серӣ гӯшту равған.
**Беҳрӯз**
Ба онҳо беш гардад нафрати ман
**Асроров**
Чӣ даркор аст, бин дар пеши мардум
Бирав, он гаҳ намо як-як ту маълум.
**Беҳрӯз меравад.**
**Асроров**
**Гуландомро ба оғӯш кашида**
Кунун сесола шуд Усмонаки мо.
**Гуландом**
Шаҳи зебояки мо, ҷонаки мо.
Тӯяш хуб аст, мардак?
**Асроров**
Беҳтарин аст!
Зи дунё омада меҳмон.

**Гуландом**

Ҳамин аст
Саодат, бахту иқболу дили шод!

**Асроров**

Зи пушти ман шуморо ҳам Худо дод.

**Беҳрӯз медарояд.**

**Беҳрӯз**

Ба рӯи мизҳо хӯрока кам гашт.

**Асроров**

Чӣ, онҳоро ту орӣ аз ягон дашт?

**Беҳрӯз**

Худоё, мисли гав баъзеи онҳо
Хӯранд он қадр ки…

**Асроров**

Нанмо ту парво!
Ана, анбор, рав, тандуриро гир,
Шароби ғамкуши ангуриро гир,
Ба ҳар мизе бимон даҳ кабки бирён,
Бикун ту ҳиммати худро намоён!

**Гуландом**

Мана, чормағзу туту мағзи бодом
Ва писта …

**Асроров**

Чун даҳони ин Гуландом

**Механдад. Беҳрӯз меравад.**

**Гуландом**

Гирифтӣ кайфи худ, дар гап бало ту,
Надорӣ пеши фарзандат ҳаё ту.

**Асроров**

Зи хурсандӣ, бале, хӯрдам ду ҷоме,
Зи шодӣ ҳай намудам кори хоме.
Кунун ду маҳ табобат мекунам ман,
Ба ранҷ афтам, на роҳат мекунам ман.

**Беҳрӯз медарояд.**

Дадо, хестанд меҳмонҳо ду-се кас,

**Асроров**

Бирав, очеш, ор он бастаҳо пас,
Ки худ омода кардем ба ҳар кас,
Хасисиҳою мумсикӣ дигар бас!

**Ба Беҳрӯз**

Бирав, деҳ ҳар касеро як тугунча,
Шукуфад рӯи меҳмон мисли ғунча.

**Беҳрӯз меравад. Лаҳзае пас бармегардад.**

**Беҳрӯз**

Дадо, ду ношинос андар лаби кат
Нишаста маҳтали ту…

**Асроров**

Бефаросат!
Бигӯ, оянд ин ҷо, ҳар кӣ ҳастанд,
Ки мизи рӯи ҳавлимон бувад банд.

**Беҳрӯз**

Чунон бо карру фар ҳастанд онҳо …

**Асроров**

Ба пеши мо ҳама пастанд онҳо.

**Беҳрӯз меравад, пас аз лаҳзае ӯ бо ду кас ба хона медарояд. Яке аз онҳо Насимӣ аст, дигаре Ҳодизода.**

**Асроров**

Биё, ҷонам, Насимӣ, омадӣ хуш,
Ба некӣ омадӣ ё бар бадӣ? Хуш …

**Насимӣ ба ҳамроҳаш ишора намуда.**

Зи дасгоҳ аст ин кас – Ҳодизода.

**Асроров**

Бигардад рӯзитон, ё Раб, зиёда.

**Даст ба рӯ мекашад**.

Биёед, шинед ин ҷо ба ҳузур,
Ягон чизе хӯред, охир.

**Насимӣ**

Ташаккур!

**Асроров**

Дуогӯям, шуморо ҳам, Худоё,
Расонад бар ҳамин рӯзи гуворо!

**Насимӣ**

Рафиқ Асроров, охир ин чӣ ҳол аст?

**Асроров**

Тӯйи мо бар ҳама як нек фол аст.

**Насимӣ**

Муборак бод! Гар ин нек фол аст,
Вале қонуни танзим бар чӣ ҳол аст?!
Шумори мардум аз меъёр се бор
Зиёда …

**Асроров**

Шин ту, то бегоҳ бишмор!

**Насимӣ**

Гапи тӯят бирафта то ба дасгоҳ.

**Асроров**

Расад овозаи он то ба Оллоҳ!

**Механдад.**
**Ҳодизода**

Зи субҳидам ба ин дам беш сад бор,
Ба дасгаҳ огаҳӣ доданд аз ин кор,
Ки дар ҳавлиятон се рӯз тӯй аст,
Хароҷот бештар аз оби ҷӯй аст.

**Асроров**

Ҳасуд асло наосояд, - бигӯянд,
Сияҳдилҳо ҳамеша айб ҷӯянд.
Аз ин рӯ дар тарабхона накардам,
Ки то овоза дар дунё нагардам.
Набидҳандам амон дар ҳеҷ ҷо ин
Ҳасудони ҳароми нотавонбин.

**Ҳодизода**

Рафиқ, ин кор кори ҳазлу шӯхист?

**Асроров**

Чизе ҷуз нотавонбинӣ дигар нест!

**Насимӣ**
**Ҳуҷҷатеро баровада ба Асроров дароз мекунад.**

Кунед имзо бар ин!

**Асроров**
**Ба ҳуҷҷат назар карда**
Дигар илоҷаш
Набошад, ки бипардозем боҷаш?
Ҷарима даҳ ҳазор?
Евро? На, доллар?
**Насимӣ**
На, сомонӣ, рафиқ.
**Асроров**
Гап нест, додар!
**Аз ҷайбаш як бандча пул бароварда ба Насимӣ медиҳад.**
Ана, ин ду баробар, гир ин сӯм,
Бикун ин ҳуҷҷати бадбахтро гум.
**Насимӣ ба Ҳодизода нигоҳ мекунад. Ҳодизода гӯё чизеро намедонад, рӯяшро ба тарафи дигар гардонда, ду-се қадам онтарафтар меравад.**
**Насимӣ**
Рафиқ …Асроров, ин сон …хуб набвад.
**Асроров**
Нигаҳ дорад, Худо, зинҳор аз бад!
Шумо ҳам зиндагӣ доред, додар,
Ба ман ҳам шубҳае н-оред, додар.
**Насимӣ пулро гирифта ба ҷайб меандозад ва ҳуҷҷатро байни панҷаи дасташ ғиҷим мекунад.**
**Садои мусиқӣ, суруд, ғалоғулаю кафзанӣ баландтар мешавад.**

**ПАРДА**

## НАМОИШИ ДУЮМ

**Хонаи Асроров. Дар як гӯша диване гузошта шудааст. Дар мобайн миз ва дар атрофаш курсиҳо. Асроров дар диван нишастааст, Гуландом дар сари миз дар курсие. Беҳрӯз дар дами дар рост истодааст.**

**Асроров**

**Ба Беҳрӯз ишора карда**

Гапи ман як, намемонам равад ӯ,
Ғуломи афсаре аблаҳ шавад ӯ.

**Гуландом**

Яке аз қарзҳои мард ин аст:
Ба модар, бар Ватан хизмат …

**Асроров**

Бад ин аст,
Ту дар артиш агар кобӣ ба сӯзан,
Ягон ашрофзода нест, эй зан!
Ҳама фарзандҳои камбағалҳо,
Ҳама лоғарбадан, куҳнакасалҳо.

**Ба Беҳрӯз мурочиат карда**

Намоянд ин Ватанро «ҳифз!», Беҳрӯз!
Дар он ҷо ту набинӣ ҳеҷ гаҳ рӯз.
Зи ҷаври «истарикҳо» баъди як моҳ
Намоӣ худкушӣ …

**Гуландом**

Э, бадзабон, воҳ!

**Беҳрӯз**

**Бозувонашро нишон дода**

Чӣ мегӯӣ, дадо, каратеистам,
Муқобил бо ду-се кас ман биистам!

**Асроров**

Азоби аскариро хуб донанд,
Агар хуш буд, моро ҳам намонанд.
Ҳама ҷоро кунанд ашрофҳо банд,
Барои хешҳою ҷамъи фарзанд.

**Гуландом**
**Ба Беҳрӯз**

Чӣ мақсад дорӣ, ҷонам, гӯй акнун,
Масоз ашкам равон, қалбам макун хун.
Чӣ гуфтӣ, бача,

**Беҳрӯз**

Оча!

**Гуландом**

Ҷони оча!
Бигӯ он чӣ, ки хоҳӣ!

**Асроров**
**Ба Беҳрӯз**

Рав ба кӯча!

**Гуландом**

На, на, истад, шавад бояд муаммо
Ҳалу фасл андар ин ҷо бо ваю мо.
Бигӯ, Беҳрӯз, мақсад, он чӣ хоҳӣ,
Зи дил то кай барорам сард оҳе!

**Беҳрӯз**

Ба хизмат меравам!

**Асроров**

Тавба, Худованд!
Шуморо як бувад дашному ҳам панд!
Намефаҳмед фарқи хубу бадро,

**Гуландом**

Бидонӣ додарам Абдусамадро,
Чунон тарсончаку лоғармиён буд,
Зи баъди аскарӣ шери жаён шуд.

**Асроров**

Ба мо ҳамсоя мири шаҳр

**Гуландом**

Ромиш?

**Асроров**

Нарафт аз се писар якто ба артиш.
Вазири мева дорад панҷ бачча,
Ҳама дайдуву айёше ба кӯча.
Ғаму дарди Ватан бегонаи ӯ,

Ҳама қонун бувад сарсонаи ӯ.
Пули давлат ҳама дар ҷайби онҳост,
Ҳама қашшоқу мискин ғайби онҳост.

**Гуландом**

Ту ҳам бепул наӣ.

**Асроров**

Медон ту дардам,
Қиёсан ман басо қашшоқ мардам.

**Гуландом**

Ту дар ин шаҳр сето ҳавлӣ дорӣ,
Ҳазоронанд бар як кулба зоре.
Ва дар шаҳри Душанбе панҷ дӯкон,
Тарабхона дуто дар шаҳри Ёвон.
Ба номи хоҳарону додаронат,

**Асроров**

Аз ин кам шуд магар нони даҳонат?

**Гуландом**

Ту дар шаҳри Дубай, Киеву Маскав,
Дутоӣ хона дорӣ, боз бишнав,
Маҳе Маскав равӣ, моҳе ба Дубай,
Ба Амрико гаҳе, гоҳе ба Шанхай.
Замини боғ андар Шаҳринав ҳаст,
Ду пода, рамма, сад аспи бидав ҳаст.
Ду дача дар деҳи Ромити шодоб,
Дили бинандагонро мекунанд об.
Вале нашнидаам шукронаатро.

**Асроров**

Нишон бидҳам ба чашмат онаатро,

**Гуландомро шаппотӣ мезанад.**

Бирав, андоз шӯр коррупсияро.
Ҳамон як порахӯри рӯсияҳро.
Бувад то он даме Мансур он ҷо,

**Гуландом**

Ҳама кори ту ҳаст э сур ин ҷо!

**Асроров**

Барои чӣ кудо бо ӯ бигаштем,
Бувад ҳомӣ …

**Гуландом**

Ба чанги сарнавиштем,
Бимон, нобуди ин молу манолат.

**Асроров**

Ғамӣ чӣ канда аз ту парру болат?

**Гуландом**

Ғами фарзанд кард обу адоям,
Худовандо, шунав, охир, нидоям!
Ба рӯзе дую се дафъа ба хона
Барои даъваташ оранд нома.
Халосаш кардӣ се боре ба пора,

**Асроров**

Намояд мум пора санги хора!

**Гуландом**

Ба фикрам, ки илоҷе нест дигар,

**Беҳрӯз**

Ба Россия равам?

**Асроров**

Ин аст беҳтар.

**Гуландом**
**Ба Асроров**

Намемонам, намемонам, ту Баҳром …

**Асроров**

Чунон кӯтоҳақлӣ ту, Гуландом!

**Гуландом**

Ана, Анвар, Сафар, Довуду Акбар,
Ҳама ҳамсояҳо аз пешу аз бар
Намуда хизмати модар-Ватанро,
Бидода обутобе рӯҳу танро.
Ҳама як касбу коре пеша карданд,

**Асроров**

Фақат онҳо, бигӯӣ, марди марданд!
Ҳама з-оилаи қашшоқҳоянд,
Ба умеди лаби ноне, гадоянд.
Дар он бозори Султони Кабиранд,
Ҳама беҳолу бечора, ҳақиранд.
Алайҳи ин раисону вазирон

**Гуландом**

Агентӣ ҳам вазорат нест?

**Асроров**

Э мон!
Намонам, ки кунад Беҳрӯз хизмат,
Куҷо дар мост инсофу адолат!

**Гуландом**

Вазирону раисон кай чу моанд,
Ба донишгоҳ дохил менамоянд
Писарҳоро, ки мехонанд ҳарбӣ,
Пасон дар эҳтиёт монанд ҳарбӣ.

**Асроров**

Намудам дохил ин Беҳрӯзро низ,
Бидода доллару садҳо дигар чиз,
Ба касби хуби Донишгоҳи андоз,
Ту худ донӣ, нахонд ӯ – ин даҳанвоз!

**Гуландом**

Бигардонаш ту ин бор,

**Асроров**

Натонам!

**Гуландом**

Илоҷаш ҳаст!

**Асроров**

Аммо ман надонам!

**Гуландом**

Занаш зояд кунун баъди ду-се рӯз
Зи хизмат мешавад озод Беҳрӯз.

**Асроров**

Кӣ медонад, зани ӯ сахтзой аст,
Биёбад зинда ё мурда?

**Гуландом**

Худо ҳаст!
Насозад бандаашро ҳеҷ ноком,

**Асроров**

Ту медонӣ, манам якрав, Гуландом!

**Гуландом**

Тамоми кор аз дастат биёяд,
Намо як ғайрати дигар, ки шояд …

**Пас аз фосилае гӯё роҳи ҳалли масъаларо ёфта бошад**

Дили комиссари ҳарбӣ агар, ҷон,
Биёбӣ ту, шавад олам гулистон!

**Асроров**

Иваз карданд, он поринагӣ нест,
Инаш аз ман ягон чиз хӯрдагӣ нест.
Бавиҷдон, бошараф, қоидадон аст
Ва дар КАМ ҳам варо як пуштибон аст.
Агар чизе ба ӯ з-ин кор гӯям,
Намояд амният ҳам пурсуҷӯям.
Ҳазорон нуқс меёбанд дар кор,
Ки белам монаду як гӯри тайёр.

**Беҳрӯз**

Кунун як роҳ дорам – сӯи Маскав!

**Гуландом**

Ту ҳам мисли падар гардида якрав.
Диламро реш кардӣ, ҷони модар,
Ғамамро беш кардӣ, ҷони модар.
Ғарибӣ кӯи сахт аст, эй писарҷон,
Намо андеша, вақт аст, эй писарҷон!
Чӣ гӯям ман бар ин якрав падар …

**Асроров**
**Ба Гуландом**

Ту!
Надорӣ аз бинӣ боло хабар ту!
Ғарибӣ ҷойи обу тоби мард аст,

**Ба Беҳрӯз**

Биё, бидҳем акнун ҳар ду мо даст.
Бигирӣ дар Россия шаҳрвандӣ,
Ту дил бар Тоҷикистон аз чӣ бандӣ?
Надорад ин Ватан оянда дигар,
Чу Мансуранд раҳбарҳош аксар.
Чу шайтонанд онон пеши сарвар.
Шавад нотинҷ гар ин Тоҷикистон,

Шаванд ин роҳбарҳояш гурезон.
Чӣ, онон бесабаб дар хоки Олмон
Ва дар Дубай ва дар Маскав, Вашингтон
Харида кӯшкҳо монанд оё?
Фақат баҳри чунин рӯзи мабодо.
Президент танҳояст…

**Гуландом**

Баҳром!
Назан ту беасосе гап!

**Асроров**

Гуландом!

**Гуландом**

Тамоми халқ бидҳад ҷон ба сарвар!

**Асроров**

Халоиқ ҳамчу рамма ҳаст …

**Гуландом**

Дигар.
Магӯ, мардак, Ватан оянда дорад,
Асоси маҳкаму поянда дорад!
Чу ин сарвар куҷо буд пеш, эй ҷон,
Чӣ пешрафт аст, бин дар Тоҷикистон.

**Асроров**

Биё, бас кун сиёсатбозиятро

**Ба Беҳрӯз**

Худо бидҳад ҳама ҷо рӯзиятро.
Ту дар Масков дуто хона дорӣ,
Уқобӣ, ки ба кӯҳе лона дорӣ.
Махӯр ғам, ҳар маҳе ду-се ҳазорӣ
Зи сабзакҳо диҳам баҳри ту ёрӣ.

**Ба Гуландом**

Касе пурсад, бигӯ, хонад ба Маскав.

**Гуландом**

Дурӯғи нав, гапи нав, ғуссаи нав.
Нигаҳ дор, эй Худо, Беҳрӯзи моро,
Сияҳ асло магардон рӯзи моро.

**Ба Асроров**

Чӣ сангиндил падар ҳастӣ ту, Баҳром!

**Ба Асроров**

Макун оби бинӣ, фисин Гуландом!

**Асроров бадҷаҳлона аз хона мебарояд, аз пушти ӯ Гуландом оби чашм поккунон берун мешавад. Беҳрӯз хаёломез сарашро дар миёни панҷаҳояш дошта, ба курсие менишинад. Овози гиряи тифле ба гӯш мерасад. Сайёра ба хона медарояд.**

**Сайёра**

Шудам безор аз ин, Парвардигоро,
Бигир ё ҷони ман, ё ин балоро!
Чаро додӣ чунин кӯдак, Худоё,
Аз ин зоту аз ин мардак, Худоё!
Фишори майнаи сар дорад ин тифл,
Яқин бадбахтие меорад ин тифл.

**Ба Беҳрӯз**

Чӣ дам кардӣ чу гови ришқахӯрда,
Ягон дилсӯзат оё ки бимурда?!

**Беҳрӯз**

Гапат хоида зан, ҷонам,

**Сайёра**

Шавад қир
Ҳамин толеу бахту тахту тақдир!
Задам дар хонае, ки …

**Беҳрӯз**

Аз чӣ кам ту!

**Сайёра**

Макун бар дард дигар дард зам ту!

**Беҳрӯз**

Ҳама нӯши ҷаҳон бар ту муҳайё,
Чӣ дорӣ норасоӣ?

**Сайёра**

Э, Худоё!
Бикардам туф сари ин неъмату нӯш,
Ту ҳамчун латтаӣ, на мард …

**Беҳрӯз**

Хомӯш!
Зи ҳад бигзаштӣ …

**Сайёра**

Ҳадро ту чӣ донӣ?

Намешуд, ки ба донишгоҳ хонӣ,
Шавад ҳал мушкилоти аскарият,
Будӣ озод ҳамчун аксарият.
Сари ин масъала баҳсу талош аст,
Ҳама ин моҷаро бас дилхарош аст.
Насибам будааст ин бесаводе…

**Беҳрӯз**

**Сайёраро як шаппотӣ зада**

Зани аблаҳ, зи зоти паст!

**Сайёра**

Доде!
Илоҳӣ, дар бигирад гӯри аммам,
Ки ӯ буд хостгор бар ин мутаҳам!

**Беҳрӯз**

**Аз гулӯи Сайёра гирифта, ӯро буғӣ карданӣ мешавад.**

Падарлаънат, намешудем гар мо,
Ҳамемурдед гушна!

**Сайёра**

**Гулӯяшро дошта**

Эй, Илоҳо,
Ду дастат бишканад авбош, омин!

**Беҳрӯз**

Ба чашмат онаи зорат кунун бин!

**Сайёраро тела медиҳад, ӯ ба рӯи диван меафтад.**

**Сайёра**

Зи пушти отаи ман карда савлат,
Чунин доред молу ҳолу давлат!
Ба ин мансаб дадоятро кӣ ҷо кард,
Дари ганҷинаро бар ӯ кӣ во кард?
Дадои ман, вагарна дар дуконаш,
Намеёфт отаат як бурда нонаш.
Дадоям дар мақомоти баланд аст,
Напурсад ҳеҷ кас, ки чуну чанд аст.
Чунон дар боварии сарвар аст ӯ,
Бувад сарвар Худо, пайғамбар аст ӯ.
Гапи ӯро Худованду ҳама кас
Бигирад ҳам ба тарсу низ …

**Беҳрӯз**

Э, бас!

**Сайёраро мезанад.**

**Сайёра**

Даҳони ҳафт пуштат ман …

**Беҳрӯз**

Ҳаромзод!
Ба ҳафт пушти ту лаънат!

**Сайёра**

**Сарашро дошта**

Во, сарам! Дод!

**Беҳрӯз**

Нуфузу ҷайби холӣ бар кӣ даркор?
Гапи бисёр бошад як хара бор!
Тамоми умр андар як-ду ҳуҷра
Дадою очаат бо шаш сағира
Ҳамезистед. Маҳз отаи ман
Харида ҳавлие монанди гулшан
Бувад сеошёна хона он ҷо,
Шуморо зиндагӣ мастона он ҷо.
Дуто сексия ҳампаҳлӯи масҷид,
Дуто бӯстонсаро дар деҳи Ромит.
Ба номи олияш буд ҷайбхолӣ.

**Сайёра**

Надоретон шумо дигар маҷоле,
Ғуломи отаи ман, бас шумоед,
Дар акси ҳол по андар ҳавоед.

**Беҳрӯз**

Дарак ёбад калон аз кори додот,
Зи бевиҷдонию асрори додот.
Якумрӣ маҳбасӣ созад варо зуд,
Бигардад ҷамъи авлоди ту нобуд.

**Сайёра**

Якум авлоди ту нобуд гардад,
Ҳама як-як якумрӣ суд гардад!

**Беҳрӯз**

Зи дасти ин дадоят, нест шубҳат
Нагун гардад ягон рӯз ин ҳукумат.
Бувад ӯ душмани ҷони ҳукумат,
Ба ин давлат, ба ин халқу ба миллат.
Намуда отаи ту - ӯ баринҳо
Ҳукуматро ба назди халқ расво!

**Сайёра**

Наков ин қадр ахлоти дадоям!

**Беҳрӯз**

Зи Маскав ман агар баргашта оям …
Зи дасти отаи ту порахӯр шуд
Дадои ман ва аз инсоф дур шуд.
Биёру деҳи Мансури ҳаромӣ
Рабуд аз отаи ман некномӣ!
Нагардад пур чу хӯрдони дадоят,
Чуқур будаст хӯрдон бениҳоят.
Ту ҳам носерамӣ мисли дадоят,
Сагони тикабинед …

**Сайёра**

Ниҳоят
Ба додоям занам занг, ин сағира
Ба ҷонам зад, ҳаётам гашт тира.

**Дар телефон рақам чидан мегирад. Беҳрӯз телефонро аз дасти ӯ мегирад, Сайёра боз телефонро аз дасти Беҳрӯз чанг зада мегирад.**

Чӣ, метарсӣ ту аз шасти …

**Беҳрӯз**

Дадоят?

**Сайёра**

Диҳад ин бор ҳам, аҳмақ, ҷазоят!

**Беҳрӯз**

Ба пеши ман чу хошок аст Мансур,
Ҳаромхӯр асту нопок аст Мансур.

**Сайёра**

Нарӯбам тухматонро гар ба ҷорӯб,
Намемонам!

**Беҳрӯз**

Макун ин қадр ошӯб!
Бишав аз пеши ман гум, эй ҳаромзод!

**Сайёраро мезанад. Телефони Сайёра ҷавоб медиҳад.**

Дадо! Мурдам!

**Овоз аз телефон**

Чӣ шуд?

**Сайёра**

Эй вой, эй дод!

**Сайёра шикамашро дошта, дар рӯи диван парӯ меафтад.**

## ПАРДА

## НАМОИШИ СЕЮМ

**Ҳуҷра. Дар як кунҷаш дивани духоба, дар кунҷи дигар шифонер ва дар гӯшаи ҷанубӣ телевизор.**
**Асроров бо Ҳамроза дар болои диван нишастаанд. Аз берун овози кӯдаке ба гӯш мерасад. Ҳамроза ба назди дар омада, онро нимроғ мекунад.**

**Ҳамроза**

Далеро, бозӣ кун дар рӯи кат ту,
Макун ифлос шиму куртаат ту.

**Дарро мепӯшад, омада боз паҳлуи Баҳром менишинад.**

**Ҳамроза**

**Бо нозу ишва ангуштари дасташро нишон дода**

Ҳамон ангуштаре оварда будӣ,
Шаби мавлуд тӯҳфа карда будӣ.
Ҳама дида ҳасад бурданд бисёр,
Ба худ аз рашк печиданд чун мор.

**Асроров**

Бале, олитарин бриллиант аст,

**Дасти ангуштаридори Ҳамрозаро молидаю бӯсида**

Чӣ зебо карда ин ангуштар ин даст,
На, на, кардам хато, ангушту ин даст,

Ҳамин ангуштариро зеб додаст.

**Ҳамроза**

На шоирӣ, каломат шоиронаст.

**Асроров**

Касе ошиқ бувад, шоир ҳамон аст.
Наям шоир, валекин ошиқам ман,
Ба ту додам вуҷудам, ҷону ҳам тан.

**Ҳамрозаро бӯсиданӣ мешавад, вале Ҳамроза худро ба ноз канор мегирад.**

**Ҳамроза**

**Ишвакунон**

Чу нархи бӯсаам бар ту гарон аст,

**Асроров**

Ба нархи умру накди қалбу ҷон аст?

**Ҳамроза**

Чӣ гӯӣ ту, ҳамон асту ҳамон аст.

**Асроров**

Намирад, он кӣ аз ту комрон аст.

**Баъд аз андаке таваққуф**

Халал ҳаргиз наёбад ишқи моён,
Худовандо, варо бошӣ нигаҳбон.

**Ҳамроза**

Ману ту чун ду шохи як дарахтем,
Дарахт ишқ асту мо ду шохи бахтем.

**Асроров**

Наорад марг гар бар мо ҷудоӣ,

**Ҳамроза**

Абад ҳастем бо ҳам ҷонфидое.
Кунун нав ёфтам ман бахту тахтам,

**Асроров**

Аз ин рӯ дар вафоят сахти сахтам!
Биё, ту гашта Лайлӣ баҳри Маҷнун,
Биё, ки қалби Маҷнун гашта пурхун.
Биё, он қадр пазмони ту гаштам,
Ки субҳи бармаҳал озими Раштам.

**Ҳамроза**

Намеранҷӣ зи ман, як гап бигӯям?

**Асроров**

Бигӯ ҳар чӣ ба дил, хоҳони ӯям.

**Ҳамроза**

Ба бозори «Саховат» рафта, бишнав,
Ки гирам бар Далерам куртаи нав,
Куҷо афтондаам ангуштаринам …

**Асроров**

Бало гӯ бар сараш, ай нозанинам.

**Ҳайрон-ҳайрон ба ангуштарини дасти Ҳамроза ишора карда**

Ба ангуштат, набошад, ҷон, ҳамин чист?

**Ҳамроза**

Ҳамин ангуштарин? Ин бутафорист.
Наорад шубҳа одамҳо, - бигуфтам,
Ҳамин аз бутафорӣ ман гирифтам.

**Асроров**

Пагоҳ ҷояш дуто ангуштар ояд,
Аз ин озурдагӣ ҳаргиз набояд.

**Ҳамроза**

**Асроровро ба оғӯш кашида мебӯсад.**

Ту якто мардакӣ дар рӯи олам,
Насибу рӯзию ҳаққу ҳалолам.

**Асроров телефонро гирифта занг мезанад.**

**Асроров**

Ало, Соҳибназар, Асроровам ман,
Ба ёдат ҳаст моҳи май ба як зан
Яке ангуштаре туҳфа намудам,
Ҳамон лаҳза пулашро дода будам.
Аз он хубаш агар бошад, дуто мон,
Дуто ҳархелаашро, хайр, эй ҷон!

**Ҳамроза**

**Асроровро бӯсида**

Агар Ҳотам бигӯям, беш аз онӣ,
Зи Ҳотам бешию беҳтар зи ҷонӣ.

**Ишвакунон**

Агар бидҳӣ ба нозида сари даст,
Зи бозу гирадат, - гӯянд, - бо шаст.

Ман, охир, нозпарварди ту ҳастам,
Зи лутфу меҳрубониҳот мастам.
Ба ёдат ор ту, порина, эй дӯст,
Чӣ додӣ ваъда андар моҳи август.
Бигуфтӣ, баччаам сесола гардад,
Чу моҳе андаруни ҳола гардад,
Ба ту як туҳфаи қимат биорам,
Зи рӯи сидқу аз ҳиммат биорам.

**Асроров**

Чу ман дар ин ҷаҳон шавҳар наёбӣ,

**Ҳамроза**
**Бо ноз**

Ба дарё мисли ман гавҳар наёбӣ.

**Асроров**

Дили ман …

**Ҳамроза**

Ҳам дили ман …

**Асророву Ҳамроза**
**Якҷоя ба ҳамдигар ишора карда**

Бастаи туст.

**Ҳамроза**

Куҷо туҳфа?

**Асроров**

Дилам пайвастаи туст.
Биё ин ҷо,

**Ба тиреза ишора карда**

Ба рӯи ҳавлӣ бингар
Чӣ мебинӣ?

**Ҳамроза**

«Королла»?

**Асроров**

Садқаи сар!
Калидашро бигир!

**Калидро ба Ҳамроза медиҳад. Ҳамроза аз шодӣ қад-қад мепарад, худро дар гардани Асроров овезон мекунад, ӯро мебӯсад.**

Ин як фатир аст,

Ки чун як ҳиссаи хурд аз хамир аст.
Йигитам, гарчи мӯи ман сафед аст,
Ҷавонмардам, наям аз ҳеҷ кас паст.

**Ҳамроза пардаи тирезаро мепӯшад, Асроров дар болои диван дароз мекашад, Ҳамроза худро бар оғӯши ӯ мепартояд. Торикӣ.**

**Дар ин дам дари хонаро касе мекӯбад. Ҳамроза дарро мекушояд. Беибою бадқаҳр Гуландому Санавбар ба хона ворид мегарданд.**

**Ҳамроза**

Шумо кистед, берӯёна ин тавр
Чу занбӯре намуда рӯи ман ғавр?

**Гуландом**

Ду-се соле будаст, эй кабкаки ром,
Туӣ андар канори гарми Баҳром.
Надонӣ боиси исёни ман чист?
Азоби кандани ин ҷони ман чист?
Мани сода ба ин шӯ карда бовар,
Насанҷидам, чӣ созад берун аз дар?!

**Ба Асроров рӯ оварда**

«Командировкаат» наздик будаст,
Супоришу маромат «нек» будаст.

**Ба Ҳамроза дармеафтад.**

Ту садшӯя, ту бева, ёфтӣ зуд
Чу Асроров сайди муфт бар худ.
Шунидам, одамон дар бораи ту
Бигӯяндат ту кӣ, чикорайи ту.
Чаҳорум ошкоро шӯи ту гар
Шуд, Асророву чанде низ дигар
Паноҳӣ ҷаҳдмандони зиёде
Зи ҳар қавму зи ҳар шаҳру билоде.

**Асроров**

Гапат хоида зан, аблаҳ, Гуландом!

**Гуландом**

Миёнамро шикастӣ, эй ту, Баҳром!

**Асроров**

**Ба духтараш**

Ба ҳавлӣ, ҷони додо, рав, Санавбар!

**Гуландом**

**Бо қаҳр**

На, мон, ӯ донад асрори ту яксар.

**Ба Санавбар**

Бишин, огаҳ шав аз ахлоқи додот,
Зи кайфу аз димоғи чоқи додот.

**Асроров**

Гуландом, ба пеши духтарам …

**Гуландом**

На!

**Асроров**

Ба пеши духтари мушти парам …

**Гуландом**

На!

**Ба Санавбар**

Бишин!

**Ба Асроров**

Охир, зи кӣ дорам камӣ ман!
Ва ё кардам ба ту ноодамӣ ман!
Парӯ гардад, Худо, карру фари ту!
Бимонад дову даскат аз сари ту!

**Асроров**

Бишав сокит! Мазан ту ин қадар дод!

**Гуландом**

Ҳазорон дод аз ту! Доду бедод!
Хиёнат карда бар ишқу муҳаббат,
Накардӣ шарм аз дину диёнат.

**Асроров**

Замин бар осмон часпид оё,
Тамоми зиндагии ту муҳайё …

**Гуландом**

Накардӣ шарм, ки бо духтарат ин
Бувад ҳамсол, эй бешарму бедин!

**Ба Ҳамроза**

Ҳаромхиштак дигар мардак бичӯ ту,

**Ҳамроза**

Гапи бешармию бадбӯ магӯ ту!

**Гуландом**

Ҳаромию сухан покиза хоҳӣ,
Ту макруҳию қути тоза хоҳӣ?!

**Ҳамроза**

**Ба Асроров**

Нигаҳ дор ин алошақшаққаатро,

**Гуландом**

Канам ин дам бинийи манқаатро!

**Ба Ҳамроза дармеафтад.**

Ба ту даркор не Баҳром, танҳо
Ба пулаш гаштаӣ мафтуну шайдо!

**Ҳамроза**

**Худро аз чанголи Гуландом халос карданӣ шуда ба Асроров**

Бигир ин беваи айғоқи худро!

**Асроров онҳоро аз ҳамдигар ҷудо карданӣ мешавад.**

**Асроров**

**Ба Гуландом**

Чӣ созӣ бе нақора тӯй барпо!
Кушо чашмони кӯратро ту боре,
Нигар бар гирду атрофат, чӣ коре
Намоянд аҳли дарбору вазорат,
Ҳама ду-се занӣ доранд

**Гуландом**

Офат
Расонад бар сари онҳо Худованд,
Ба кори ғайришаръӣ гашта побанд.

**Асроров**

Кучо доранд парвои шариат
Ва ё парвои давлат ё ки миллат.

**Гуландом**

Шавад заҳре ба тан …

**Асроров**

Охир, чӣ донӣ?
Вазири мева дорад комронӣ
Ба се зан, он яке дар шаҳру дигар

Ба деҳи Чиптура, шаҳри Регар.
Дигар дар деҳае соҳили Варзоб,
Ҳама аз ҳусни ӯ чашмон диҳанд об.
Раисам дар Агентӣ, чун вазирам,
Калонам ман, на ки фармонпазирам.

**Гуландом**

Ба ҳаққи он Худое, меравам ман,
Ба ҳар як дар, ба ҳар ҷо медавам ман.
Нависам ин ҳама дар рӯзнома,
Ки то хонад ҳама ин сӯзнома.

**Асроров**

Бирав, сад ҷо равӣ ҳам, ман нагардам
Зи Ҳамроза. Агар гардам, на мардам!
Кунам ҳатто никоҳам бо ту бекор,
Ба Ҳамроза вале монам вафодор!
Тамоми умр бо хешу таборат,
Ҳамеша бе фароғу истироҳат.
Будам хизматгузоре, чун ғуломе,
Наӣ миннатпазир, эй ту, ҳаромӣ!
Кунун даврони айшу ишратам ҳаст,
Гаҳи бигрифтани кайфиятам ҳаст.

**Гуландом**

Тамоми хизмати ту, заҳмати ту,
Тамоми меҳрубонӣ, шафқати ту.
Бишуд бекора баъди ин хиёнат,
Туӣ бечора баъди ин хиёнат.

**Бо аламу гиря**

Ҳама ранҷи ҷаҳон мардона созад,
Паси сар зан, вале бо ин насозад.
Хиёнат бар занон, марги занон аст,
Шикасти зан, шикасти ормон аст.
Бидон, номуси зан будаст шавҳар,
Аз ин беномусӣ марг аст беҳтар.
Бизан занро, бидеҳ дашном ӯро,
Надеҳаш обу нон, ором ӯро.
Бисозад ӯ ба кулли ин таҳаммул,
Хиёнат нест ӯро лек мақбул.

Хиёнат корд асту синаи ӯ,
Талафёбии сад ганҷинаи ӯ.
Макони раҳм бошад синаи зан,
Ҳазар бинмо вале аз кинаи зан!

**Асроров**
**Ба истеҳзо**

Кунун донистамат, ки файласуфӣ,

**Гуландом**

Фано кардӣ маро, Баҳром, уфе!
Надорӣ шарм аз Парвардгорат,
Зи фарзандону аз хешу таборат!
Ба мардум кардиям «он аст!», «он аст!»

**Ҳамроза**

Ба берӯӣ, ки машҳурӣ, чунон аст.

**Асроров**

Ту худ, лаққӣ, зи паша фил бисозӣ,

**Гуландом**

Ризо ман нестам, ки ишқ бозӣ!

**Ҳамроза**
**Ба Асроров**

Ту гуфтӣ, ки зани ман бистарӣ аст,
Намеояд варо коре ҳам аз даст!
Чу ёбуи рамида будааст ӯ,
Чӣ сон бе рӯю дида будааст ӯ.

**Санавбар**

Зи ту берӯйтар зан ҳеҷ набвад …

**Асроров**
**Ба Санавбар**

Бишав хомӯш, бидон ту хешро ҳад!

**Гуландом**
**Ба Асроров**

Азиз аст он чунон фоҳишаи ту,
Бигирӣ пушти ӯ …

**Ҳамроза**

Ман решаи ту
Намоям қоқ, аз ту беш покам,

**Асроровро нишон дода**

Чу шуд шавҳар никоҳӣ, нест бокам.
Алошақшаққа, чун ҳақдор ҳастам,
Чу зан ман ҳам …

**Гуландом**
**Ба Асроров**

Чу хоки роҳ пастам
Намудӣ пеши як фоҳиша аз чист?

**Ҳамроза**

Аз ӯ обистанам.

**Гуландом**

Тифли зиноист!

**Ҳамроза**

Никоҳӣ ҳаст аз рӯи шариат!

**Гуландом**

Намеояд зи ту бӯи шариат!

**Асроров**

Бас аст ин ҷо дигар девонабозӣ!

**Гуландом**

Раҳо гар домани ӯро насозӣ!
Макун ту ёди мо, аз хонаву дар!

**Ҳамроза**

Варо гирам чу ҷони хеш дар бар!

**Гуландом**
**Ба Ҳамроза**

Ҳаромӣ, тут пухт бар муродат,
Наёбӣ дар ҳаёт амну саодат!

**Ҳамроза**
**Шодикунон**

Кунун ман ёфтам ҳам бахту тахтам,
Шуда Баҳром бар ту ҳайф …

**Гуландом**
**Ба Асроров**

Бахтам
Намудӣ вожгун, беақл шавҳар,

**Асроров**

Гапат хоида зан

**Ба Гуландом дармеафтад.**
**Санавбар**
**Ба мобайн даромада**
Додо!
**Асроров**
**Санавбарро тела дода**
Санавбар!
**Гуландом**
Чӣ ибрат аз ту гирад духтар акнун!
**Ба Ҳамрозаю Асроров ишора карда**
Аз ин Лайливу он девона – Маҷнун!

**ПАРДА**

## НАМОИШИ ЧОРУМ

**Ҳуҷраи духонагӣ. Дар ҳуҷраи дарун диване гузошта шудааст. Фозил ва Санавбар дар болои диван нишастаанд.**
**Санавбар**
**Аз сумкааш як бандча пулро бароварда**
Мана, ин сад ҳазор доллар, ки гуфтӣ,
**Фозил**
Хазинахонаатонро бирӯфтӣ?
**Санавбар**
Чунин пул баҳри мо қадре надорад,
**Фозил**
Азеро мисли жола пул биборад
Ба ҷайби отаи ту ҳар замоне,
**Санавбарро ба оғӯш кашида**
Биё, ронем даврони ҷавонӣ!
**Санавбар**
Агар мошин харӣ бе истиҳола
«Мазератт», «Ролфронс» ё «Королла»,
**Фозил**
Ба ин пул «Ролфронс»-у «Мазератти»?
Набошад нархи як чархаш, что ты?!

**Санавбар**

Набошад як «Тойота» хар ту, Фозил,
Муродат мешавад оянда ҳосил.
Ҳамин ҳавлӣ зи мову туст, Фозил,

**Фозил**

Барои ҳимматат ин банда қоил!

**Санавбар**

Чу ин ҷо ҳар ду созем истиқомат,
Намоям ҳавлиро ҳуҷҷат ба номат.

**Баъди фосилае**

Шавем омода бояд зуд бар тӯй.

**Фозил**

Кучо бигрехт тӯй аз мо ягон сӯй.

**Санавбар**

Шунав, Фозил, ки худ обистанам ман,
Яке пайкар наям, ки ду танам ман.
Бубин,

**Дасти Фозилро рӯи шиками худ пахш мекунад.**

Ҷунбад, чунон ҷунбад, ки гӯё
Даводав мекунад поёну боло.

**Фозил**

Чӣ бошад, духтарак ё ки писарҷон?

**Санавбар**

Ту қассобу мани буз дар ғами ҷон.
Назоям ҳеҷ гаҳ ман ин ҳаромӣ.

**Фозил**

На аз ман, балки ҳаст аз ким-кадоме?

**Санавбар**

Нафаҳмидӣ маро, бе тӯю бесур,
Никоҳу ЗАГС набвад…

**Фозил**

Э, чунин дур …
Намоӣ фикр. Парвое набояд,
Само рӯи замин вожун наояд.
Бизой ӯро.

**Санавбар**

Чӣ? Ин шармандагиест.

**Фозил**

Илоҷи кор дигар чист? Э, ист!
Бидонӣ, муҳлаташ чанд аст, ҷонам?

**Санавбар**

Ба фикрам, моҳи панҷум ... Э, надонам!

**Фозил**

Чӣ бояд кард, тадбираш чӣ бошад?

**Санавбар**

Яке исқоти ҳамлу ...

**Фозил**

Кор шуд бад!
Ба зима ҳеҷ духтур менагирад,
Кунад исқоти ӯро ҷумлагӣ рад.
Калон гаштаст кӯдак, нест мумкин.

**Санавбар**

Сабил ин дарди сар шуд, дарди сар ин.
Яке роҳи дигар маҷбурзоист.

**Фозил**

Ҳамин тадбир роҳе бар раҳоист.
Чӣ сон аст он?

**Санавбар**

Ба сӯзандору махсус
Биорад зоише маҷбур.

**Фозил**

Афсус,
Набинам чеҳраи фарзанди худро,
Набӯсам чеҳраи дилбанди худро.

**Санавбар**

Чу бошад умр, чандин бинӣ аз он,
Кунад роҳат туро аз ин дилу ҷон.

**Фозил**

Набошад як табиби қадрдон ҳаст,
Зани хубу ҳалиму меҳрубон ҳаст.

**Телефонро ба даст мегирад.**

Ало, Соро Азизовна, куҷоед?

**Овози Соро**

Ту кӣ?

**Фозил**

Ман Фозилам, як додари ту.

**Овози Соро**

Худо гирад маро пеши дари ту.
Зи бас зангам занӣ ту дер, додар,
Фаромӯшам шуд овозат …

**Фозил**

Санавбар …

**Овози Соро**

Кӣ?

**Фозил**

Як маҳбуба.

**Овози Соро**

Рима? Ё Ҳалима?

**Фозил**

На Манзура, на Бонуя Салима.

**Овози Соро**

Сиқоти ҳамл он маҳ карда будам
Кадомашро?

**Фозил**

Фаромӯшаш намудам.
Инаш гӯсолаи беақлаке, дон,
Ба воя норасида кӯдаке, дон.
Шуда ҳомила, бар ман ӯ нагуфтаст,
Чаро ин сирро аз ман нуҳуфтаст?

**Овози Соро**

Маҳаш чанд аст? Ҳоло гӯй, ҷонам?

**Фозил**

Ба фикрам, панҷ бошад …

**Овози Соро**

Э, натонам!

**Фозил**

Сарам дар зери поят, апаҷонам,
Ба зери пот гавҳар мефишонам.
Барои ту бувад ин кор саҳле …

**Овози Соро**

Куҷо оям? Ба ҳавлӣ?

**Фозил**

Ҳа, ба ҳавлӣ!

**Санавбар дар болои диван нишастааст. Ғамгин аст. Фозил дар ҳуҷра безобита ба ин сӯю он сӯ рафтуо дорад. Занги дар. Фозил меравад. Гуфтугӯи Фозил бо Соро дар даҳлез**

**Овози Соро**

Сиқот осон бувад то моҳи се, ҷон,
Ба ҳашту нуҳ маҷбурист осон.
Вале дар моҳи панҷум саҳл набвад,
Худо, инро наку бошад паёмад!
Чаро барвақт огоҳам накардӣ?

**Фозил**

**К**унун кард ошкоро ин афандӣ.

**Овози Соро**

Ба он ҳуҷра бар ӯро, равшан аст он.

**Фозил**

**Ба назди Санавбар меояд.**

Гузар ин хона, парвое накун, ҷон,
Ки дасти апаҷонам дасти Синост,
Тамоми исту бисташ канзи шифост.

**Санавбар**

Ва бошам дер ин ҷо ман набояд,
Ду соат пас равам бар хона бояд

**Фозил**

Равӣ бегаҳ нашуда ҳамчу хуршед
Дароӣ бар уфуқи хеш …

**Санавбар**

Ҷовид?

**Фозил**

Бирӯбад бод ин бӯйин гапатро.

**Санавбар**

Бубахшо ту гуноҳамро, Худоё!

**Санавбар ба хонаи дигар мегузарад. Фозил дар ин хона бетоқатона аз ин сӯ ба он сӯ рафтан мегирад. Аз хонаи дигар овози ҷонкоҳи Санавбар ба гӯш мерасад. Додзании ӯ зиёдтар мешавад. Лаҳзае баъд овози Соро ба гӯш мерасад.**

**Овози Соро**

Ҳаётам сӯхт, аз чӣ кардам ин кор?!
Намеафтад ҷанин, хун рафт бисёр …
**Фозил ба он хона мегузарад**

**Овози Фозил**

Илоҷи дигаре кун!

**Овози Соро**

Ман натонам!

**Фозил ба ин хона мегузарад, телефонро ба даст мегирад.**

**Фозил**

Илоҷи охиринро ман бидонам!
Ки ҳар чӣ бод, бод, инро давояш
Биёбад миллиардери дадояш!

**Дар телефон рақамеро чидан мегирад. Санавбарро шунавонида**

Ҷалаб, аз чӣ накардӣ пешгирӣ,
Бало бар пас туро, мирӣ, намирӣ!

**Овози ҷонкоҳи Санавбар шунида мешавад ва зуд хомӯш мегардад.**

## ПАРДА

## НАМОИШИ ПАНҶУМ

**Россия. Қаҳвахона. Беҳрӯз дар курсие нишастааст. Дар рӯи миз газакҳо ва ду шиша арақ. Як шиша холӣ, дигараш нисф арақ дорад. Беҳрӯз сахт маст аст. Мекалавад. Аз дар Славик ва Ирина медароянд.**

**Ирина**

Ана, он ҷост, дорад кайф …

**Славик**

Беҳрӯз?
Туро мекофтам ман даҳ шабу рӯз.

**Авзои Беҳрӯз дигар мешавад. Славик ва Ирина омада дар бари ӯ менишинанд.**

**Беҳрӯз**

**Канда-канда**

Надорам пул, чӣ мековӣ маро ту,

**Славик**

Надорӣ пул, макун чуну чаро ту.
Ба бепулии ту коре надорам,
Пули шашмоҳаро биспор …

**Беҳрӯз**

Орам.

**Славик**

Ту пул ёбӣ барои кайф ҳар рӯз,
Арақнӯшию занбозит, Беҳрӯз!

**Ирина**

Супорӣ ту кунун пули иҷора,
Надорӣ, ванючий таджик, чора!

**Беҳрӯз**
**Даст афшонда**

Да пошли вы!..

**Ирина**

Чӣ мегӯӣ?!

**Беҳрӯз**

Шлюха!

**Славик**
**Ба зери манаҳи Беҳрӯз як мушт мефарорад. Беҳрӯз аз курсӣ меафтад, боз ханҷолзанон худро ба болои курсӣ мегирад.**

Бимирӣ аз арақнӯшӣ!

**Беҳрӯз**

Чепуха!

**Славик**

Дар ин ҷо зиндагӣ созӣ шаҳона!

**Беҳрӯз**

Бимонад аз сар ин бадбӯй хона!

**Славик**

Зи хона дафъ шав, рӯят набинам!

**Ба Ирина Баҳромро нишон дода**

Ҳазорон бор ман безор аз инам!

**Беҳрӯз**

Аз инсонигарӣ бӯе набурдӣ,
Ҳазорон доллари манро ту хурдӣ!

Ба ҳар маҳ аз пахан ду-се ҳазорӣ
Ҳамебигрифтам аз бонк …

**Славик**

Оре!

**Беҳрӯз**

Маишат бо ту мекардам, Славик!
Кунун кам шуд гази пул?

**Ирина**

Жалкий таджик!

**Беҳрӯз**
**Ба Славик**

Туро ман дӯст гуфта бо ту хӯрдам
Пули ду хонаро …

**Славик**

Ҳоло намурдам,
Ки муҳтоҷи ту бошам, пули худро
Ту додӣ бой аслан дар казино.
Ба ин феълу ба ин рафтор, Беҳрӯз!
Намебудам агар ман, дар ду-се рӯз.
Намемондӣ ту зинда, мурдаатро
Ба ахлотҷой медиданд ҳоло.

**Беҳрӯз**

Славик, ҳастӣ последний твар ту,

**Ирина**

Разил, сагбача!

**Беҳрӯз**

Хап кун, мочахар ту!

**Беҳрӯз Иринаро тела медиҳад. Славик боз ба баногӯши Беҳрӯз муште мезанад**.

Свиня ты, Славик, нестӣ дӯст!

**Славик**

Бидеҳ пулроюю ҳар ҷое равӣ, пуст!

**Беҳрӯз**

Биояд боз пул, парво накун ту,
Сари ман ин қадар ғавғо накун ту!

**Славик**

Россия бар шумо курортҷо аст?

**Беҳрӯз**

Бало аст, балки мисли аждаҳо аст!
Макун ту бар сарам ғавғо, Славик!
Ту донӣ тоҷикам ман …

**Ба Славик дармеафтад.**

**Славик**

Неудачник!

**Беҳрӯз**

Чунон ман бобарорам, эй Славик,
Чу ман ҳаргиз набошад ҳеҷ тоҷик!
Ҳама чиз аст бар моён муҳайё,
Ба пул мо банд созем оби дарё!
Ту чӣ? Бар шишае чашмот чор аст,
Занат ҳамвора мардак интизор аст.
Ба як шиша харам мардонатонро,
Ба як духи харам занҳоятонро!

**Славик дар қаҳр мешавад, аз гиребони Беҳрӯз дошта, бо шатта ӯро задан мегирад. Беҳрӯз шишаеро гирифта ба Славик таҳдид мекунад.**

**Беҳрӯз**

Занам бар фарқи ту, ки пора гардад,
Табиби дарди ту бечора гардад!

**Беҳрӯз ба Славик дармеафтад, Ирина дар байн медарояд.**

**Славик**

Ба болои гунаҳҳоят ту, чурбан
Ало чашмат намудӣ бар зани ман!

**Беҳрӯз**

Ирина худ сабукпо як зане ҳаст,
Ба ғайри ман варо чандин тане ҳаст.

**Ирина**

**Бо лаҳҷаи русӣ**

Дуруғ гуфтӣ, ту хич бар чону холам
Намемонӣ маро, мачбур ҳар дам
Биё, -ӯ гуфт дина, - хонаи ман,
Чу гуфтам, - не, - бизад бар шонаи ман
Ба мушташ чанд боре, ки ҳанӯзам
Кунад дард, э набидҳад ҳеҷ рӯзам!

**Беҳрӯз**

Ҳаромӣ ту маро бинмуда ваъда,
Вале чун занг зад бар ту Надежда,
Туро Вася нигаҳ дорад, - чу гуфт ӯ, -
Хумори Васяат бигрифт…

**Ирина**

Э, ту!
Макун тухмат!

**Славик**

Забонатро нигаҳ дор!

**Ирина**

Зи сад пушти шумо ҳастем безор!

**Славик**

Негодяй, черномазый, э …

**Беҳрӯз**

Э, кто?

**Славик**

Ты!

**Беҳрӯз**

Сволочъ, алкаши вы, импотенты!
Набитвонӣ чу занро ӯҳда кардан,
Хазад ҳар гаҳ, ки хоҳад бар таги ман.

**Ирина**
**Дар қаҳр ба Славик**

Славик, нелъзя терпеть!

**Славик**

Чӣ гӯям
Ба ин аблаҳ

**Ирина**

Ту медонӣ! Ту шӯям!
Бидеҳ одоби ин бадбӯй тоҷик,
Ба пешаш рӯз гардад тип-торик.

**Беҳрӯз**
**Ба Ирина**

Кӣ бо ту рӯз созад пас шабонро?
Ки шӯят менатонад кард онро?

**Славик ба Беҳрӯз дармеафтад. Занозанӣ.**

**Славик**

Мразь, подлец, последний тварь ты,

**Беҳрӯз**

Даюс, фоҳишазан, як очағар ты!

**Занозанӣ авҷ мегирад. Беҳрӯз, ки сахт маст аст, ба по базӯр меистад, Славик ӯро бардошта, ба сар сахт ба замин мезанад. Беҳрӯз базӯр сар мебардорад.**

Дуои ту гирифт, э, модари ҷон,
Ки гуфтӣ ту, марав аз Тоҷикистон.
Видоъ, модар, видоъ, эй ёру эй дӯст …

**Ирина бо ҳайрат ба Славик нигоҳ карда дод мезанад.**

**Славик**

Живучий эти таджики, лежит пусть!

**Славик ва Ирина мераванд.**

**Беҳрӯз**

Кунун аз Россия бар Тоҷикистон,
Ба пешат аскарӣ оям, падарҷон!

**Сари Беҳрӯз ба замин меафтад. Ӯ мемирад.**

**ПАРДА.**

## НАМОИШИ ШАШУМ

**Утоқи кории Асроров. Асроров бо телефон бо касе гап зада истодааст. Котиба Зарнисор медарояд.**

**Зарнисор**

**Бо ишваю ноз**

Чӣ орам, қаҳва ё чой?

**Асроров**

Зарнисорам!
Ту бошӣ, рӯй бар чизе наорам!

**Зарнисорро ба сӯи худ мекашад.**

**Зарнисор**

Мабодо ки касе ин ҷо дарояд,
Ба кори мову ту шоҳид барояд.

**Асроров**
**Зарнисорро ба оғӯш кашида**

Кӣ дорад ҷуръату азму иродат,
Дарояд бар утоқам бе иҷозат?

**Зарнисор** Ҳамин тавру вале …

**Асроров**

Ту бош ором!
Чу ту ҳастӣ дар оғӯшам, дилором,
Ба рӯҳи шод мебошам, дил ором.

**Зарнисорро мебӯсад.**

Набошӣ ту, шавад рӯзам сияҳшом,

**Зарнисор**

Будам оҳу, маро кардӣ ба худ ром.

**Баъди таваққуфе**

Ман андар як маҷалла, олмонӣ,
Бихондам як мақола. Гар тавонӣ,
Ба рӯзе лаҳзае дар ҷои корӣ,
Намояд шуғл кас бар секс боре.
Зи тарсу изтироби он бидода
Шавад кайфияти рӯҳӣ зиёда.

**Асроров**

Ана, дидӣ, чиҳоеро бидонӣ,
Маро аммо зи худ ин ҷо биронӣ.
Пагаҳ шанбе, чӣ дорӣ нақша?

**Зарнисор**

Шӯям
Ба деҳа меравад …

**Асроров**

Дигар наҷӯям
Ягон ҷонона?..

**Зарнисор**
**Бо ноз**

Гардидӣ зи ман сер?
Ҳамесозад туро ишқам сарозер.

**Зарнисор худро аз оғӯши Асроров раҳо мекунад.**

**Асроров**

Ту-ку омӯхтаӣ бар шӯхиҳоям,
Маранҷ, эй Зарнисори бебаҳоям!

**Зарнисор**

Ба шӯхӣ-шӯхӣ ҷиддӣ мешавад кор.

**Асроров**

Дигар кас, ғайри ту бар ман чӣ даркор.
Пагаҳ бӯстонсаро ҳар ду равем – чӣ?
Ду-се соат ба ҳам мунис шавем – чӣ?

**Зарнисор**

Ба Ромит?

**Асроров**

Наям он қадр сода!
Мабодо нохалаф, фавқулодда
Бубинад ҳар дуи моро дар он ҷо,
На аз баҳри ту хуб асту на бар мо,
Ки ман зан дораму ту дорӣ шавҳар,
Ки ҳар ду душмане дорем дар бар.
Аз ин рӯ соҳили Варзоби поён
Панохӣ ман харидам роҳати ҷон.
Яке бӯстонсаро баҳри маишат,
Фақат он ҷой бинмоем роҳат.
Пагаҳ дар соати ҳафт интизорам
Ба роҳат, эй нигори Зарнисорам!

**Касе дарро тақ-тақ мекунад. Зарнисор меравад, дарро мекушояд.**

**Зарнисор**

Муфаттиш омада.

**Асроров**

Майлаш, дарояд.

**Муфаттиш портфеле дар даст савлатмандона ворид мегардад.**

**Асроров ба муфаттиш даст дароз карда салом мекунад.**

**Муфаттиш**

Чу сардори муфаттишҳост бемор,
Маро масъул карданд андар ин кор.
Расид имрӯз ин санҷиш ба итмом,

Ҳама ҳуҷҷатнигорӣ ёфт анҷом.
Яке нусха равад бар прокуратура.

**Асроров**

Натиҷа бад бувад ё хуб, ҷӯра?

**Муфаттиш**

**Аз портфел ҳуҷҷатҳоро бароварда, дар пеши Асроров мегузорад.**

Ҳуқуқвайронкунӣ дар буҷа бисёр,
Ба қонун номувофиқист шаш бор.
Шуда исроф маблағ ғайримақсад
Зи ҳар як модда чандин бор беҳад.
Напардозед аз ҳар гуна андоз
Ду дафъа сад ҳазорию дигар боз…
Ба ҳаҷми сад ҳазоре сарфи таъмир,
Ба ҳуҷҷат ду баробар гашта таҳрир.
Ба шасту се ҳазор ашё харидем,
Бигуфтеду вале ҳуҷҷат надидем.
Зи садҳои дигар ҳаргиз дарак нест,
Ако, ин маблағе ҳам камтарак нест.

**Муфаттиш вараќи охиринро кушода, ба Асроров мурочиат мекунад.**

Ба поёни ҳамин имзо кунед, шуд.

**Асроров**

Равад бар додбистон нусхае зуд?

**Муфаттиш**

Ҳа!

**Асроров**

Бинмо гӯш, ҷӯра, байни худ мо
Мувофиқа кунем, ин аст авло.

**Муфаттиш**

Мувофиқа чӣ бошад, ман надонам,

**Асроров бо тааҷҷуб ба муфаттиш нигоҳ мекунад.**

Агар донам, бисӯзад хонумонам!

**Асроров**

Ба ҳар кас, додари ҷон, ин амалро
Шумо додед ёду … лою чалро
Гирифтан …

**Муфаттиш**

Нафаҳмидам, бигӯ, ки лою чал чист?
Рахомӯзаш кӣ ҳасту ин амал чист?

**Асроров**

Ту ҳам хоҳӣ шудан омӯхт, ҷонам,
Чаро бар гӯши ту сафсатта хонам?

**Як бандча пулро бароварда, ба портфели кушодаи муфаттиш андохтанӣ мешавад.**

**Муфаттиш**

**Дасти Асроровро аз портфел дур карда истода**

Раиси муҳтарам, ин коратон хом!

**Асроров**

Надорад ҳомие, ширин шавад ком!

**Муфаттиш**

Ба яғмо бурда ҷайби давлати худ,
Намоем устуворе савлати худ?!

**Асроров**

Чунон пур аст ҷайби давлати мо,
Расад бар сад ҳазорон савлати мо.
Фақат мову ту ҳастем инчунин кас,
Нигар боре ба пешу гоҳ бар пас.
Бубин ту хонаҳои сар ба гардун,
Куҷо будӣ чунин қасре ба Қорун.
Ба як моҳона ин сон комронӣ?
Қафо аз ҷамъият аз чӣ ту монӣ?
Ту кай дохил шудӣ бар ин идора?

**Муфаттиш**

Ду-се сол аст.

**Асроров**

Кардӣ дер, ҷӯра.
Ту бояд аллакай санҷида бошӣ,
Рамузи корро фаҳмида бошӣ.

**Бандчаи пулро боз ба портфели муфаттиш андохтанӣ мешавад.**

Биё, ин ҳаст доллар, даҳ ҳазор аст,
Изофа мекунам боз …

**Муфаттиш**

Ин чӣ кор аст?

**Дасти Асроровро аз портфел дур мекунад.**

**Асроров**

Бидон, ки баъди ин тафтиш сардор,
Бувад пазмони ту бо дидаи чор.
Ду чашмаи сӯи ҷайби туст, ҷӯра,
Канад аз ҷисми ту ӯ пӯст, ҷӯра.
Агар савғотие н-оварда бошӣ,
Магар дар чашми ӯ ту хок пошӣ.
Ба ту бовар насозад, ки муфаттиш
Нагирад пора дар ҷамъбасти тафтиш.
Бигардӣ бо далели беасосе
Зи кор озод, ҷӯра!

**Муфаттиш**

Носипосӣ!
Бувад бар давлату бар ҷамъи миллат!

**Асроров**

Чу ҳар сардору хизматчии давлат
Ҳамехӯрданд ғам чун сарвари мо,
Биҳиште буд ҳоло кишвари мо.
Ба мову ту нагардад давлат обод,
Насозад ГЭС бо як теша Фарҳод.
Ту донию ману Парвардигорам.

**Бандчаи пулро ба портфели муфаттиш меандозад.**

Ба ин ҳуҷҷат пагаҳ имзо гузорам.

**Папкаи ҳуҷҷатҳоро ба муфаттиш медиҳад. Муфаттиш онҳоро ба портфел андохта, аз утоқи корӣ мебарояд. Зарнисор медарояд.**

**Зарнисор**

Зафар Нуров …

**Зафар Нуров медарояд, Асроров ба сӯи дари даромад ба пешвози ӯ мебарояд.**

**Асроров**

Қадам болои дида!
Сарафрозам, ҷамоли дӯст дида!
Чу хуршеде саҳаргаҳ мебарояд,
Ҷамоли дӯст шодӣ мефизояд!

**Нуров**

Ҳама тинҷ аст, оромист ё на?

**Асроров**

Ту хубӣ, рӯз ё балки шабона?

**Нуров**

Рӯзам хуб аз шабасту шаб хуб аз рӯз,
Кӣ андар зиндагӣ чун мост фирӯз?
Гирифт анҷом тафтиш дар идора?

**Асроров**

Чӣ донам?

**Нуров**

Пас кӣ донад?

**Асроров**

Пора! Пора!

**Механданд.**

**Нуров**

Бубахшо, вақт маҳдуд аст, ин дам
Ба дарду ранҷи худ ҷӯем марҳам.

**Зарнисор пушти стаканеро ба девори тарафи утоқи Асроров монда гӯшашро ба даҳони стакан мегузорад. Нуров ба чор тарафи утоқ, ба шифту болори он синчакорона назар медӯзад.**

Наворгирак ва ё гӯшкунаке чанд,
Мабодо, ки ниҳонӣ монда бошанд?

**Асроров**

Дилат пур бошад аз ин ҷой бояд,
Ки бе рухсат касе ин ҷо наояд.

**Нуров**

Харанд он тавр фаррошат, ки худ ӯ
Сарояд бо мақоми ӯ суруд ӯ.
Чунон асбобҳоро ӯ бимонад,
Касе ҷойи варо ҳаргиз надонад.

**Асроров**

**Табассум карда**

Набигрифтам яке фарроши махсус,
Бишӯяд Зарнисор …

**Нуров**

Афсӯс, афсӯс…

**Асроров**
**Табассумкунон**

Зи ӯ дилпуртаринам нест одам.

**Нуров**
**Даст афшонда**

Аз ӯ душмантаринат нест ҳамдам.
Шавад бар хайр анҷомаш, Худоё,

**Асроров**

Ба ҳушёрим шак дорӣ ту оё?

**Нуров**

Сафедак рафт як тон бар Россия,
Ду тонна аз чакида – санги сиях.
Пулаш ояд насиб имрӯз – фардо …

**Асроров**

Ба ту сад бор фаҳмонам, Худоё!
Супорад дар Швейтсария Антон
Ба он суратҳисоби ман, Зафарҷон!

**Нуров**

Зи хурсандӣ зи ёдам пок рафтаст,

**Асроров**

Ҳушу ёдат ба зери хок рафтаст.

**Нуров**

Чӣ буд рамзе миёни мову Антон?

**Асроров**

«Маёзоред мӯре, чун кашад дон!»
Чу гӯӣ ин, худи ӯ зуд донад
Ва дар бонк ӯ пуламро бигзаронад.
Хӯрем акнун ғами бори дигарро,
Диҳем анҷом ҳам кори дигарро.
Ду тонна «орд» дар Ховуни афғон,
Хашиш як тонна дар марзи Бадахшон.
Чакида нуҳсаду ҳабдаҳ кило ҳаст,
Марихуан ҳазору шашсаду шаст.
Ҳама омода андар деҳи Теҳрай,
Ҳама инро тавонем бурд, ҳай, ҳай!
Тамоми умр нӯшу кайф кун, кайф
Сиях гардад мабодо кор …

**Нуров**

Сад ҳайф!
Ба ин савлат ба ин мавқеъ …

Бикун хап!
Чу ноуҳдабаро ту мезанӣ гап.
Якум, пулат бувад садҳо баробар
Зиёд аз буҷаи ҷумҳур, додар.
Дуввум, он обрӯе, ки ту дорӣ,
Киро он ҷуръате бошад, ки боре
Бигӯяд гурбаатро пишт, саввум,
Кунад Мансур баҳри сад-дусад сӯм.
Ҳазорон бегуноҳонро гунаҳгор,
Барорад Қасри миллатро ба бозор.

**Асроров**

Ба ҳар ҳоле барои пешгирӣ
Набояд мову ту созем дерӣ.
Чу ҳарвақта ту макру ҳиллае боф,
Зи нопокӣ бурун оем мо соф.

**Нуров**

Ҳама тадбирҳоянд озмуда,
Ки шайтон дар шаби хобаш надида.
Буванд омода, гӯям ман якеаш
Алимад,

**Хаёл карда**

Як лақаб дошт ӯ …
Ҳа, Баркаш.
Ба даст афтад агар ин дафъа боре,
Надоремаш дигар ҳам кору боре.
Шавад қурбон Алимадҷони Баркаш,
Тую моро намесозанд каш-каш.
Агар Баркаш бигирад солаке чанд,
Ба пул се моҳ пас озод созанд.

**Асроров**

Фурӯшад гар Алимад ҳардумонро

**Нуров**

Наӣ одамшинос. Ин мардумонро
Шиносам ман.

**Асроров**

Бизан қанд, эй Зафарҷон,
Чунин ҷӯра занад бар ҷону бар ҷон.

**Дарро кушода Зарнисор ворид мегардад.**

**Зарнисор**

Кадомин мӯсафеде интизор аст,

**Асроров**

Варо бо мо чӣ кор асту чӣ бор аст?
Бигӯяш, ки дарояд.

**Зарнисор**

Хуб!

**Асроров**

Бингар
Либосу рангу рӯ аз пой то сар.
Ягон хоин набошад, маълумаш кун,
Чунин одам агар бошад, гумаш кун!

**Мӯйсафеди асобадасте медарояд.**

**Мӯйсафед**

**Ба Асроров**

Салом алайкум, эй марди Худодод!
Саховатпешаю фарди Худодод!

**Асроров аз ҷо хеста ба пешвози мӯйсафед меравад, бо ӯ самимона ва гарму ҷӯшон салому алайк карда, аз китфаш гирифта, оварда, дар курсӣ менишонад. Дастонашро ба ду тарафи риши мӯйсафед расонда баъд дастонашро мебӯсад.**

**Асроров**

Қадам болои дида, бобӣ …

**Мӯйсафед**

Афтод
Яке корам ба ту, марди Худодод!
Агар гӯям, мапиндорӣ муҳобо,
Яке марди фақирам, ҷони бобо.
Ду-се рӯз аст андар хона нон нест,
Ба дасту пойи ман як зарра ҷон нест.
Писар дорам, вале маъюб ҳаст он,
Занам бемору ӯро нест дармон.
Нафақа як саду panҷоҳ сомон,
Ба зӯр он ҳам расад бар чою бар нон.
Агар як рӯз мо дору нагирем,

Зи зарби дард ҳар ду мо бимирем.
Надода пули барқу обро ҳам
Намуда қатъ барқу об он дам.
Тавонӣ, дасти ёрӣ кун дарозам,
Аз ин лутфи ту беҳад сарфарозам!
Ба ду олам шудӣ овоза ким-кай,
Ки набвад мисли ту як Ҳотами Тай.

**Асроров аз ҷайбаш як саддоллара бароварда, ба мӯйсафед медиҳад. Мӯйсафед дасти Асроровро бӯса карда, ба дида мемолад ва даст ба дуо мебардорад.**

**Мӯйсафед**

Илоҳо, давлатат поянда бошад,
Муборак ин даму оянда бошад.
Сари мӯе наафтад аз сари ту,
Худо бошад ҳамеша ёвари ту!

**Мӯйсафед раҳсипор мегардад. Асроров аз таҳи каши ӯ дошта, ӯро то беруни дар гусел мекунад, баъд омада аз ҷевони мизаш дезодорантеро гирифта, ба кунҷу канори утоқи кориаш мепошад. Пас омада ба ҷояш менишинад, боз аз ҷевон шишаи спиртеро гирифта, дастҳояшро мешӯяд ва сипас шишаро ба Нуров медиҳад ва ба ӯ ҳам ишораи даст шустан мекунад.**

**Асроров**

Чу такка бӯ кунанд ин ҷамъи нодор,
Худо з-ин шумқадамҳоят нигаҳ дор!

**Бо овози баланд**

Биё, ин ҷо, азизам, Зарнисорам.

**Зарнисор медарояд**

**Зарнисор**

Чӣ мехоҳед, сардорам, чӣ орам?

**Асроров**

Зафар ҳар рӯз ин ҷо нест меҳмон,
Бидеҳ оро ба истиқболи ӯ хон.
Зиёфат кун, ки ҳангоми наҳор аст,
Шикам танбурнавозу беқарор аст.

**Нуров**

Ташаккур, сер ман, майле надорам,

Ба чизе. Чой бошад гар …

**Зарнисор**

Биорам.

**Ба Асроров**

Шумо-чӣ?

**Асроров**

Чун ҳамеша обу ноне.

**Зарнисор меравад.**

**Нуров**

Накардӣ ту табобат ҳеҷ…

**Асроров**

Моне.
Бирафтам се маротиб ман ба Олмон,
Ду раҳ бар Маскаву се бор Эрон.
Шунидам, ки яҳудонрост чизе,
Ки дармон мешавад бар ин маризӣ.
Вале асло накард ин дард таркам,
Қариб омад, зи афташ, ҷӯра, маргам.

**Зарнисор чою нон оварда мемонад ва мебарояд.**

**Нуров**

Бигӯям росташ, бишнав маро ту,
Ба сад дарде гирифторӣ чаро ту?
Ману ту дар таги як кӯрпа гӯё
Калон гаштем, з-ин рӯ ошкоро
Гапи ҳақ мезанам бар ту, малолат
Биояд ҳам, дигар набвад маҷолат.
Ҳакки мардумхӯрӣ аз ҳад зиёда …

**Асроров**

Маро танҳо Худовандӣ бидида?

**Нуров**

Ками дар кам шавад қашшоқ бемор
Ба боён ҳар замон беморие ёр.
Чу кампулӣ, ҳатто дар шаҳри Сарбанд,
Табибони худии зӯр ҳастанд.
Чу серпулӣ, писанд асло насозӣ
Худиро, хориҷи кишвар битозӣ.
Худо додаст, дорӣ сӯми бисёр,

Ба сад беморӣ гардидӣ гирифтор.
Ки пулҳои ҳаромӣ сарф созӣ,
Шариат нест ҷои ҳазлу бозӣ!

**Асроров**

Зафар, бисёр қопалгапзанӣ ту!

**Нуров**

Гапи ҳақ корд бошад бар тани ту.
Худовандо, аз ин бадтар насозад,
Гирифтори ғами дигар насозад.
Машав дилсард зуд аз зиндагонӣ,
Нав омад бар ту даври комронӣ.

Асроров

Зи бемории қанд андар ду олам
Намеёбӣ халосӣ …

**Нуров**

Э, махӯр ғам.

**Асроров**

Фишори хун ҳаме бидҳад азобам,
Ба рӯи мавҷ монанди ҳубобам.
Ҷигар ҳаст илтиҳобӣ, чор сол аст,
Чӣ донӣ, ки рафиқат дар чӣ ҳол аст.
Зи захми меъда ҳам ҷон дар азоб аст,
Хулоса, ҷӯраҷон, ҳолам хароб аст.

**Нуров**

Бубахшо, ман бигӯям ошкоро,
Ба дӯстон ҳам намесозам мадоро.
Чунон ту кардӣ ҷамъ аз пулу аз мол,
Кифоя бар даҳ авлодат дусад сол.
Фақат нони сияҳ бошад ғизоят,
Ба оби ҷӯш месозӣ кифоят.
Натонӣ гӯштро ҳам хӯрд, охир,
Чӣ лозим ҷонканӣ ин қадр ҳозир.
Муҳайё ҳам танӯрӣ, кабкбирён,
Кабоби барраи ширмаст дар хон.
Окорочка, табака, мурғбирён
Ва ҳам бедонашӯрбо, роҳати ҷон.
Арақ, коняк шароби ноб бинӣ,

Валекин хӯрданашро хоб бинӣ.
Бирав аз кору кун роҳат дигар ту,
Ҳаёти ҷовидон дорӣ магар ту?
Барои шӯи зан ҷамъаш кунӣ ту!

**Асроров**

Забонат неши мору чун манӣ ту.

**Механданд.**

Бидонам, сад миллион дорӣ доллар.

**Нуров**

Надорам нисфи нисфи ту, бародар.

**Асроров**
**Андешамандона**

Чӣ шуд мансаб, вазифа?

**Нуров**

Хок бар сар!
Ба Мансур эътимодам буд, бародар.
Ними милён ба ӯ доллар бидодам,
Агентиро гирам, - ин буд муродам.
Фақат ваъда, фақат ваъда, надонам,
Ду сол аз ваъдааш бигзашт, ҷонам.
Калон омӯхт оё, худ надонам,
Гапаш нагзашт ин дафъа, гумонам.

**Асроров**

Бишӯ даст аз ними милёни доллар,
Ҳалу дал шуд, тамом, Оллоҳу акбар!

**Даст ба рӯ мекашад.**

Бубин, мансаб гирифтан нест осон,
Канӣ садҳо ҳазорон бор ту ҷон.
Ба қасди он ҳаромхӯрони дигар,
Вазири регу хоку чанд роҳбар.
Нахоҳам дод мансаб ҳеҷ аз даст,
Набишморам аз онҳо хешро паст.

**Нуров**

Ғанимат ҳаст мансаб, ҷӯра, Баҳром,

**Асроров**

Аз ин дунё, ки баргирем бас ком!
Чаро гуфтӣ, ғанимат ҳаст мансаб?

**Ба зарфи об ишора карда**

Бидеҳ обе, хӯрам ман як ду-се ҳаб.

**Аз сумкачааш ду-се ҳаб гирифта, бо об менӯшад.**

Касонеро басе саҳл асту осон,
Аз ин мансаб равад бар дигараш он.
Хулоса, то ба мурдан ҳаст сардор,
Вазире ё камаш сардори бозор.
Зи баъди ҷамъ кардан сӯми бисёр,
Куҷо бошанд мансабро харидор,
Вале гар дар сари мансаб намонӣ,
Натонӣ хӯрд аз он ғункарда ноне.
Чаро ки нест дигар савлати ту,
«Ҳимоякор»-и ҷамъи сарвати ту.
Ба кас мансаб яроқи дастгирист,
Масуният, дахолатлнопазирист.
Бидонандат, ки хеле серсӯмӣ,
Ҳаётатро ба ту созанд шуме.
Кашандат бе сабаб сӯи мақомот,
«Далел» оранду сад «ҷурме» ба исбот.
Гунаҳкорат кунанд. Ар зист хоҳӣ,
Ба онон деҳ зи ҷамъоварда коҳе.
Ва то мурдан туро ҳам кор ин аст,
Ҳаромхӯр аҳли бидъат, куфри дин аст.
Аз он беҳ дар сари мансаб бимирӣ,
Амир мурдан беҳ аз зиндаасирӣ.

**Нуров**

Пули бисёру пушти зӯр дорӣ,
Чу Мансур аст, умре бобарорӣ.

**Асроров**

Ҷиғилдонаш агар ту пур насозӣ …

**Нуров**

Бале, охир, ту ӯро соз розӣ,
Вагарна …

**Асроров**

Баъди чанде сарнагунам,
Канад аз решаву аз беху бунам.

**Нуров**

Макун парво, чу бошад реша дар об,
Бувад боғи ҳавасҳо сабзу шодоб.
Иҷоза ҳаст? Бояд ки равам ман.

**Асроров**

Ҳама гапҳо ба ёдат ҳаст?

**Нуров бо аломати тасдиқ сар меҷунбонад.**

Аҳсан!

**Нуров меравад. Телефони Асроров занг мезанад.**

**Асроров**

Бале, ман. Соз фаҳмон, эй бародар!

**Овоз аз телефон**

Ба бадбахтӣ дучор омад Санавбар!

**Асроров**

Чӣ? Чӣ шуд? Дар куҷо?

**Овоз аз телефон**

Дар ҳавлии тор.

**Асроров**

Зи бадбахтӣ, Худовандо, нигаҳ дор!

**Асроров безобита мешавад. Дар телефон рақам чидан мегирад.**

Ало! Ёрии таъҷилист ин ҷо?!
Ба панҷоҳум дари шаҳроҳи Сино!

**Овози сигнали ёрии таъҷилӣ.**

**ПАРДА.**

## НАМОИШИ ҲАФТУМ

**Хонаи Асроровино. Гуландом дар болои диван нишастааст, либоси мотам ба бар дорад. Асроров ҷома бар тан, дар сар тоқӣ дар курсие нишастааст. Ҳар ду ғамгинанд.**

**Гуландом**

**Навҳа мекунад.**

Худоё, ин чӣ кулфат буд сари мо,
Ки бурдӣ ту ду фарзанд аз бари мо.

**Асроров**

Ку Беҳрӯзам, куҷоӣ ту, Санавбар?

**Гуландом**

Ҷавони нозанин, гулғунча духтар!
Шумо дилпораву пурхун дили мо,

**Асроров**

Бишуд мотамсаро ин манзили мо.
Ба сарбозӣ ту шояд зинда будӣ,

**Гуландом**

Чаро дил аз Ватан барканда будӣ?
Россия бар ту куштанхонае шуд
Ва марги ту ба даҳр афсонае шуд.
Санавбар – лолаи гулбоғи модар,
Шудӣ, охир, чаро ту доғи модар!
Зи чӣ кам будӣ, эй Беҳрӯзи ҷонам,
Худоё, гир ҷони нотавонам!

**Ба сару рӯяш ханҷол мекашад, худро ин сӯ – ин сӯ мезанад.**

**Асроров**

**Ба Гуландом**

Азизи ман, ту беморӣ, Гуландом,
Макун худро ҳалок, андак шав ором!

**Гуландом**

Ба кӣ даркор дигар зиндаи ман,
Кашад хоки замин ин мурдаи ман.
Умеду орзуям гашт барбод,
Аҷал, дод аз тую фарёду бедод!

**Асроров**

Ҷавононанд танҳо туъмаи ту,
Нигар, омма намояд ҳай-ҳайи ту.

**Гуландом**

Санавбар, эй Санавбар, эй Санавбар,
Ба комам заҳр бодо, хок бар сар!

**Асроров**

Ҷавони чорпаҳлу, баччаҷонам,
Куҷо ёбиданат дигар тавонам!

**Гуландом**

Надида ормоне, эй Санавбар,

Чаро рафтӣ ту аз домони модар.

**Асроров**

Кунун, эй Рустами Дастон. Куҷоӣ?

**Гуландом**

Аё, оҳуи дар ҷавлон куҷоӣ?
Пару болам биканд аз ду тараф, оҳ!
Ду дилбандам бидодам ман талаф, оҳ!
Ба уммеде туро Беҳрӯз гуфтам,
Бишуд бад рӯзаму беҳ шуд маро ғам.
Санавбар, дар қади раънот ҷонам,
Биё, бо қомати хам ман намонам!
Шикастӣ қомати раънои модар,
Шудам шармандаи олам, Санавбар!

**Асроров**

Худо гирад сари қоқам, сари қоқ.
Ба хоки поятон гаштем муштоқ.
Ку Азроил, ҷонатро харам ман,
Куҷо, охир, занам, ёрон, сарам ман.
Ҳама чизе харида метавонам,
Вале пеши аҷал ман нотавонам.

**Гуландом**

Шикаст андар шикаст омад, Худоё!
Аҷал чун деви маст омад, Худоё!
Зани Беҳрӯз вайрон кард кӯдак,

**Асроров**

Каме тезӣ намуд Беҳрӯз …

**Гуландом**

Мардак!
Ба ҷонаш духтари Мансур ҳам зад,
Занак рафт – ин касофат …

**Асроров**

Шукри беҳад.

**Гуландом**

Куҷо Беҳрӯз, во ҷони Санавбар,
Дили софу пурармони Санавбар?

**Асроров**

Аҷаб Беҳрӯз хушчақ-чақ писар буд,

**Гуландом**

Санавбар тозарӯ ҳамчун қамар буд.
Бирафтед аз канорам, сина шуд чок,
Шуморо ҳол чун андар таҳи хок?!

**Асроров**

Санавбар, вой Беҳрӯз,

**Гуландом**

Э, Санавбар
Яке сарву дигар гулғунчаи тар.
Санавбар лолаи пажмурдаи ман,
Куҷо донӣ дили афсурдаи ман.

**Асроров**

Биё, Беҳрӯзӣ ҷон, дасти маро гир,
Асир афтодаам дар чанги тақдир.

**Гуландом**

Санавбарҷони ман,

**Асроров**

Ҷонӣ ту, ҷонӣ.

**Гуландом**

Надида зери чодир, ормонӣ!

**Асроров**

Ҷавони чорпаҳлуям, куҷоӣ?!

**Гуландом**

Санавбар, кай зи дар ту медароӣ?

**Асроров ва Гуландом**
**Якҷоя**

Биё, Беҳрӯз чашми чор дорем,
Туро бегаҳ, Санавбар, интизорем!

**ПАРДА.**

## НАМОИШИ ҲАШТУМ

**Хонаи Ҳамрозаино. Ҳамроза бо Маҳмад болои диван дароз кашидаанд.**

**Маҳмад**

Мабодо ногаҳон Асроров ояд …

**Ҳамроза**

Хабар нокарда н-ояд ҳеҷ бояд.
Ду соат пеш бар ман ӯ занад занг,
Шавам омода, чун фурсат варо танг.
Ба Маскав меравам ман, - гуфта буд ӯ.

**Маҳмад**

Чаро?

**Ҳамроза**

Он ҷост якто баччааш-ку?
«Ва як-ду ҳафта бояд дам бигирам,
Нафас озоду ҳам беғам бигирам»

**Маҳмад**

Ва ё ҷононаи дигар биёфтаст?

**Ҳамроза**

Маро ухда кунад ҳоло, туӣ маст.

**Маҳмад**

Туӣ норозӣ аз вай?

**Ҳамроза**

Аз чӣ розӣ?

**Маҳмад**

Чӣ мешуд? Сӯму молу айшу бозӣ.

**Ҳамроза**

Ситонам ман аз ӯ молу зи ту ҳол,

**Маҳмадро ба оғӯш кашида мебӯсад.**

Ду даста: холи ту панҷу аз ӯ нол!

**Механданд.**

Ба паҳлуи ҷавонзан, - як масал ҳаст, -
Бувад тире беҳ аз пире! Бидеҳ даст!

**Бо Маҳмад чак мезанад. Дасту бозую бадани Маҳмадро молиш дода.**

Тани ту сахту зӯру устувор аст,

**Маҳмад**

Аз ӯ чӣ?

**Ҳамроза**

Ҳамчу латта, мурдавор аст.

**Маҳмад**

Расидан бар ту ӯро чӣ мурод аст?

**Ҳамроза**

Зи дигарҳо набошад бояд ӯ паст.
Вазири мева се ҷонона дорад,
Барои ҳар кадомаш хона дорад.
Раиси баркҷро ду зан дар ин ҷост,
Яке дигар ба як деҳе зи Масчост.
Вазири пила дар Ёвону Сарбанд,
Дутоӣ ёшаконро карда побанд.
Зи харгалла бимонад дур гар хар,
Бирезад ёлу думи ӯ саросар.

**Маҳмад**

Бигӯ хар ҳаст Асророви ту низ.

**Механданд.**

**Ҳамроза**

Сабаб инро ҳамин, не, ки дигар чиз.

**Маҳмад**

Ту аз вай бачча дорӣ-ку?

**Ҳамроза**

Нахандон!
Бувад аз дигаре бо номи ӯ, ҷон!
Насиб афтад,

**Ба шикамаш ишора карда**

Зи ту ин аст, Маҳмад,
Кунад кори ману ту хуб омад.

**Маҳмад Ҳамрозаро ба оғӯш мекашад. Хона торик мешавад.**

**Баъди фурсате хона равшан мегардад, Ҳамрозаю Маҳмад аз рӯи диван бархоста, сари миз менишинанд. Ҳамроза**

**чодирро аз рӯи миз мегирад. Дар рӯи миз газакҳо, анвои хӯрданию нӯшокиҳо. Ҳамрозаю Маҳмад қадаҳҳоро пур карда, ба ҳамдигар чақонда менӯшанд. Ҳамроза диске монда, овози мусиқиро хеле баланд мекунад. Дар ҳавои мусиқӣ ҳар ду рақс мекунанд. Асроров ба дар наздик мешавад, тақ-тақ мезанад, касе намешунавад. Пас Асроров калидро гирифта, дарро кушодан мегирад.**

**Асроров**

Магар хоби гаронаш бурда бошад
Ва ё дар хона бошад ё набошад?
Фаромӯш ӯ намуда телевизор
Кунад хомӯш. Ҳайронам дар ин кор.
Бигуфтам соате бо ӯ бибозам,
Зи дарду ғам худамро дур созам.

**Асроров дарро кушода, ба дарун медарояд. Ҳамрозаю Маҳмад Асроровро дида, шах мешаванд. Маҳмад ба сӯи тиреза меравад, мехоҳад аз тиреза барояд. Чун мебинад, ки тиреза панҷара дорад, баргашта, Асроровро бар дода, туфлиҳояшро гирифта заргӯшвор гурехта, аз хона мебарояд.**

**Ҳамроза**

**Тарсида ва канда-канда**

Зи Мас…кав …ин қ…адар зу…..д о…..ма…дед?

**Асроров Ҳамрозаро лату кӯб мекунад.**

-Оҳ!

**Асроров**

Ҳаромӣ, пӯстатро ҷо кунам коҳ!
Сабукпо, бешараф, ношукр, ҳайвон.
Ҷалаб, оқипадар, фарзанди Шайтон!

**Ҳамроза**

Маро бахш, ин яке ҳамдеҳа …

**Асроров**

О, шуд!

**Ҳамроза**

Зи модар ӯ паём овард …

**Асроров**

Ношуд!

**Бо ҳаяҷон ва канда-канда**

Ба ӯ … дар баста …рақсу бозию … базм,
Кам аст ин … куштанатро гар кунам азм!
Бимонад аз … сарат … зебоиҳоят,
Ҷавонӣ, … нозу нузи … дилрабоят.
Шавӣ ту кӯр бо ин носипосӣ,
Ба айшу нӯш бо як ношиносе.
Ту ё аз давлату савлат шудӣ маст,
Надонистӣ, ки мастӣ мекунад паст?

**Ҳамроза**

Магар ки бар замин афтод гардун,
Шудӣ девонаи аз ақл берун.
Якум занҳо, ки ҳатто бешуморанд,
Яке марди дигар хушдор доранд,
Хабар доранд шӯҳо, лек марданд,
Кафад сар, зери тоқӣ, - гуфта гарданд.

**Асроров**

Чунин мардон даюсанду разиланд!

**Ҳамроза**

Ба фикрам, беҳтарин марди асиланд!

**Асроров**

Ҳаётам шуд ҳаром аз ту, ҳаромӣ!

**Ҳамроза**

Будӣ умре ҳаромие ту номӣ!
Чӣ лоф аз покдоманӣ занӣ ту,
Ба ин рафтор гӯрат меканӣ ту.
Тамоми исту бисти ту ҳаром аст,
Надонам, ҷойи поки ту кадом аст.
Ҳама амволат аз пули ҳаром аст,
Зи хуну гӯшту пӯсти хосу ом аст.
Нигоҳубини ман, ки аз ҳаром аст,
Ҳалолоӣ маро ҳам фикри хом аст.

**Асроров**

Зи пешам гум бишав, фоҳишаи давр,

**Ҳамрозаро шаппотие зада**

Набинам афти ту!

**Ҳамроза**
**Сарашро дошта додзанон**
Ҳоло ҳамин тавр?!
**Ҳамроза доду вовайло мекунад, Асроров дар қаҳр дарро сахт пӯшида баромада меравад.**

**ПАРДА.**

## НАМОИШИ НУҲУМ

**Пешсаҳна.**
**Асроров ба ҳавлияш наздик мешавад. Ба пешвози ӯ фарзандонаш Аъзам, Акрам, Паригул ва Мавлуда мебароянд.**
**Паригул**
Падарҷон, дер кардӣ, рафт модар!
**Асроров**
**Куҷо!**
**Паригул**
Бар пеши Беҳрӯзу Санавбар!
**Мавлуда**
**Пойҳои падарашро ба оғӯш кашида**
Тула калд очаам даҳ бол фалёд,
Санавбал гуфту Беҳлӯз, баъд …
**Акрам**
Ҷон дод!
**Аъзам**
**Ҳангоми гапзанӣ забонаш мегирад.**
Чӣ мегӯйӣ … Паригул … з…зинда о…о…чам,
**Асроров**
Забонатро хӯрам, ҷони ман, Аъзам!
**Акрам**
Бале, шалпар шуда аз кори хона,
Ба хоби сахт рафтаст ин замона.
**Паригул**
Кунун моро сағира ном гиранд?

**Ба ҳавлиашон ишора карда**

Ҳамин ҷоро ҷазира ном гиранд?

**Мавлуда**

Шалам дигал кӣ мешӯяд паш аж ин,
Кӣ мегӯяд мала, э ҷони шилин?

**Аъзам**

Д…да….да бо з…зинда м….меша,
м…..модари м…ман?

**Мавлуда**

Пага бояд бишӯяд ӯ шали ман.

**Ҳама фарзандони Асроров аз паси ӯ ба ҳавлӣ медароянд. Парда кушода мешавад.**

**Маҷлисгоҳи суд. Раиси суд Шарифӣ, котибаи Асроров Зарнисор, Ҳамроза, Зафар Нуров, котибаи суд, фарзандони Асроров ва дигарон. Асроров дар паси панҷара нишастааст. Милисае дар назди он.**

**Шарифӣ**

Мурофиа шавад имрӯз анҷом
Зи рӯи кори Асроров Бахром.

**Ба сӯи котибаи суд нигариста**

Тамоми шоҳидон ин ҷой ҳастанд?

**Котибаи суд**

Ба ҷуз аз завҷааш

**Шарифӣ ба сӯи котибаи суд саволомез нигоҳ мекунад.**

3-олам гузаштанд.

**Шарифӣ**

Сухан бар Зарнисор – котибаи ӯ.

**Зарнисор**

Куҷо ман котиба, ҳамхобаи ӯ.
Зи тарси он ки ман аз як даҳан нон
Намонам, кардам, он чӣ дод фармон.
Аз ин гаштам кунун бехонумоне,
Куҷо роҳат, ки буд он як замоне.
Чу гашт огаҳ, талоқам дод шӯ зуд,
Бурун шуд аз димоғи ман зи ғам дуд.

**Овози Асроров**

Ба зери пом айшам мефизудӣ,
Дар ин се маҳ фаромӯшам намудӣ?
Маро аз шӯт боло мешумурдӣ,
Инонат пок бар ман месупурдӣ.
Ба ту ҳам хонаву дар карда додам,
Калиду муҳр бовар карда додам.
Аҷаб дунё …

**Шарифӣ**

Кӣ меомад ба пешаш?

**Зарнисор**

Зафар Нуров асосан, гоҳ Баркаш.
Прокурори шаҳр, аз суди олӣ,
Раиси чанд шаҳр, бемалоле.
Ва чандин кас буданд аз дастгоҳ ҳам
Яке Мансур, боз Олиму Адҳам.
Ҳамеша дар утоқаш ҷамъ буданд,
Тамоми рӯз ғайбат менамуданд.
Гаҳе чун менамудам гӯш, танҳо
Суханҳо нафрати давлат буд он ҷо.
Сухан аз доллару қочоқу зан буд
Ва барҳам хӯрдани давлат, Ватан буд.
Ба доллар мехарид исёнгаронро,
Занони поку дайдую ғаронро.
Утоқаш буд маҳрамхонаи ӯ,
Касофатхона, бадбӯ лонаи ӯ.
Ана, бо хоҳиши орган дар ин ҷо
Намудам сабт садҳо кори ӯро.

**Дискеро ба Шарифӣ медиҳад. Ва ба ҷояш менишинад.**

**Овози Асроров**

Ҷалаб, каждум будӣ дар зери бӯрё,
Шавӣ овора андар дори дунё!

**Шарифӣ**

Зафар Нуров, чӣ мехоҳед гуфтан?

**Овози Асроров**

Ягона ин рафиқи ҷонии ман.
Ҳимоятгар зарур не, чун Зафар ҳаст,
Аминам, ӯ маро гирад кунун даст.

**Нуров**
**Канда-канда ва бо овози ларзон**
Ч…чӣ г…гӯям ….
**Шарифӣ**
Зи бори охирин гӯ
**Нуров ба ин сӯю он сӯ назар меандозад.**
Чӣ андозӣ назар ин сӯю он сӯ!
**Нуров**
Надонам ман, аниқ …
**Шарифӣ**
Охир, кӣ донад?
Раис аз ту ниҳон чизе намонад.
**Нуров ба сӯи Асроров хиҷолатомез менигарад.**
**Овози Асроров**
Зафар, сад офарин, аҳсан, тасаддуқ,
Ту мардӣ, дигарон ҳастанд махлуқ!
**Шарифӣ**
**Ба Нуров таҳдидомез**
Ҳама бор аз таги дастат гузаштаст,
Забонатро касе оё бубастаст?!
Бигӯ ту рост, ҷурмат кам бигардад,
Чу бифребӣ, гуноҳат зам бигардад.
Зи бадномӣ шавӣ шояд ту озод,
Аз ин аҳлу аёли ту шавад шод.
**Нуров**
**Бо овози ларзон**
Ҳашиш як тонна, ду тон героин буд,
Чакида нуҳсаду ҳабдаҳ кило …
**Шарифӣ**
Зуд!
Ба ёд оред, моли дигаре ҳаст?
**Нуров**
Марихуан ҳазору шашсаду шаст.
Кило бошад…
**Шарифӣ**
**Ба коғазӣ рӯи мизаш назар андохта**
Дуруст, шин ба ҷоят…

**Овози Асроров**

Падарлаънат, бимирад бачаҳоят.

**Шарифӣ**

На, на, дорам саволе посухаш деҳ,
Ҷавобашро ҳамин ҷо гуфтанат беҳ.
Кӣ раҳбар буд ба ин радду бадалҳо?

**Нуров**

**Ба Асроров ишора карда**

Буд охир ӯ режиссёри амалҳо.

**Шарифӣ**

Пулаш бар ҷайби кӣ мегашт ворид?

**Нуров**

Навад фоиз ба Асроров.

**Асроров**

Манам зид!

**Шарифӣ**

Ба ту ҳоло сухан ҳиҷ кас надодаст.

**Асроров**

Зафар, аблаҳ, будӣ ту одами паст!

**Шарифӣ**

Бигӯ, Ҳамроза, шоҳид, шикваи худ?

**Овози Асроров**

Чӣ ман хоҳам шунид аз беваи худ?

**Ҳамроза**

Зани ӯям, аз ӯ ман бачча дорам,

**Ба шикамаш ишора карда**

Ана, аз нав аз ӯ ҳомиладорам!
Чӣ сон бе ёрии ӯ ман хӯронам
Ду фарзанди варо, охир, надонам.

**Зарнисор**

Ту аз ким-кӣ агар ҳомиладорӣ,
Аз ӯ обистанам …

**Ҳамроза**

ДНК дорӣ?

**Зарнисор**

Бале.

**Ба сӯи Шарифӣ коғазеро дароз карда**

Узр, раис, ман моҳу рӯзам.
Дурӯғе нест, дар дӯзах бисӯзам.

**Овози Асроров**

Ку он лофи муҳаббат, мочахарҳо,
Куҷо поси намак, эй очағарҳо!
Чу дар пастӣ биафтӣ, душмани туст
Зану фарзанду хешу маҳраму дӯст.

**Шарифӣ**

Кунун пурсишу баҳс анҷом ё бид.

**Овози Асроров**

Ва ахлоти маро карданд бас тит.

**Шарифӣ**

Ба ту охирсухан, Баҳроми Асрор,

**Асроров**

Сухан гӯям пас аз анҷоми ин кор.

**Саҳна лаҳзае торик мешавад ва боз равшан мегардад. Ҳама дар ҷои худ нишастаанд. Шарифӣ аз хонаи дарун ба сӯи минбар омадан мегирад.**

**Котибаи суд**

Зи ҷо хезед, суд ояд!

**Ҳама аз ҷо мехезанд.**

**Шарифӣ**

**Аз минбар**

Нишинед.
Кунун ҳалномаи судро бубинед!
Қарори Суди Олӣ, шаҳри Заргар,
Ба соли ҷорӣ, аз сиюми январ.
Ҷиноят карда ин Баҳроми Асрор
Зи рӯи ҳафт модда, худ шуд иқрор.
Басе бад истифода карда мансаб,
Намуда беш ношоиста матлаб.
Фурӯши моддаҳои нашъаовар
Ва даҳҳо ҷурму камбудии дигар.
Мутобиқан ба кодекси ҷиноӣ
Шавад дода ба омолаш баҳое.
Якум бо моддаи як сад ду ҳафтод,
Дуюм бо моддаи дусад биафтод.

Сеюм бо дусаду ҳаштоду нуҳ ҳам
Ва сесадду чаҳордаҳ мешавад зам.
Шавад маҳкум ӯ бар бисту шаш сол,
Ба давлат доданаш ӯро ҳама мол.
Намояд суд лутфе, созам изҳор,
Ба се вазъияти Баҳроми Асрор:
Ба наздикӣ бимурд оила ӯро,
Писар, ҳам духтари қинғола ӯро.
Чаҳор тифл ӯро хурдсол аст,
Бимондан бесаробоншон убол аст.
Агар гирад ба эътибор ин ҳол,
Кунад аз бисту шаш кам суд шаш сол.
Варо маҳбас барои кору бораш,
Бигирад бист сол андар канораш.
Қарор имрӯз гирад ҳукми қонун!

**Овози Асроров**

Шавӣ аз хубиҳоям кӯр, малъун!
Набошад ҷои гап, дигар чӣ созам,
Набардоранд дигар ҳеҷ нозам.
Ба ҳар маҳ мегирифтӣ ҳиссаатро,
Ҳаромӣ, пур намудам киссаатро.
Натонистӣ, ки гирӣ дастам ин бор,
Худо, дар ҳар ду олам гардӣ ту хор!

**Шарифӣ**

Ба ту охирсухан Баҳроми Асрор,
Бигӯ, чӣ гуфтанӣ дорӣ, гунаҳкор!

**Асроров**

Гумон кардед, ки манро бало зад?
На ону на шумо, танҳо Худо зад!

**Дар ҷояш менишинад ва сарашро байни ду дастонаш дошта сукут меварзад.**

**ПАРДА.**

**Тамошобинон аз ҷо хеста ҷониби баромадгоҳ рафтанӣ мешаванд. Як кас радиочае дар даст ба пеши саҳна мебарояд.**

**Овози шахси радио дар даст**

Биистетон, диҳетон муждагонӣ,
Расид акнун замони комронӣ!
Таваҷҷуҳе кунед акнун ба ахбор,
Ки бадхорон шуданд аз кор бекор!

**Овози нотиқи радио**

Бувад манзуратон ахбори кишвар,
Қарору амру фармонҳои сарвар.

**Овози нотиқи дигари радио**

Барои танзиму такмили кадрӣ,
Дарорам ислоҳоти корӣ қадре.
Нахустин амру фармону қарорам,
Бувад ин, мардуми овозадорам!
Диҳам фармон зи кор озод гарданд,
Ки қонунбишканӣ бисёр карданд:
Тамоми ин вазирон аз ҳамин дам,
Хӯрад барҳам вазоратҳояшон ҳам.
Вазири шолӣ озод аст аз кор,
Вазири каҳ, вазири молбозор.
Вазири моҳию гӯсфанди айлоқ,
Вазири подаю зардолуи қоқ.
Вазири ҳезуму ангишту кунда,
Вазири галла, аспони даванда.
Вазири реги дарё, хоки саҳро,
Вазирони сканворду муаммо.
Вазири … ҳам вазири … ҳам вазири …

**Овоз аз толор**

Тавонӣ, ки дигар номе нагирӣ.

**Хомӯшӣ.**

**АНҶОМ.**

# МУНДАРИҶА


Ватан ........................................................................ 3
Модарнома ................................................................ 29
Дунёи ҷавонӣ ............................................................ 57
Тифлию домони модар ............................................. 93
Фармони нахустин (драмаи манзум) ......................... 121

**САИДҚУЛ МИРАЛИЗОДА**
**САБЗАЕВ**

# ОЛАМИ МЕҲР

*(шеърҳо ва драма)*

Ороиши *Орзу Раҳмонӣ*
Муҳаррири ороиш *Ромиш Шералӣ*
Муҳаррири саҳифабанд *Меҳрӣ Саидова*

Ба матбаа 29.07.2015 супорида шуд.
Чопаш 31.07.2015 ба имзо расид. Андоза 60x84 1/16.
Ҷузъи чопӣ 12. Адади нашр 1000 нусха.

Муассисаи нашриявии «Адиб»-и
Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
734018, ш.Душанбе, кӯчаи Н.Қаробоев 17а

Дар чопхонаи «Матбуот» чоп шудааст.